ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович

# ВАТАНДӮСТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН ДАР РАВАНДИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

(Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Ихтисоси: 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсатшиносӣ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ

Роҳбарони илмӣ:
Ҳайдаров Р.Ҷ. – доктори илмҳои фалсафа
Сафарализода Х.Қ. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент

Душанбе – 2019

МУНДАРИЧА

Муқаддима …………………………………………………………… 3
БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ВАТАНДӮСТӢ…………………………… 15
1.1. Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он ………………………………….. 15
1.2. Тамоюлоти асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир…………………………………………………… 34
БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНШАВИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН………………………………………… 56
2.1. Нақши ниҳодҳои давлатӣ дар раванди тарбияи ватандӯстӣ…………………………………………………… 56
2.2. Роҳу воситаҳои асосӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолият 81
Хулоса……………………………………………………… 122
Рӯйхати адабиёти истифодашуда…………………………… 129

## Муқаддима

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Ватандустӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ ба шумор рафта, дар раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ ва амалияи сиёсӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Масъалаи ватандӯстию ватанпарастӣ дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ нақши махсус мебозад. Маълум аст, ки ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимою сиёсӣ, пеш ҳама, ба шуури сиёсии шаҳрвандони мамлакат таъсиргузорӣ намуда, ҳамеша ҳамсафари давлату миллат мебошад.

Чи гунае ки ба ҳамагон маълум аст, хотираи таърихӣ ва характери миллии тоҷикон дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад ва яке аз хусусиятҳои ин характер ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Аммо таърих гувоҳ аст, ки сатҳи баланди ватандӯстию ватанпарастӣ дар аксар маврид аз сиёсати пешгирифтаи давлат ва таълиму тарбияи миллӣ вобаста мебошад. Айни замон дар раванди тағйирёбии ҷаҳони муосир масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонони тоҷик характери умумимиллӣ бояд дошта бошад, то ки дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат ва дар амалишавии нақшаҳо ва стратегияҳои давлатӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардем. Вобаста ба ин Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2011 дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ чунин иброз намуда буданд: «Дар чунин шароити ҳассос ва зудтағйирёбандаи сайёра вазифаи имониву инсонии ҳар як шахси огоҳу бедордил ва ҳар як фарди бонангу номуси миллати сарбаланди тоҷик бояд аз таблиғи бедории миллӣ, зиракиву ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ватандориву ватандӯстӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ иборат бошад. Фақат дар ҳамин сурат ва танҳо бо заҳмати шабонарӯзии содиқонаву софдилона мо метавонем ҳамчун як нерӯи тавоно тамоми мушкилоти мавҷудаи ҷомеаи худро бартараф созем, нақшаву ниятҳои неки худро ба хотири ободиву шукуфоии Ватани маҳбубамон ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвари азизи соҳибистиқлоламон бо дасти пок ва дилу нияти нек иҷро намоем ва дар

ояндаи наздик зиндагии мардуми шарафманду сарбаланди Тоҷикистони озодро ба сатҳу сифати шоиста расонем»[1].

Чунин таваҷҷӯҳи хосса ба масъалаи ватандӯстию ватанпарастӣ бо он алоқаманд аст, ки дар раванди дигаргуншавии ҷомеа ва махсусан дар зери таъсири арзишҳои нави фарҳангию сиёсӣ муносибат ба ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстӣ тағйир меёбад. Қисми зиёди ҷавонон ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ ва фазои холии идеологӣ дармондаанд ва аз ин рӯ, масъалаи мазкур аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар сархати сиёсати давлату ҳукумат қарор гирифтааст.

Ватандӯстӣ ҳамчун объекти муҳими илмҳои сиёсӣ хусусиятҳои хос ва паҳлуҳои гуногун дорад, ки ҳангоми баррасии он хусусиятҳои бевоситаи сохти давлатдорӣ ва конститутсионии ҷомеа бояд ба инобат гирифта шавад. Пеш аз ҳама, ватандӯстӣ падидаи мураккаби иҷтимою фарҳангӣ буда, тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи таркибии маданияти сиёсии ҷомеа мебошад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз дар ташаккулёбии ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони мамлакат ва махсусан, ҳисси ватандӯстии ҷавонон як қатор омилҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар шароити авҷгирии зуҳуроти манфии худпарастӣ, манфиатпарастӣ, беномусӣ, бадхашмии беасос, муносибати беэҳтиромона нисбат ба давлат ва институтҳои иҷтимоӣ дар шуури ҷомеа бегонапарастӣ пурзӯр мегардад. Инро метавон бо дарназардошти ҳаёти иҷтимою сиёсии Тоҷикистон собит намуд.

Дар шароити Тоҷикистон ба натиҷаҳои бадастомадаи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию маънавӣ ва идеологии мамлакат нигоҳ накарда, дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар ҳанӯз ҳам омилҳои манфие ҷой доранд, ки ба раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ ва эъмори давлатдории миллӣ монеа эҷод менамоянд. Афсӯс, ки рӯйдодҳои охир дар ҷодаи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 20.04.2011 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/193 (санаи истифодабарӣ: 12.03.2018)

сиёсат, иқтисод ва фарҳанг аз даст додани баъзе хусусиятҳои тарбияи анъанавии ватандӯстиро инъикос менамоянд. Бинобар ин, дар чунин шароит аҳамияти тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии аҳолии мамлакат боз ҳам меафзояд.

Ватандӯстӣ ба эҳёи маънавии халқ, ташаккулёбии ҷомеаи ягонаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон такони ҷиддӣ мебахшад. Аз ин рӯ, ба вуҷуд овардани муносибатҳои илман асоснокгардидаи консептуалӣ нисбати ташкили тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, асосҳои назариявии он масъалаи мубрам маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки ҳанӯз ҳам дар илмҳои сиёсӣ моҳияти ватандӯстӣ, хусусиятҳои он, зарурият ва аҳамияти он барои рушди давлатдории миллӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло муҳиммияти омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ватандӯстиро ба таври зерин асоснок намудан мумкин аст:

Якум, моҳияти ватандӯстӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он бояд муайян карда шавад, то ки алоқамандии он бо рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии ҷомеа нишон дода шавад.

Дуюм, бо мақсади хубтару беҳтар намудани сатҳу сифати тарбияи ватандӯстии ҷавонон ташаккулёбии минбаъдаи назарияи ватандӯстӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд амалӣ карда шавад.

Сеюм, тағйироти амиқ ва сифатнок, ки бечунучаро тағйироти мувофиқро дар афкори ҷомеа талаб менамоянд. Чунки бе дигаргунии фарҳанги сиёсӣ, бе тағйироти куллӣ дар рӯҳия ва тафаккур одатҳои ақидавии замони гузаштаро паси сар кардан ва онҳоро бо тасаввуроти навин иваз кардан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, ташаккулёбии ақидаҳои муосири сиёсии ҳар як инсон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сохтори ҷомеаи башардӯстона, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ – яке аз вазифаҳои асосӣ ҳангоми гузариш ба сохтори нави ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Чорум, муҳиммияти ташаккулдиҳии ҳисси ватандӯстии аҳолии мамлакат бо манфиатҳои идеологии давлати соҳибистиқлол ва инчунин бо халои идеологӣ алоқаманд гардонида шуда, ин омил бо

дарназардошти хусусиятҳои ҳаёти ҷамъиятии охири солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-уми асри гузашта масъалаи ватандӯстӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле мубрам мебошад.

Таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаи ватандӯстӣ ва тафсири гуногуни мафҳуми «ватандӯстӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба омӯзиши ин масъала тарзу усулҳои гуногуни таҳқиқот истифода бурда мешаванд, ки ҳеҷ яке аз онҳо моҳияти ин падидаи мураккабро ба пуррагӣ шарҳ намедиҳанд.

Ба андешаи мо, дар адабиёти илмию таҳқиқотӣ, махсусан дар соҳаи илмҳои сиёсӣ масъалаи ватандӯстӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Дар омӯзиши табиат, моҳият ва мазмуни ватандӯстӣ бо дарназардошти тағйиротҳои ҷиддие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рух додаанд, танҳо аввалин қадамҳо гузошта шудаанду халос. Дар алоқа бо ин, ва инчунин бо зарурияти ҷустуҷӯйи муносибатҳои нав оиди тарбияи ватандӯстии ҷавонон, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯъ.** Ҳисси ватандӯстии ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида на танҳо дар замони муосир, балки ҳамеша дар тамоми давраҳои таърихии инсоният диққати мутаффакирон – файласуфон, олимони ҷомеашинос, ходимони сиёсӣ, арбобони фарҳангу ҳунарро ба худ ҷалб мекард. Ғайр аз ин, масъалаи ватандӯстӣ аз ҷониби муаллифони сершумор дар шароитҳои гуногуни таърихӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин вобаста бо ақидаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ва таъсири омилҳои гуногун, аз мавқеи шахсии шаҳрвандӣ ва махсусан бо дарназардошти шарту шароитҳои Ватани худ омӯхта шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки ба омӯзиши масъалаи ватандӯстӣ олимони шӯравӣ ва муҳаққиқони рус таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудаанд. Маҳз онҳо асосҳои назариявии ватандӯстиро ташаккул дода, ба ин васила табиат, моҳият, нақш ва ҷойгоҳи онро дар шароити ҳаёти сиёсии ҷомеа муайян намудаанд ва дар

омӯзиши масъалаҳои сиёсӣ донишҳои мазкурро мавриди истифода қарор додаанд.

Дар самти омӯзиши мафҳум ва моҳияти ватандӯстӣ, алахусус дар раванди баррасии хусусиятҳои муҳимми ин падида чунин олимон, ба монанди Афонин А.И., Беспалова Т.В., Левашов В.К., Лутовинов Л.И., Минаков В.А., Мирский Р.Я., Трифонов Ю.Н., Ходосов В.В.[1] ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Таҳқиқоти олимони мазкур ҳарчанд барои фаҳму дарки моҳияти ватандӯстӣ арзишманд бошанд ҳам, барои таҳлилу таҳқиқи ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон мувофиқ нестанд. Зеро муҳаққиқони мазкур дар атрофи ватандӯстӣ вобаста бо шароити мамлакати хеш андешаронӣ намуда, тавсияҳои онҳо бинобар сабаби гуногунрангии фарҳангӣ ва номувофиқатии мавқеъҳои ҷуғрофӣ барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон номувофиқ мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷониби олимони ватанӣ дар самти омӯзиши масъалаи ватандӯстӣ таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Аммо ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва паҳлуҳои гуногуни он дар асарҳои ҷудогонаи як қатор олимону муҳаққиқони ватанӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки барои омӯзиши ин масъала бо дарназардошти шароити Тоҷикистон хеле аҳамиятнок мебошанд. Дар миёни онҳо асарҳои илмию таҳқиқотӣ ва андешаҳои илмию сиёсии чунин олимон, ба монанди Маҳмадов А.Н., Ятимов С.С., Хидирзода М.У., Набиев В.М., Қудусов

[1] Афонин А.И. Политические основы патриотизма и его формирование в офицерском корпусе вооруженных сил Российской Федерации: дисс. … канд. полит. наук. –Монино, 2003. –180 с.; Беспалова, Т.В. Политический патриотизм // Т.В. Беспалова. – Ростов н/Д, 2004. –160 с.; Беспалова, Т.В. Патриотизм в современном российском политическом процессе: Автореф. дис. ... канд. полит. наук. – Ростов н/Дону, 2004. –24; Левашов В.К. Патриотизм в контексте современных социально- политических реалий // Социологические исследования. –2006. –№6. –С.67-76.; Лутовинов В.И. Патриотизм: проблемы формирования у молодежи в современных условиях / В.И.Лутовинов. – М.: ВУ, 1997. – 124 с.; Минаков В.А. К вопросу о методологии исследования патриотизма // Вестник Бурятского государственного университета. – 2010. –№14. –С.67-70.; Мирский Р.Я. Патриотизм советского человека: интернационализм, гражданственность, труд. - М.: Мысль., 1998. –320 с.; Трифонов Ю.Н. Сущность и основные проявления патриотизма в условиях современной России: автореф. дис. ... канд. филос. наук. - М., 1996. –26 с.; Ходосов, В.В. Генезис патриотизма в историческом дискурсе // Вестник. Серия «Гуманитарные науки». – 2003. – №1. – С. 55 - 56.

Х.С., Қурбонов С.М.[1] ва чанде дигарон хеле аҳамиятнок мебошанд. Дар таҳқиқоти олимони мазкур чунин масъалаҳо, ба монанди муҳаббат ва садоқат ба Ватан, дӯст доштани ватан ва монанди инҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Бояд гуфт, ки масъалаи ватандӯстӣ ва ташаккулёбии он дар байни аҳолии мамлакат дар асарҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба таври муфассал баён гардидаанд.[2]

Як қатор муҳаққиқон, аз қабили Асадулоев Р.Н., Миралиев К.А., Ашуров С.Б., Ҳодибоев Ф., Буриев Н.С. ва диг.[3] паҳлуҳои гуногуни сиёсати давлатии ҷавононро мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин замина масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистонро низ ба таври ҷузъӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар асарҳои олимони номбаргардида масъалаи ватандӯстӣ ба таври умумӣ баррасӣ гардида, бевосита объекти таҳқиқоти алоҳида қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки то имрӯз дар ҷумҳурӣ хусусиятҳои ватандӯстӣ дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат ба таври алоҳида таҳқиқ

---

[1] Маҳмадов А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ. Китоби дарсӣ. –Душанбе: Эр-граф, 2014. –220 с.; Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. – Душанбе: Авесто, 2009. – 92 с.; Маҳмадов А.Н. Андешаҳо перомуни вожаи «миллт» ва «идеяи миллӣ» // Маводи конференсияи илмӣ-назарявӣ. Душанбе, 2007. С.59-60.; Маҳмадов А.Н. Идеяи миллӣ – роҳбаладибзиндагии шоиста // Ҷумҳурият. №55 (22 192). 2013. 18-уми апрел.; Маҳмадов А.Н. Ҳикмати идеяи миллӣ дар беҳсозии ҷомеа // Садои мардум. №32-33. 2013. 18-уми март.; №36-37. 2013. 21-уми март.; Маҳмадов А. Н. Бунёди мафкураи бегона – таҳдид ба манофеи миллӣ // Садои мардум. №48 (3349). 2015. 02- юми апрел.; Ятимов С.С. О политической идеологии. –Душанбе, 2014.; Ятимов С.С. Идеология и национальный интерес. –Душанбе, 2014; Хидирова М.У. Сарварӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ. Душанбе, 2011; Набиев В.М. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе: Ирфон, 2013; Қудусов Х.С. Идеяи миллӣ – такягоҳи устувори ҷомеа // Садоми мардум. – №57 (3042). 14-уми майи соли 2013.; Қурбонов С.М. Пути и средства формирования патриотизма таджикского народа // Вестниу ТНУ. –2011. – № 4 (68).; Қурбонов С.М. Особенности формирования патриотизма таджикского народа. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2011.

[2] Рахмонов Э.Ш. Юбилей независимости и второй всемирный форум таджиков. – Душанбе: Шарки озод, 1993; Таджикистан на пороге будущего. – Душанбе: Шарки озод, 1997; Таджики в зеркале истории. Книга первая. От арийцев до Саманидов. – Душанбе-Лондон, 1999; Роҳи мо ба суйи ҷомеаи ҳуқуқбунёд. – Душанбе: Ирфон, 2000; Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания. В 4-х томах. – Душанбе: Ирфон, 2001. и др.

[3] Асадуллоев Р.Н. Молодежь в процессах демократизации общества. – Душанбе: Сарпараст, 2004; Миралиев К.А. Реализация государственной молодежной политики и её роль в укреплении потенциала молодежных движений Таджикистан в условиях развития современного общества. – Душанбе, 2006; Ашуров С.Б. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы. – Душанбе, 2007; Ходибоев Ф. Роль молодежи в развитии общества. – Душанбе, 2010; Буриева Н.С. Государственная молодежная политика в Республике Таджикистан. Душанбе, 2012.

нагардидааст. Дар таҳқиқоти мазкур тасаввуроти аниқ нисбати ватандӯстӣ ва дараҷаи мубрамияти он дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Ҳатто таҳқиқоте вуҷуд надорад, ки дар он ба таҳлили сиёсии хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ё баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии аҳолии мамлакат диққати махсус дода шуда бошад.

Зарурияти дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии аҳолӣ инчунин дар қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳою стратегияҳои давлатӣ низ мустаҳкам карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқот онҳо низ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд. Чунончӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши давлатии иҷтимоӣ», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010», Стратегияи давлатии сиёсати ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғ. Аз рӯи натиҷаҳои татбиқи Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки Барномаи мазкур қариби 90 % ҷавононро ҳамчун гурӯҳи мақсаднок фаро гирифта, ба ҳисси ватандӯстии ин қишри фаъоли ҷомеа таъсири мусбат расонидааст.[1]

Вазъи тарбияи ватандӯстӣ дар замони муосир, роҳҳо ва механизмҳои амалигардонии он дар шароити дигаргуншавии ҷомеа инчунин дар як қатор ҳуҷҷатҳо ва брошюраҳои методӣ таҳлил гардидаанд.[2]

---

[1] Паспорт Государственной программы «патриотического воспитания молодёжи Таджикистана на 2011-2013 годы». – Душанбе, 2010. – С.28.

[2] Стратегия государственной молодежной политики в Республики Таджикистан до 2020 г. – Душанбе, 20011.; Неъматов М.М. Муқаддасоти Ватан. – Душанбе, 2013; Нематов М.М. Ба муҳофизати Ватан омода бош. – Душанбе, 2013; Бойматов Л. Темурмалик. – Душанбе, 2006; Саидмуминов А.С. Краевед-Патриот. – Душанбе, 2002.

Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол масъалаи ватандӯстӣ ва дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани аҳолии мамлакат ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Бояд дастовардҳои имрӯза дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон пойдор гардонида шавад. Дар ҷодаи тарбияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва таблиғи ғояҳои башардӯстонаи ҷавонон бояд доимо барои ба даст овардани роҳҳои беҳтару самараноктар кӯшиш ба харҷ дода шавад.

Дар ин пажӯҳиш кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки хусусиятҳои муҳимми ватандӯстӣ, омилҳои иҷтимоию сиёсӣ ва маънавию ғоявии ташаккулёбии он мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Ҳамаи ин ва дигар масъалаҳо, ки дарки назариявӣ ва амалии ин падидаро талаб менамоянд, интихоби мавзӯъ, муайянсозии мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро асоснок намудаанд.

**Объекти таҳқиқот** – ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он.

**Предмети таҳқиқот** – хусусиятҳои раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мақсади таҳқиқот.** Бо дарназардошти дараҷаи коркарди масъалаи ташаккулёбии ватандӯстӣ мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ошкорсозии хусусиятҳои ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои татбиқи мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– таҳлили ҷанбаъҳои таърихию сиёсии назарияҳо ва консепсияҳои илмӣ, ки дар асоси онҳо мафҳуми «ватандӯстӣ», моҳият ва хусусиятҳои он муайян карда мешаванд;

– баррасии тамоюлоти асосии ташаккулёбии ватандӯстӣ дар шароити муосир, нишон додани унсурҳои таркибӣ ва мазмуни онҳо;

– таҳлили нақши институтҳои давлатии Тоҷикистон дар самти тарбияи ватандӯстӣ;

– ошкорсозии роҳҳои асосӣ ва махсусияти ташаккулёбии ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Навгонии таҳқиқоти илмӣ** аз он иборат аст, ки то имрӯз масъалаи ватандӯстӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида таҳқиқ нагардидааст ва дар илмҳои сиёсии мамлакат омӯзиши ин масъала таҳқиқоти нав мебошад. Навгонии илмии таҳқиқот инчунин аз он иборат аст, ки дар он вобаста ба мафҳуми ватандӯстӣ ва нақши он дар ҳаёти инсон ва ҷомеа ақидаҳои гуногун таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Ба таври мушаххас навгонии илмии таҳқиқоти мазкурро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– дар асоси таҳлили ҷанбаъҳои таърихию сиёсии назарияҳо ва консепсияҳои илмӣ мазмуну моҳияти ватандӯстӣ нишон дода шуда, хусусиятҳои муҳими ин падида ва қонуниятҳои ташаккулёбии он ба таври консептуалӣ омӯхта шудаанд;

– тамоюлоти асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор дода шуда, унсурҳои таркибии он, раванди ташаккулёбии он дар шароити муосир, махсусан зарурият ва муҳиммияти он асоснок карда шудаанд;

– нақш институтҳои давлатии Тоҷикистон дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд;

– роҳҳои асосӣ ва механизмҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда масъалаҳои раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ ва дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа дар мадди аввал гузошта шудаанд.

**Ба ҳимоя бандҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ заминаи арзишноке мебошад, ки ҳамгироии ҷомеаро таъмин менамояд ва ҳамчун меҳвари

ягонагӣ, субот ва пешрафтаи он ба шумор меравад. Дар баробари ин, ватандӯстӣ дар низоми арзишҳои умумиинсонӣ арзиши марказӣ мебошад. Он дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва махсусан дар шароити дигаргуниҳои ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

2. Муттаҳидшавии одамон дар шакли як умумият, ташаккулёбии ваҳдати миллӣ, дарки идеяи миллӣ ва ташаккулёбии идеологияи умумӣ дар давоми асрҳои зиёд ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, дар асоси дарки ватандӯстии тоҷикон фарҳанги ҳуқуқию сиёсии онҳо падидаи хеле нодир ба шумор рафта, истиқлолияти сиёсию миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам мустаҳкамтар менамояд. Ба он характери умумимиллӣ, худфидосозӣ, ҷавонмардӣ ва монанди инҳо хос аст.

3. Ватандӯстӣ, ки ҳамчун муайянкунандаи воқеияти муосир баромад наменамояд, барои паси сар намудани бӯҳрони системавии ҷомеа ва давлат, институтҳои муҳимми он, махсусан ҳаёти сиёсии ҷомеа, ҳамчун яке аз сарчашмаи азнавсозиҳои муваффақ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хеле зарур арзёбӣ мегардад. Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ табиат ва моҳияти сиёсӣ дорад ва аз ин рӯ он категорияи сиёсӣ маҳсуб меёбад.

4. Аз охири солҳои 80-уми асри гузашта дар шароити гузариш аз режими тоталитарӣ ба режими демократӣ, таҷдиди назариявии тамоюлҳои иҷтимоию сиёсӣ ва махсусан дар шароити ба даст овардани истиқлолият таваҷҷӯҳ ба ватандӯстӣ оғоз мегардад, ки ин барои таҳкими давлатдории миллӣ мусоидат намуда, ҳамзамон яке аз унсурҳои муҳимми давлати соҳибистиқлол ба шумор меравад. Бинобар ин, ватандӯстӣ ба монанди дигар падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ вазифаҳои муайянро иҷро менамояд. Муҳимтарини онҳо чунинанд: маърифатӣ, иҷтимоӣ – аксиологӣ, сафарбарнамоӣ, ташвиқотӣ, тарбиявӣ, иртиботӣ, муттаҳидкунанда. Танзими муносибатҳои сиёсӣ низ яке аз вазифаҳои муҳимтарини ватандӯстӣ мебошад.

**Асосҳои методологии тадқиқот** аз принсипҳои диалектикӣ, алоқаҳои мутақобила ва қонунияти объективии бо ҳам вобастагардидаи равандҳои

ҷамъиятию сиёсӣ иборатанд, ки онҳо аз стратегияи Ҳукумати Тоҷикистон оиди ташаккулёбии ҳисси ватандӯстии аҳолии ҷумҳурӣ бармеоянд. Дар раванди таҳқиқот методҳои илмии таҳлили сохторӣ, сохторию функсионалӣ ва муқоисавӣ истифода гардидаанд. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба хулосаҳои илмии олимони машҳури ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда, асосҳои консептуалии масъалаи ватандӯстиро ташаккул додааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Бояд қайд намуд, ки таҳлили як қатор масъалаҳои назариявию консептуалӣ ва истифодаи коркардҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқотии илмҳои сиёсӣ барои омӯзиши раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ дар шароити демократикунонии ҷомеа имконияти муосид фароҳам овардаанд. Таҳқиқоти мазкур имконият додааст, ки дар бораи ватандӯстӣ хулосаҳои илман асоснокшуда ба вуҷуд оварда шаванд ва масъалаи тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ дар шароитҳои объективӣ баҳогузорӣ гардад. Чунин, муносибат имкон додааст, ки хусусиятҳои рушди ташаккулёбии ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши минбаъдаи масъалаи ватандӯстӣ аҳамияти илмию назариявӣ дорад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки дар он асосҳои назариявӣ, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавию идеологии ватандӯстӣ муайян карда шудаанд. Бинобар ин, таҳлилҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур анҷом дода шудаанд, метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳангоми коркард ва татбиқи сиёсати идеологӣ ва миллӣ, махсусан ҳангоми такмили минбаъдаи раванди ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд. Инчунин маводи диссертатсия дар раванди таълими як қатор фанҳо, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, фалсафа, таърих, ҳуқуқ ва дигар илмҳои гуманитарӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар брошюра ва мақолаҳои илмии муаллиф ва баромадҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ ва байнидонишгоҳӣ пешниҳод гардидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, чаҳор зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ВАТАНДӮСТӢ

## 1.1. Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он

Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ таърихи тӯлонӣ дорад ва аз ин рӯ, аксари олимону донишмандон аз рӯи диди худ мавқеъ ва хусусиятҳои онро дар таърихи инсоният ифода менамуданд. Чунончӣ, файласуфи немис Гердер И.Г. вобаста ба хусусиятҳои ватандӯстӣ қайд намуда буд, ки рӯҳияи ҷомеа аз қонунҳои алоҳида, ки аз ҷониби одамони алоҳида муқаррар карда шудаанд, инкишоф наёфтааст ва он дар рӯҳияи ҳар як аъзои давлат тамоми давру замонҳо ва ҳамеша якнавохт зинда набуд; лекин эҳтимол дорад, ки ин рӯҳия ҳамеша дар байни юнониҳо зинда буд ва онро барои мо ҳатто аз ҳама ноадолаттаринҳо бо бухлу ҳасад ифода менамоянд; ҷанги юнониҳо ва ҳатто зулму ситами бераҳмтарин ва ҳатто одамоне, ки беинсофона ба накукориҳои шаҳрвандии юнониён хиёнат намудаанд… Охир ватандӯстӣ ва маърифат – ин ду меҳваре мебошанд, ки дар атрофи онҳо тамоми фарҳанги маънавии инсоният давр мезанад ва аз ин рӯ, Афина ва Спарта ҳамеша ду ёдгории бузурги санъати давлатӣ - аввалин маротиба ҳамчун ҷавон бардамона барои бадаст овардани мақсадҳои бузург дар ин ҷо боқӣ мемонанд.[1]

Аз андешаҳои Гердер И.Г. сар карда то замони муосир донишмандону муҳаққиқони зиёд роҷеъ ба масъалаҳои ватандӯстӣ, аҳамият ва зарурияти он андешаронӣ намуда, консепсияҳои мухталифро ташаккул додаанд. Айни замон моҳият ва табиати сиёсии ватандӯстӣ, мундариҷа ва хусусиятҳои он дар заминаи таҳлили ақидаҳои гуногун ва назарияҳои илмӣ имконпазир аст. Махсусан, омӯзиш ва таҳлил асарҳои файласуфон, адабиёти классикӣ ва муосир, инчунин таҳлил асарҳои

[1] Гердер И.Г. Идеи к философии истории человечества. –М.: Наука, 1977. –С.370.

илмие, ки бевосита ба омӯзиши масъалаи ватандӯстӣ бахшида шудаанд, хеле аҳамиятнок мебошанд.

Таълимот дар бораи ватандӯстӣ ҳамчун қисми таркибии назарияи умумӣ ба миён омадааст, ки мақсади асосии он ҳимояи манфиатҳои халқ мебошад. Ғояи ватандӯстиро олимони буржуазӣ дар даврае пешниҳод намуданд, ки дар он буржуазияи тавлидёфта бо феодализм барои ҳокимияти сиёсӣ мубориза мебурд ва дар мувофиқа бо шароитҳои аниқи сиёсӣ ва идеологии ҷомеа рушд меёфт. Агар ба назар гирифт, ки ватандӯстӣ дар натиҷаи қонунияти инкишофи таърихӣ ба миён омадааст, он қадар душвор нест муайян намуд, ки мафҳуми ватандӯстӣ дар як вақт дар мамлакатҳои гуногун дар давраи барқароршавӣ ва мустаҳкамгардии яккаҳокимиятӣ ба миён омадааст. Аммо вобаста ба давру замон, махсусан дар раванди тағйирёбии сохтори сиёсӣ ва дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ватандӯстӣ низ мазмун ва моҳияти худро тағйир медиҳад. Ин аст, ки бори аввал дар давраи Инқилоби бузурги Фаронса мафҳуми «ватандӯст» ҷойгоҳи худро дар луғатҳои сиёсӣ пайдо менамояд. Дар он замон, ватандӯстон дӯстони ватан ва озодӣ ба шумор рафта, одатан инқилобчиён, душманони яккаҳокимиятӣ, мухолифони ҳокимияти мутлақ ва феодализмро ватандӯст ном мебурданд[1]. Ватандӯстӣ «дини дунявии» ба худ хос гардид, ки бар ивази ғояҳои аз ҷониби калисо ҷоригардида ба миён омад.

Ғояҳои ватандӯстӣ дар рафти инқилоби буржуазии Фаронса дар асри XVII аз ҷониби Томас Гоббс ва Ҷон Локк пешниҳод гардиданд. Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ дар шароити бӯҳрони феодализм ба миён омада, дар асри XVII пеш аз инқилоби Фаронса ба сатҳи олии худ расидааст. Ҳатто таъсири ватандӯстӣ ба раванди баамалоии Инқилобҳои буржуазӣ хеле калон аст. Офарандаи назарияи ватандӯстӣ, ки манфиатҳои буржуазияи он давраро инъикос менамуд, файласуфи фаронсавӣ Жан-Жак Руссо ба ҳисоб мерафт. Ӯ ба мафҳуми Ватан ва

[1] Рогачев П.М., Свердлин М.А. Патриотизм и общественный прогресс. М.: Политиздат, 1974.280 с.

моҳияти он диққати хеле зиёд медод ва иброз менамуд, ки «Ватан - ин на танҳо замин, ки тамоми талаботҳои ҳаётии инсонро қонеъ мегардонад ва ӯро чунин одат ба ватан вобаста кардааст, ин на танҳо ҷой ва ашёи маъмулӣ, балки ватан муҳаббатест, ки ба мо наздик мебошад»[1]. Ӯ инчунин қайд менамояд, ки «Бигузор Ватан худро ҳамчун модари умумии шаҳрвандон зоҳир намояд, бигузор он манфиатҳое, ки аз онҳо дар Ватани худ истифода мебаранд, ӯро барои одамон азиз гардонад».[2] Давлат дар навбати худ ба одамон ҳисси кофии идоракунии ҷамъиятиро медиҳад, то ки онҳо худро озод ҳис намоянд. Чунин вазъ бояд аз тарафи қонун дастгирӣ карда шавад. «Ватан наметавонад бе озодӣ, бе накӯкорӣ ва накӯкор бе шаҳрвандон вуҷуд дошта бошад». Чунин формулаи хушку холӣ - «давлат – ин зарурият аст» - бо мазмуни маънавӣ, эстетикӣ ва инсонӣ пурра карда мешавад.

Барои Жан Жак Руссо ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ аз ҳам тафовут доранд ва аз муқобилгузории мафҳумҳои «инсон» ва «шаҳрванд» иборат мебошанд. Ба андешаи ӯ, ҳам шаҳрванд ва ҳам ватандӯст танҳо дар доираи миллат – давлат дарк карда мешаванд: «на шаҳрванд, на ватандӯст наметавонанд бешватан (космополит) бошанд. Онҳо ватандӯстиро ҳамчун ҳисси олӣ ва амиқ муайян менамоянд, ки ба худи онҳо муҳаббат мебахшад ... ва қувваеро медиҳад, ки ... онро ба ҳиссиёти аз ҳама қаҳрамонона табдил медиҳад»[3]. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки бори аввал тафовути шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ аз ҷониби Ж.Ж.Руссо муайян карда шудааст. Дар маҷмӯъ, ба андешаи ӯ, ватандӯстӣ накӯкории олиест, ки инъикосгари муҳаббати инсони озод нисбати худ ва ба воситаи худ нисбати Ватани худ мебошад.

Мутафаккири англис Томас Гоббс низ ба масъалаи ватандӯстӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда буд ва дар таълимоти ӯ ватандӯстӣ дар маънои муҳаббат нисбат ба ватан ва халқро ифода намудааст.

---

[1] Руссо Ж.-Ж. Трактаты / Под ред. А.З. Манфреда. – М.: Наука, 1969. –С. 448.
[2] Ҳамон ҷо. –С.20.
[3] Ҳамон ҷо. –С.20.

Бенедикт Спиноза мафҳуми ватандӯстиро ҳамчун назария ва амалияи ҳар як халқ, миллат ва давлат муаррифӣ намуда, зиёд намудани муҳаббат ба Ватан ва таҳкими онро аз тарбияи ватандӯстӣ вобаста медонад.

Гегел Г.Ф. зери мафҳуми ватандӯстӣ эҳсосеро дар назар дорад, ки дар вазъияти барои мамлакат хатарнок, вақте ки унсурҳои қаҳрамононаи характери халқидошта бо онҳо ифода меёбанд, зоҳир мегардад.[1]

Ватандӯстиро ҳамчун маҳсули ба ном «давлати мутлақ» ҳисобида, ақидаҳои худро бо назарияҳои материалистони фаронсавӣ муқобил гузошта, навиштааст, ки: «Ҳар як шаҳрванд дар алоҳидагӣ дар рӯҳияи халқ дорои ҷавҳари маънавии худ мебошад.. Лекин дар асоси ватандӯстӣ на..., балки дар дарки мутлақияти давлат нуҳуфтааст... Давлат аз шартномаи аниқи як шахс бо ҳама ва ё ҳама бо як шахс ва ё шахсони алоҳида ва ҳукумат байни ҳам асос наёфтааст. Иродаи умумӣ ифодаи иродаи шахси ҷудогона нест. Он иродаи умумӣ мебошад, ки барои фардҳо дар худ ва ё барои худ ҳатмӣ мебошад». Дар чунин шароит Гегел моҳияти сиёсии ватандӯстиро ба таври зерин хулосабарорӣ менамояд: «...тайёр будан барои додани доройи худ ва ҳаёти худ баҳри халқ ҳамон қадар зиёд аст ба монанди он, ки шахси алоҳида метавонад барои кори умумӣ бо иродаи худ ва мустақилона амал кунад ва ҳамон қадар зиёд ба давлат боварӣ эҳсос намояд».[2]

Гегел дар бораи ватандӯстӣ мулоҳизаронии худро идома дода, иброз медорад, ки: «Агар дар воқеъ ба фаъолияти одамон аз нуқтаи назари ҳуқуқ назар андозем, чунин манзараро дармеёбем: вақте ки давлат ҳуқуқҳои хусусии шахсони алоҳидаро ҳифз менамояд, шахси алоҳида бошад, пеш аз ҳама, моликияти худро дар назар дорад, аммо додани як қисми моликият ба давлат нигоҳдории боқимондаи онро ба куллӣ имконпазир мегардонад. Ватандӯстӣ, на бо чунин манфиат, балки аз дарки мутлақияти давлат бармеояд. Чунин кайфият, тайёр будан барои

---

[1] Гегель Г. Философия права. Т.2. –М.: Мысль, 1971. – С.70.
[2] Гегель Г. Введение в философию (философская пропедевтика). – М., 1927. – С.75.

додани тамоми дороии худ ва ҳаёти худ ба хотири ягонагии халқ, ҳамон қадар зиёд аст, агар шахси алоҳида тавонад барои кори умумӣ аз рӯи иродаи худ ва мустақилона амал намояд ва ҳамон қадар зиёд ӯ нисбати давлат боварӣ ҳис намояд»[1]. Г.Гегел ватандӯстиро танҳо ҳамчун «натиҷаи муқаррароти дар давлат мавҷудбуда муайян менамояд, ки дар онҳо дурандешӣ воқеӣ аст».[2]

Дар рушди таълимоти ватандӯстӣ ва муайянсозии нақши он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таълимоти марксистӣ – ленинӣ саҳми арзанда гузоштааст. Дар он Ватан на танҳо ҳамчун зодгоҳ («диёри аҷдодӣ») ва на ҳамчун миллати дорои забони модарӣ, умумияти ҳудудӣ, ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ, балки Ватан бо сохтори иқтисодӣ ва сиёсӣ, муносибати мутақобилаи синфҳо муайян карда мешавад. Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки маҳз муҳити сиёсӣ назар ба муҳити иқтисодӣ ва фарҳангӣ серҳаракат буда, бевосита зуҳури шуури ватандӯстиро муайян месозад.

Бояд гуфт, ки марксизм ҳамчун таълимоти пайдарпайи инқилобии пролетариат аввалин бор аз ҷониби К.Маркс ва Ф.Энгелс дар «Манифести Ҳизби коммунистӣ» (соли 1848) дарҷ гардидааст, ки дар он ҳисси ватандӯстии онҳо ошкор карда шудааст. Муаллифони «Манифест» изҳор намудаанд, ки коргарон ватан надоранд ва аз онҳо он чиро, ки онҳо надоранд, гирифта намешавад. Азбаски пролетариат худ ҳоло миллӣ мебошад, ҳарчанд на ба он маънӣ, ки онро буржуазия мефаҳмад, он бояд аввал ҳукмронии сиёсиро ба даст биёрад, то сатҳи синфи миллӣ барояд, ҳамчун миллат пойдор бошад[3]. Дар ин фишурда К. Маркс ва Ф. Энгелс муносибати пролетариати мамлакатҳои капиталистиро нисбати ватани буржуазӣ ифода намудаанд. Ватан муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мавҷуда мебошад. Дар ватан моҳияти синфии он асосӣ маҳсуб меёбад. То он вақте ки оммаи меҳнаткашон ҳокимияти сиёсиро ба даст наоранд, онҳо дорои ватани ҳақиқӣ шуда наметавонанд. Аз ин

---

[1] Гегель Г. Работы разных лет. В 2 томах. Т.2. – М., 1971. –С. 346.
[2] Гегель Г. Философия права. – М.: Изд-во «Директмедиа Паблишинг», 2003. – С. 292
[3] Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. Т.4. – М., 1960. –С. 444. 11

муқаррарот бармеояд, ки пролетариат ва дигар табақаҳои истисморшавандаи ҷомеа бояд нисбати Ватани худ, нисбати ҳифзи он аз душманон ва ғ. бепарво набошанд. Тақдири Ватан, Меҳан танҳо барои синфҳои истисморгар фарқ надорад. Вақте ки сухан дар бораи ҳифзи манфиатҳои худ, моликияти хусусӣ, ҳокимияти сиёсӣ меравад, онҳо тамоми суханҳои зебои худро дар бораи муҳаббат ба ватан фаромӯш месозанд.[1] Ба андешаи марксистон, пролетариат бояд ҳокимияти сиёсиро ба даст орад ва худ ва Ватани худро нисбати синфҳои истисморгар муқобил гузорад.

Рушди минбаъдаи таълимоти марксистӣ дар зери таъсири андешаҳои В.И.Ленин ба амал омадааст. Ба андешаи В.И.Ленин, ватандӯстӣ «ҳиссиёти амиқе мебошад, ки тӯли садсолаҳо ва ҳазорсолаҳо аз ҷониби тамоми ватанҳо ва ватанхоҳони алоҳида тақвият меёфт».[2] Муқаррароти ибтидоии ақидаҳои ленинизм нисбати моҳияти ватандӯстӣ ин муқоисаронӣ мебошад, яъне муқоисаи ватандӯстии «кӯҳна», ки ба форматсияи капиталистӣ хос аст ва ватандӯстии «нав», ки дар ҷомеаи сотсиалистӣ рушд меёбад. Ватандӯстии сотсиалистӣ аз рӯи ақидаи В.И. Ленин, дорои заминаи сифатан нави сиёсӣ ва иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғоявӣ мебошад, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Ҷанбаҳои сиёсии ватандӯстии «нав»-ро демократияи сиёсӣ ташкил медиҳад, ки ҳуқуқҳои сиёсиро барои тамоми меҳнаткашон новобаста аз мансубияти миллӣ таъмин менамояд;
2. Ҷанбаҳои иқтисодии он – пойдории моликияти ҷамъиятӣ, рушди тахассуснокӣ ва кооператсия мебошад;
3. Заминаи иҷтимоӣ – баланд бардоштани нуфузи синфи коргар ва муттаҳид намудани он бо синфи заҳматкашон;
4. Ҷанбаҳои ғоявии ватандӯстӣ – ғояи марксистӣ-ленинӣ мебошад.

[1] Хромов С.С., Калашников В.Л., Шишов Н.И. Интернационализм и патриотизм: история и современность. М.: «Высш. школа», 1977. С. 25
[2] Ленин В. И. Поли. собр. соч. Т. 37. С. 190.

Хамин тариқ, шарти асосии таъсиси ватани сотсиалистӣ, ташаккулёбии ватандӯстии нав бо роҳи барҳамдиҳии синфҳои истисморкунанда, ҷорисозии диктатураи пролетариат, тасдиқи моликияти ҷамъиятӣ бо воситаҳои истеҳсолот мебошад.[1]

Баъдан В.И. Ленин иброз медорад, ки ватандӯстии сотсиалистӣ на бо «шовинизми буржуазӣ», на бо миллатгароӣ гунҷоишнопазир аст. Шовинизм ва миллатгароӣ, ки бо шуури ҷамъиятӣ неву бо шуури инфиродӣ алоқаманданд, аз бисёр ҷиҳат бо таъсири «микромуҳит» шартнок мегарданд ва сабабҳои пайдоиши онҳо аз нобаробарии миллатҳо аз рӯи сатҳи рушди иқтисодӣ ва фарҳангиашон мебошанд.[2]

Хатари миллатгароӣ аз он иборат аст, ки тарафдорони он аз ватандӯстӣ сӯитстифода менамоянд, зери ниқоби ватандӯстон, муҳофизатгарони ҳақиқии манфиатҳои миллӣ паноҳ мебаранд, лекин онҳо хоинона интернатсионализмро ҳамчун муносибати манфӣ нисбати миллат ва халқияти ҷудогона тасвир менамоянд.

Мутаффакири дигари немис Ф. Нитсше дар бораи ватандӯстӣ андешаронӣ намуда, онро ҳамчун «ҳисси одии сиёсӣ» муаррифӣ намуда, мавҷудияти решаҳои табии пайдоиши онро қайд менамояд. Ватандӯстӣ аз ҷониби ӯ ҳамчун «инстинкт» муаррифӣ мегардад.[3] Ишораи Ф. Нитсше ба давлат ҳамчун объекти асосии ватандӯстӣ аҳамияти махсус дорад, давлат ва ватандӯстӣ бошад, ба андешаи ӯ, «бе тасдиқи шахсият вуҷуд дошта наметавонанд».[4]

Дар бораи ватандӯстӣ олимони рус низ андешаҳои хеле ҷолиб баён намудаанд. Дар миёни онҳо асарҳои В.С. Соловев хеле аҳамиятнок мебошанд. Ӯ муътақид аст, ки «дарки аниқи уҳдадориҳои шахсӣ нисбати ватани худ, инчунин иҷрои дурусти онҳо накукории ватандӯстиро ба

[1] Ленинизм и национальный вопрос в современных условиях. Изд. 2-е. – М.: Политиздат, 1974. – С. 329 -331.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 335
[3] Ницше Ф. Рождение трагедии или эллинство и пессимизм. – М.: Изд-во «Директмедиа Паблишинг», 2003. –С.139.
[4] Ҳамон ҷо. –С.140.

миён меоранд»[1]. В.С. Соловев дар таълимоти худ ба масъалаи ватандӯстӣ диққати хеле зиёд додааст. Ақидаҳои файласуф нисбати «ватандӯстии қалбакӣ» хеле диққатҷалбкунанда мебошанд, ки дар он ӯ се навъи онро аз ҳам фарқ менамояд: «ватандӯстии беандеша, ки ба ҷойи фоидаи дилхоҳ зарар меорад ва халқҳоро ба сӯи марг мебарад»; «ватандӯстии холӣ, ки танҳо даъвои беасосро ифода менамояд» ва «ватандӯстии бевосита бардурӯғи танҳо ҳамчун ниқоб барои ниятҳои разилонаи тамаъкорона хизматкунанда»[2].

В.С. Соловев ватандӯстии ҳақиқӣ ва ё муҳаббат нисбат ба халқу ватанро ба ватандӯстии бардурӯғ муқобил мегузорад. Ба андешаи ӯ, муҳаббати ҳақиқӣ нисбати ягон нафар дар он ифода меёбад, ки мо хоҳиш дорем ва кӯшиш менамоем, ки ба шахси дӯстдорамон тамоми неъматҳои на танҳо маънавӣ, инчунин моддиро муҳайё созем, лекин таъмини неъматҳои моддиро бевосита бо шарти таъмини неъматҳои маънавӣ муҳайё созем. Ин – заминаи тасаввуротҳои ӯ дар бораи таносуби ватандӯстӣ ва беватанӣ (космополитизм) аст.

В.С. Соловев аз таърих намунаҳои гуногунро мисол оварда, ба чунин хулосае меояд, ки агар худи халқ барои худаш мақсади ягона набошад ва манфиати моддии мавҷудияти худро идеали олӣ нашуморад, он гоҳ ҳар як инсон ҳуқуқи муҳаббат ба халқи худ, хидмат ба манфиатҳои ӯро аз талаботҳои маънавӣ боло мегузорад. Монанди ин, агар халқ бо эҷодиёт ва худогоҳии воқеии худ дар ҷаҳон худро исбот намояд, он гоҳи ватандӯсти ҳақиқӣ низ наметавонад баҳри «фоидаи» пешбинигардидаи халқи худ иттиҳодро бо дигарон канда намояд, бегонагонро бад бинад ва ба онҳо нафрат дошта бошад. Чунин ватандӯстӣ қалбакӣ аст, ки дар мухолифат на бо бегона, балки бо халқи худ дар саъю кӯшишҳои беҳтарини худ мебошад.

---

[1] Соловьев В. Национализм. Патриотизм // Новый Вавилон. – 1994. – №1. – С.35.
[2] Соловьев В.С. Национальный вопрос с нравственной точки зрения. – М.: Мысль, 1990. – С. – С.359

Душмании миллиро, ки дар асл вуҷуд дорад, В.С. Соловев «далели зоологӣ» меномад[1], ки бо шуури инсонӣ аз ҷониби худи халқҳо маҳкум карда шудааст. Бар зидди ватандӯстӣ  ва ё миллатгароии қалбакӣ, ки бартарии «инстинктҳои ҳайвониро» аз болои худогоҳии олии миллӣ дастгирӣ менамояд, В.С. Соловев беватаниро (космополитизмро) мегузорад, ки истифодаи бечунучарои қонуни маънавиро бе ягон гуна муносибат бо фарқиятҳои миллӣ талаб менамояд.

Дар интиҳо, В.С. Соловев ба чунин хулосае меояд, ки ватандӯстӣ ҳисси табиӣ ва асосӣ, ухдадории бевоситаи шахс нисбат ба ҷомеаи худ мебошад ва дар як вақт ин ҳиссиёт аз хусусиятҳои зоологии худпарастии халқӣ ва ё миллӣ озод мегардад.

Чунин андешаҳо дар асарҳои Н.А. Бердяев идома дода мешаванд. Ба андешаи ӯ, «ватандӯстӣ инъикосгари мактаби бузурги шаҳрвандӣ дар даврае мебошад, ки он барои Ватани худ хатарнок аст»[2]. Ватандӯсти ҳақиқӣ барои мутаффакир маънии «хизмат ба он аст, ки бояд бошад», ва ҳамеша «ба чашмони ба ҳақиқати аз ҳама талхтарин нигоҳкунанда» мемонад[3].

Н.А. Бердяев миллатгароӣ ва ватандӯстиро аз ҳам фарқ менамояд. «Дар ватандӯстӣ ҳаёти муассир бештар бетакаллуф ва табиӣ аст, ва он пеш аз ҳама, зоҳиргардии муҳаббат нисбати ватани худ, замини худ, халқи худ мебошад»[4]. Ватандӯстӣ, бечунучаро арзиши муассир аст ва он такмилро наметалабад. Мутаффакир чунин меҳисобад, ки пурра вуҷуд надоштани ватандӯстӣ  вазъи ғайримӯътадил ва нуқсондор арзёбӣ мегардад. Миллатгароӣ он қадар табиӣ нест, ва аллакай баъзе такмилоти ҳаёти муассир вуҷуд дорад. Миллатгароӣ худро бо давлат зич алоқаманд месозад ва аз ин рӯ, он аллакай сарчашмаи ҷангҳо маҳсуб меёбад.

[1] Ҳамон ҷо. –С.360.
[2] Бессчетнова О.В. Патриотизм как морально-нравственная компонента личности современной учащейся молодежи // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2011. – №2. – С.137-140.
[3] Бердяев Н.А. Судьба России. – М.: Советский писатель, 1990. – С.208.
[4] Ҳамон ҷо. – С.316.

Миллатгароӣ боз ҳам зичтар бо бадбинӣ нисбати бегонагон аст. Бо ин ватандӯстӣ дар фаҳмиши ӯ инъикосгари муносибати на танҳо меъёрӣ, оммавӣ нисбати ватан мебошад, ки аз берун муайян мегардад, балки ҳисси шахсии инсон аст, ки дар ботини шахсият ҳамчун муҳаббат эҳё мегардад.

Дар шароити муосир ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар ду шакл баррасӣ мегардад. Ба андешаи гурӯҳи аввал, дар шароити ҷаҳонишавӣ ватандӯстӣ падидаи ирсӣ мебошад, намояндагони гурӯҳи дуюм бошанд, ватандӯстиро ҳамчун алтернативаи фарҳанги ҷаҳонишавӣ ва бесватанӣ (космополитизм) муаррифӣ менамоянд. Ба андешаи онҳо, ватандӯстӣ имконият медиҳад, ки мустақилияти иҷтимоию фарҳангӣ ва соҳибистиқлолии халқҳо нигоҳ дошта шавад. Мувофиқан, чи қадаре, ки ҷаҳонишавӣ худро сермаҳсул нишон диҳад, ҳамон қадар давлат бояд оиди нигоҳдории ягонагии тамаддунии худ ғамхорӣ намояд, ки дар чунин шароит амалигардонии ғояҳои ватандӯстӣ дар ҳар як ҷомеа боз ҳам тақвият меёбад.

Масъалаи ватандӯстӣ дар асарҳои ҷудогонаи олимони тоҷик низ то андозае баррасӣ гардидаанд. Ба андешаи сиёсатшиноси тоҷик Муҳаммад А.Н., ватандӯстӣ яке аз бузургтарин ҳиссиётест, ки барои инсонҳо муҳимияти махсус дорад. Ба андешаи ин донишманд, нишонаҳои ватандӯстӣ дар ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шудаанд. Бо мурури замон ҳисси дилбастагӣ ба замин ва забони худ бод арки вазифаҳои шаҳрвандӣ дар назди ҷамъият пайваст гардид. Кӯшиши одамон барои инкишофи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании ватани худ, ҳифзи он аз истилогарони хориҷӣ нишонаи барҷастаи ватандӯстӣ аст. Ватандӯстӣ дар замони капитализм бо пайдоиши миллат ва давлатҳои миллӣ ба қисми ҷудонашавандаи шуури ҷамъиятӣ табдил ёфтааст[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон болоравии аҳамияти ватандӯстӣ бо муттаҳидсозии ҷомеа алоқаманд гардонида мешавад, чунки маҳз шуури ватандӯстии сокинони мамлакат муайянкунандаи мавқеи шаҳрвандӣ ва

[1] Ниг.: Муҳаммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. –Душанбе: Эр-граф, 2016. –С.49.

фаъолнокии иҷтимоии онҳо мебошад. Раванди барқарорсозии шуури ватандӯстӣ характери серҷанба дорад ва аз чунин масъалаҳо иборат аст: беҳтар сохтани сатҳу сифати ҳаёти тоҷикистониён; вазифаҳои тарбияи оилавӣ; ҷустуҷӯйи роҳҳои ташаккулёбии шуури таърихӣ; ҷустуҷӯйи шаклҳои истифодаи васеи паҳлӯҳои рамзӣ ва маросимӣ дар кори идеологӣ ва тарбиявӣ; бартарафсозии қадрношиносӣ ва хубтару беҳтар ба роҳ мондани қадрдонии фарзандони фарзонаи мамлакат; якҷоякунии оқилонаи рамзҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ.

Бояд қайд намуд, ки ватандӯстӣ – яке аз сифатҳое мебошад, ки барои насли ҷавон зарур аст ва дар тамоми консепсияҳои муосири пешгӯикунанда ишора мегардад. Ташаккулёбии ватандӯстӣ бо ташаккул ва рушди ҳуввияти шаҳрвандии ҷавонон зич алоқаманд аст.

Ҳуввияти шаҳрвандӣ асоси худогоҳии гурӯҳӣ буда, асоси ҷомеаи шаҳрвандиро инъикос менамояд ва дар давлат нақши ҳамгироёнаро мебозад. Ноустуворunion ҳуввияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони муосир таназзули шуури ҷамъиятиро ба миён меорад, имкониятҳои пешрафти идеологияҳои авторитарӣ, тоталитарӣ ва нажодпарастиро афзун менамояд. Сафарбарии сиёсати тобиши миллидошта, ки дар ҳазорсолаи нав қатъ намегардад – ин аксуламал ба талафоти интернатсионализми шӯравӣ ва кӯшишҳои ташаккулёбии ҳуввияти нави демократии ба Аврупо ҳамгирошуда – ба сифати омили низоъбарпокунанда баромад менамояд. Дар як вақт дар давраҳои тағйиротҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, ки бо вайроншавии механизмҳои ҳаммонандсозии умумиятҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ тавсиф ёфтаанд, одамон ҳатман «шуури шикастаи» саросемагӣ, беҳаракатӣ, беиродагӣ, тарси воҳимаангез ва бадхашмиро ҳис менамоянд. Ҳувияти шаҳрвандӣ арзишҳои классикии давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро баробар месозад. Зинда мондани демократия дар ҷомеаи мо, ҳамин тариқ, дар навбати аввал, аз дарки зарурияти ташаккулёбии ҳуввияти мусбии умумишаҳрвандӣ вобастагӣ дорад.

Ивазшавии шуури ҷавононро бо андозаи муайян метавон ҳамчун ивазшавии оянда баррасӣ намуд, ки аз мавқеи он хусусияти рафтори ҷавон қобилияти таъмини ҳам муваффақияти худ ва ҳам дар як вақт – эҳё ва тараққӣ додани Ватан мебошад. Ва ҳарчанд имрӯз масъалаҳои рушди иҷтимоию сиёсии мамлакати мо ба таври пурра ҳалли худро наёфтааст ва он шарҳу эзоҳро талаб менамояд, шартҳои зарурии пешрафти Ватан сифатҳои зерини меъёрии рафтории шахсият мебошанд: тақводорӣ, ки дар ташаккулёбии талаботҳо нисбати азхудкунӣ ва истеҳсоли арзишҳои фарҳангӣ таҷассум меёбад; инсондӯстӣ, ки аз эътирофи хударзишнокии ҳар як шахсият иборат аст; демократизм, ки маънии эътироф ва амалигардонии принсипи ҳуқуқҳои инсон, қобилияти иштирок дар идоракунии давлатӣ ва ҷомеаро дар шароитҳои рақобати иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад; ватандӯстӣ, ки ташаккулёбии худогоҳии миллӣ – давлатиро талаб менамояд[1].

Ватандӯстӣ  дар мувофиқа бо шуури ватандӯстӣ ба миён меояд. Он робитаи воқеии субъекти ватандӯстиро бо предмети таъсиррасонии худ инъикос менамояд. Ба таври дигар, ин «шабакаи» ба худ хосе мебошад, ки бо он таҳвили тамоми навъҳои таъсиррасонии фард ба Ватан амалӣ карда мешавад. Фаъолияти ватандӯстона – татбиқи моддии шуури ватандӯстона мебошад. Он ҷанбаи дарвоқеъ эҳсосшавандаи ватандӯстӣ мебошад.[2]

Солҳои охир баъзе аз муҳаққиқон дар асарҳои худ ҷанбаҳои сиёсии ватандӯстиро ҳамчун рушди босуботи давлат баррасӣ менамоянд. Чунончӣ, муҳаққиқи рус А.И.Афонин, ҷанбаҳои сиёсии ватандӯстиро дида баромада, қайд менамояд, ки «ватандӯстӣ – ин ҳисси таърихан шартнокгардида ва бо анъанаҳои беҳтарин асосёфтаи инсон мебошад, ки

[1] Кадацких И. Ю. Этническое самосознание русской молодежи в условиях исторического межэтнического взаимодействия // Территория науки. – 2007. – № 2. – С. 274-278.
[2] Артемьева Т.Н. Методологический аспект проблем способностей. – М.: Наука, 1978. – С.98.

муҳаббат, эҳтиром, ҳурмат ва дастгириии манфиатҳои миллии Ватан, тайёрии ботиниро нисбати ҳифзи фидокоронаи он инъикос менамояд[1].

Ба андешаи А.Ф.Никитин, «ватандӯсти воқеӣ инсонеро ҳисобидан мумкин аст, ки доимо солимии ҷисмонӣ ва маънавии худро тақвият мебахшад, хуб тарбия ёфтааст, маълумотнок ва бомаърифат мебошад, дорои оилаи хуб буда, аҷдодони худро эҳтиром менамояд, насли худро бо анъанаҳои беҳтарини гузаштагони худ тарбия менамояд, манзили худро дар вазъияти сазовор нигоҳ медорад ва доимо маишати худ, тарзи ҳаёт, фарҳанги рафторашро беҳтар намуда, ба манфиати Ватани худ фаъолият намуда, дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва ё ташкили тамоюлоти ватандӯстӣ, яъне ки ба муттаҳидсозии шаҳрвандон равонакардашуда, барои ба даст овардани мақсадҳои ватандӯстона ва иҷрои муштараки масъалаҳои ватандӯстона ва рушди Ватани худ дар роҳи солимгардонӣ, афзункунии миқдори ҳамватанони маърифатноки худ иштирок намояд».[2]

Луғатдони шинохтаи рус В.И. Дал ватандӯстиро ҳамчун «муҳаббат ба Ватан» шарҳ додааст.[3] С.И. Ожегов нисбат ба мафҳуми ватандӯстӣ таърифи зеринро пешниҳод намудааст: «Ватандӯстӣ – вафодорӣ ва муҳаббат нисбати ватани худ, нисбати халқи худ мебошад».[4] Дар луғати Ю.И. Аверянов ватандӯстӣ ба таври зерин шарҳ дода мешавад: «Ватандӯстӣ – ин муносибати муассир нисбати Ватани худ мебошад, ки дар тайёрии бечунучаро барои хизмат ба ӯ, инчунин ҳифзи он аз душманон ифода меёбад».[5]

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ дар тамоми таърифҳои дар боло қайдгардида ҳамчун муҳаббат ба Ватан ва диёр, мамлакат ва халқи азиз, инчунин ифтихор аз дастовардҳои он намудор мегардад.

Аммо дар муқобили андешаҳои боло, Л.Н. Толстой ватандӯстиро ҳамчун ҳисси «бад ва зараровар» тавсиф менамояд: «ватандӯстӣ ҳисси

---

[1] Афонин А.И. Политические основы патриотизма и его формирование в офицерском корпусе вооруженных сил РФ: дисс. канд. полит. наук. –Монино, 2003. –С.35.
[2] Никитин А. Ф. Гражданеведения. –М., 1991. – С.326.
[3] Даль В.И. Толковый словарь русского языка. – М.: Астрель АСТ, 2006. С.627.
[4] Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка. – М.: А ТЕМП, 2004. С.496.
[5] Политология. Энциклопедический словарь. – М.: Изд-во Моск. коммерч. ун-та, 1993.

бадахлоқона аст, чунки ба ҷойи он, ки худро фарзанди Худо эътироф намояд, чи хеле ки моро насроният таълим медиҳад, ва ё инсони озод, ки бо хиради худ амал менамояд, ҳар як инсон зери таъсири ватандӯстӣ худро фарзанди ватани худ ва канизи ҳукумати худ эътироф намуда, бар хилофи хираду виҷдони худ амалҳои гуногун содир менамояд»[1].

Чунин савол ба миён меояд, оё давлат объекти ватандӯстӣ мебошад ё не? Зоҳиран, давлат мушобеҳи Patria, ва ё як чизи томи сиёсӣ нест, ки мо онро бо сифати объекти ватандӯстӣ гирифта бошем. Ватандӯстӣ бо пайдоиши давлат ба миён меояд, лекин, аз нуқтаи назари мо, агар объекти ватандӯстӣ танҳо ба давлат нигаронида шуда бошад, он ғайриқонунӣ аст. Дар чунин шароит саволе ба миён меояд, ки оё дар як вақт ҳам ватандӯст будан ва ҳам мухолифи давлат баромад намудан мумкин аст? Эҳтимолан, мумкин аст. Чи хеле ки дар боло қайд гардид, Patria ва давлат бо ҳам мувофиқ намеоянд. Бинобар ин, шаҳрванд, ки бечунучаро ба ин ягонагии сиёсӣ вафодор аст, метавонад танқидкорона ба фаъолияти давлат муносибат намуда, бар зидди манфиатҳои он баромад намояд.

Лекин таҳлили консепсияҳо ва назарияҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки ватандӯстӣ яке аз муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад ва пеш аз ҳама бо соҳаи сиёсии ҷомеа алоқаманд аст. Ватандӯстӣ ба соҳаи сиёсии ҷомеа ворид карда шуда, берун аз сиёсат танҳо маҷозан истифода бурда мешавад.

Тавсифоти боз ҳам васеи ватандӯстиро муҳаққиқи рус В.И. Лутовинов додааст. Ӯ қайд менамояд, ки «ватандӯстӣ ҳамчун яке аз арзишҳои пурмаънии ҷовидона фаҳмида мешавад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат хос аст ва дастоварди муҳимми маънавии шахсият мебошад. Ӯ сатҳи олии рушди ватандӯстиро тавсиф намуда, дар худамаликунии манфиати Ватан зоҳир мегардад.[2]

---

[1] Толстой Л.Н. Война и мир // Собр. соч. В 12 т. – М., 1972. – С.247.
[2] Лутовинов В.И. Патриотизм и проблемы его формирования у российской молодежи в современных условиях. Автореф. дис. ... д-ра филос. наук. – М., 1998. - С.48.

Ватандӯстӣ ҷузъи таркибии сохтори иҷтимоӣ ва сохтори сиёсӣ мебошад. Ватандӯстӣ унсури зарурии иҷтимоиёт ва Ватан мебошад. Функсияи асосии ватандӯстӣ боҳамалоқамандии фард ва умумияти сиёсиро таъмин менамояд. Ин алоқамандӣ чи гуна амалӣ мегардад?

Барои он ки умумияти сиёсӣ мӯътадилона фаъолият намояд, ватандӯстӣ зарур аст. В.А. Колтсова ва В.А. Соснин ватандӯстиро ҳамчун омили ҳамгиро, нигоҳдорӣ ва дастгирии амалигардонии мӯътадили ҷомеа муайян намуда, бо ин восила онро бо падидаҳои иҷтимоӣ нисбат медиҳанд, ки ба нигоҳдории ягонагии халқ ҳамчун эҷоди таърихан ташаккулёбандаи иҷтимоӣ – фарҳангӣ, ҳамгироии он ва таъмини рушди мӯътадили халқиятҳоро муайян менамояд.

Ба андешаи А.К. Минаков, вазифаҳои ватандӯстиро ба таври зерин метавон муайян намуд: ҳамгироӣ, фарққунанда, итиилоотӣ, сафарбарнамоӣ, танзимнамоӣ[1].

Вазифаи ҳамгироии ватандӯстӣ имконияти таъмини ягонагии гурӯҳҳои этникӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва муттаҳидсозии умумияти фардҳоро медиҳад, ки дар интиҳо барои онҳо ҳамчун Ватан ифода хоҳад ёфт.

Вазифаи фарққунандаи ватандӯстӣ ҷудосозии Ватанро аз ватани дигар, яъне дар дараҷаи муайян ҷудосозии «худиҳою бегонагон»-ро пешбинӣ менамояд. Ин вазифа офаридани рамзҳои ҷудогонаро пешбинӣ менамояд, ки онҳо дар навбати худ имконият медиҳанд, мансубияти субъект ба ҳудуди ватандӯстиро пайдо намоем.

Вазифаи иттилоотии ватандӯстӣ аз системаи донишҳое иборат мебошад, ки бо ёрии онҳо дар оянда аз ҷониби фард барои баҳогузорӣ намудан истифода бурда мешавад ва оҳиста-оҳиста ба амалу кирдорҳои воқеии ватандӯстӣ табдил мегарданд.

Вазифаи сафарбарнамоии ватандӯстӣ дарки муносибати махсуси садоқатмандона нисбати Ватани худ мебошад. Ин вазифа фардро дар

[1] Минаков В.А. К вопросу о методологии исследования патриотизма // Вестник Бурятского государственного университета. – 2010. – №14. – С.67-70.

раванди ба даст овардани натиҷаҳои муайян дар фаъолияти ватандӯстона рӯҳбаланд месозад.

Вазифаи танзимнамоии ватандӯстӣ қобилияти инсонро дар муайянсозии мувофиқати рафтори худ бо манфиатҳои Ватанаш ифода менамояд. Дар як вақт он ченаки баҳогузории амалу рафторҳои ӯ аз ҷониби дигар одамон мебошад.

Муайянсозии хусусиятҳои ватандӯстӣ дар муқоиса бо дигар навъҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти махсус дорад. Барои чунин муқоиса пеш аз ҳама лозим аст, ки мафҳуми ба ватандӯстӣ наздик, яъне мафҳуми дурусткор баррасӣ карда шавад. Зеро мафҳуми дурусткор дар аксар маврид бо ватандӯстӣ шабоҳат пайдо менамояд.

Дар Энсиклопедияи калони советӣ дурусткорӣ ҳамчун «садоқат ба қонунҳои амалкунанда, қарорҳои мақомоти давлатӣ»[1] муайян карда шудааст, илова бар ин, иқтибос оварда мешавад, ки чунин «садоқат» метавонад танҳо дорои характери зоҳирӣ бошад[2].

Ҳамин тариқ, фарқият байни мафҳуми «ватандӯстӣ» ва «дурусткорӣ», дар чист? Якум, дурусткорӣ, пеш аз ҳама, дорои характери зоҳирӣ мебошад. Дурусткор будан, яъне бечунучаро маънои риоя кардани қоидаҳо, меъёрҳо, нишондодҳо ва дастурҳоро дорад, ҳатто агар бо онҳо розӣ набошад ҳам бояд онҳоро риоя кард, чунки аз тарафи аксарият қабул гардидааст. Дуюм, дурусткорӣ аз нуқтаи назари мо, аз унсурҳои ахлоқӣ асос наёфтааст. Дар он таркиботи эҳсосотӣ ба монанди муҳаббат вуҷуд надорад. Аммо муҳаббат яке аз унсурҳои муҳимтарин ва бартаридоштаи ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Ватандӯстӣ – ин як навъи майлу хоҳиши нафъи зиёдтар расониданро дорад, вақте ки дурусткорӣ танҳо иҷрои дастурамалҳои гузошташударо дар назар дорад. Бо дарназардошти андешаронии И. Кант, гуфтан мумкин аст, ки дурусткорӣ бо «легалият», яъне қонунӣ будани рафтори одамон шабоҳат дорад. Зеро

[1] Большая советская энциклопедия. – М., 1974. –Т. 15. –С. 40.
[2] Там же. С. 40.

он танҳо шароитҳои беруна ва меъёрҳои амалкунии инсонро танзим менамояд: он ба мазмуни рафторҳо дахолат наменамояд, ва новобаста аз ангезаҳои рафтор танҳо рафторҳои зоҳириро муайян месозад. Ватандӯстӣ, баръакс, бо «маънавиёт» алоқаманд аст ва дар он сухан оиди нияту мақсадҳо, яъне дар бораи дарки ботиниии ангезаҳои рафтор меравад: «маънавиёт ин муносибати рафтор бо мухторияти ирода мебошад»[1].

Дар баробари ин, таҳқиқоте арзи вуҷуд доранд, ки амри воқеии мавҷудияти заминаҳои биологии ҳисси ватандӯстиро исбот менамоянд. Дар маҷаллаи «Nations and Nationalism», ки аз ҷониби Мактаби иқтисодии Лондон интишор мегардад, таҳқиқоте ба нашр расидааст, ки табиати генетикии ватандӯстӣ ва пайравӣ ба гурӯҳи иҷтимоиро шарҳ медиҳад. Мақола «Миллатгароии этникӣ, психологияи таҳаввулот ва назарияи мувофиқати генетикӣ» ном дорад. Ф. Раштон, муаллифи асосии таҳқиқот тасдиқ менамояд, ки мувофиқати генетикӣ – «ширеши иҷтимоӣ» мебошад, ки одамонро дар дилхоҳ гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷуфти ҳамсарон ва дӯстон оғоз намуда, то миллатҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ муттаҳид месозад[2].

Қисми бештари ҳиссиёти иҷтимоӣ, ки унсури таркибии ватандӯстӣ маҳсуб меёбанд, бо ташаккулёбии умумияти одамон ба вуҷуд омадаанд, лекин худи ватандӯстӣ дертар бо пайдоиши Patria (умумияти сиёсӣ) ба вуҷуд омадааст.

Яқинан, ворид сохтани мафҳуми «пешазватандӯстӣ» аз аҳамият холӣ нест, ки он дар як навъ «давраи пешазсиёсӣ», яъне дар давраи мавҷуд набудани соҳаи сиёсӣ дар ҷомеаҳо вуҷуд дошт. Чунин баррасӣ пайдоиши ватандӯстиро бо инқилобҳои буржуазӣ ва пайдоиши сохтори сармоядорӣ алоқаманд менамояд. Чунин вазъият маънои онро дорад, ки ватандӯстӣ

[1] Кант И. Основы метафизики нравственности. М.: Мысль, 1999. –С. 543.
[2] Мальцева А. Патриотизм заложен в генах [электронный ресурс]. URL: http://www.medlinks.ru/article.php7sicK23132 (дата обращения: 12.12.2017 г.)

баъди дастраси ҳамагон гардидани ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ пайдо гардида, ташаккул ёфтааст.

Дар интиҳо оид ба объекти ватандӯстӣ, рафторҳо ва ҳолатҳои гуногун сухан ронда, нисбат ба Ватан ва дӯст доштани он чунин андешарониро зарур мешуморем. Ба сифати объекти ватандӯстӣ на танҳо умумияти сиёсӣ (Patria, Ватан), инчунин ҳамватанон низ баромад карда метавонанд. Ғамхорӣ дар бораи ҳамватанони мамлакати худ, аз нуқтаи назари мо, унсури ҳатмии ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Ҳангоме ки инсон дар бораи некӯаҳволии Ватан фикр мекунад, ӯ некӯаҳволии тамоми одамони ватанаш, аз ҷумла некӯаҳволии атрофиёни наздики худ ва оилаи худро дар назар дорад.

Дар ин ҳолат, аз нуқтаи назари мо, бояд оид ба мувофиқати манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ сухан кард, ки дар он инсон ба сӯйи мақсади худ мекӯшад, ки он дар як вақт манфиати тамоми ҷомеа мебошад.

Табиатан, ягонагии манфиатҳои хусусӣ ва табдил додани онҳо ба манфиатҳои ҷамъиятӣ боиси он мегардад, ки тамоми одамон барои ҳимояи манфиатҳои ватани худ кӯшиш менамоянд. Аз ин рӯ, мувофиқгардонӣ ва мутобиқгардонии манфиатҳои шахсони алоҳида бо манфиатҳои ҷамъиятӣ унсури муҳимтарини ватандӯстӣ мебошад. Лекин, аз нуқтаи назари мо, мафҳуми «ватандӯстӣ» аз ин ҳам васеътар аст. Пас чунин мураккабиро чи гуна шарҳ додан мумкин аст?

Фарқият, пеш аз ҳама, аз афзалияти манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ иборат аст. Инсон, ки дар мансубияти худ ба як навъ умумият (давлат, миллат, гурӯҳи иҷтимоӣ ва ғ.) бо сабаби қонеъсозии талаботи худ манфиатдор аст, кӯшиш менамояд, ки манфиати ҷамъиятиро ба хусусӣ баргардонад. Ӯ бо ин умумият ҳамраъй мегардад. В.С. Соловев ҳамраъйӣ ва ғамхории беғаразонаро (ғамхории беғаразонаи инсон оид

ба манфиати дигар одамон бе баҳисобгирии манфиатҳои шахсӣ) ҳаммонанд меҳисобад.[1]

Ватандӯстӣ бошад, баръакс, дар як вақт ҳам манфиатҳои шахсӣ ва ҳам ҷамъиятиро ба ҳисоб мегирад. Барои ӯ муҳим аст, ки уҳдадориҳои дуҷонибаи фард ва умумияти сиёсӣ нигоҳ дошта шавад. Ҳарчанд чунин баробарвазнӣ баъзан метавонад ба ин ва ё он тараф вобаста аз шароитҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ тағйир ёбад, тавозун бояд нигоҳ дошта шавад, вагарна ватандӯстӣ ба шакли куллан дигари муносибати инсон ва умумияти сиёсӣ табдил мегардад (масалан, тоталитаризм).

Оила ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ метавонад ҳамчун объекти муҳими ватандӯстӣ баррасӣ карда шавад. Ғайр аз ин, бояд қайд намуд, ки ғояи умумияти миллӣ – дар муқоиса бо ғояи касбӣ, сиёсӣ, конфессионалӣ – муносибати хешутабориро ифода менамояд.[2] Шабоҳат додани миллат бо оила ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ мебошад, ки аз бисёр ҷиҳат низоми арзишноки идеологияи миллӣ ва рамзҳои онро ифода менамояд. Муносибат бо волидайн шакли муқарраргардидаи муносибатҳои стандартии фард бо умумияти сиёсӣ мегардад. Агар ба таври қатъӣ гӯем, бе арзиши модарӣ/падарӣ арзиши Ватан вуҷуд надорад.

Мода рва падар ҳамчун объекти меҳру муҳаббат ва ҳамчун рамзи дӯстоштанӣ бо ватандӯстӣ алоқамандии зич дорад. Бе сабаб нест, ки дар Ғарб ватандӯстиро бо мафҳуми «патриотизм» ифода намуда, ватандӯстро «патриот» меноманд. Решаи ин мафҳум аз калимаи лотинии patria, яъне падар гирифта шудааст. Ё ин ки дар замони шӯравӣ, махсусан дар шароити Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ибораи русии «Родина – мать завет» хеле машҳур буд, ки ватанро бо модар ташбеҳ додаанд. Ҳамин тариқ, барои давлатҳои Ғарб ватан дар симои падар ва барои давлатҳои пасошӯравӣ ватан дар симои модар ҳамчун рамзи меҳру муҳаббат ва ҳамчун арзиши гаронбаҳо боқӣ мемонад.

---

[1] Соловьев В.С. Оправдание добра // Сочинения в 2 т. Т. 1. С. 301.
[2] Рябов О.В. «Матушка-Русь»: Опыт тендерного анализа. – М.: Ладомир, 2001. 202 с.

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ инъикосгари муҳаббат ба Ватани худ, алоқамандӣ бо таърих, фарҳанг, дастовардҳои он мебошад, ки бо ҷаззобият ва ҷудонопазирии такрорнашавандагӣ ва ивазнашавандагии худ асоси маънавӣ – ахлоқии шахсиятро ташкил медиҳад, мавқеи шаҳрвандии ӯ ва талабот ба хизмати фидокорона ва ҷоннисорона ба Ватанро ифода менамоянд.

Ватандӯстии шаҳрванд нисбат ба умумияти сиёсӣ бо чунин категорияҳои иҷтимоӣ, ба монанди қарзи ватандорӣ, хизмат ба ватан ва ҷоннисорӣ намудан ба ватан алоқамандии зич дорад. Қарзи ватандориро метавон ҳамчун ухдадории ахлоқии инсон барои манфиати Ватани худ шарҳ дод. Чун қоида, мафҳуми мазкур дар ҳолатҳои бӯҳронӣ барои Ватан ҳангоми ҳимояи он аз душманони дохилӣ ва беруна, нигоҳдории ягонагӣ ва истиқлолияти он истифода бурда мешавад. Қарзи ватандорӣ дар ин ҳолат аз инсон талаб менамояд, ки тамоми саъю кӯшишашро ба татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ равона сохта, манфиатҳои шахсиашро фаромӯш созад ва ҳатто худро дар роҳи ватан фидо намояд.

### 1.2. Тамоюли асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир

Дар замони муосир таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ баръало ба мушоҳида мерасад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, таъсири арзишҳои бегона ба шуури ҷамъиятӣ нақши аввалиндараҷа дошта, барои давлатҳои миллӣ мушкилиҳои нав ба навро эҷод менамояд. Махсусан, чунин тамоюлоти сиёсию иҷтимоӣ хоси давлатҳои пасошӯравӣ ва давлатҳои дар ҳоли гузариш қарордошта мебошад. Бо дарназардошти ин омӯзиш ва таҳқиқи ташаккулёбии ватандӯстӣ аҳамиятнок гардида, барои барҳам задани бухронҳои сиёсию иҷтимоии мамлакат заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар натиҷаи баамалоии бӯҳронҳои системавӣ тағйиротҳо ва дигаргуниҳо ба амал меоянд, ки дар зери таъсири он муносибати шаҳрванд бо Ватан низ тағйир меёбад. Таҷрибаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки дар шароити дигаргуниҳои системавӣ тағйирёбии рафтори гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва табақаҳои ҷамъиятӣ

мушоҳида мегарданд. Дар чунин шароит дарки ватандӯстӣ ва ба воситаи он бартараф намудани бухронҳо хеле аҳамиятнок мегардад.

Баъзан ба воситаи ватандӯстӣ ниятҳои бади сиёсиро муайян менамоянд, ки дар натиҷа симои душмании сиёсӣ ба миён меояд. Ҷудо намудани одамон ба «ватандӯстон» ва «душманони ватан», муборизаи байни онҳо ҳамчун замина ва ҳам натиҷаи равандҳои гуногуни сепаратистӣ, миллатчигӣ, тезутундшавии низоъҳои иҷтимоӣ баромад менамояд.

Дар параграфи мазкур тамоюли асосӣ ва унсурҳои таркибии ватандӯстӣ, аз ҷумла шуури ватандӯстӣ, муносибати ватандӯстона ва фаъолияти ватандӯстона мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, ки онҳо хусусияти ин падидаро инъикос менамоянд.

Шуури ватандӯстона – ин инъикоси меҳру муҳаббат ба Ватани худ мебошад. Он сарчашмаи асосии фаъолияти ватандӯстона, рафтори инсон ва моҳиятан занҷираи пайвасткунанда, «механизми таҳвилкунанда» байни Ватан ҳамчун воқеияти объективӣ, бо воситаи ташаккулёбии мазмуни он дар намуди «образи ватан» ва ватандӯстӣ мебошад. Шуури ватандӯстона дар дараҷаҳои гуногун зоҳир гардида, дар ҳар як зинаи он заминаҳои пайдоиши ватандӯстӣ  захира гардида, эҳё мешаванд. Маҳз аз мазмун, вазъ, сатҳи рушди шуури ватандӯстона фаъолияти ватандӯстона ва ё ғайриватандӯстона, мукаммалшавӣ ва ё шаклдигаркунии  сифатҳои ватандӯстии шахсият вобастагӣ дорад.

Шуури ватандӯстона ҷузъи шуури ҷамъиятӣ буда, ҳам аз рӯи ҷойгоҳи он дар сохтори ватандӯстӣ, ҳам аз рӯи мавзӯи инъикоси он ба худ хос мебошад. Лекин аз чунин хулосае, ки аз ҷониби баъзе аз муҳаққиқон иброз гардидааст, барнамеояд, ки  онҳо шуури ватандӯстонаро ҳамчун шакли нисбатан мустақили шуури ҷамъиятӣ муайян кардаанд. Тасдиқоти баръакси ин гуфтаҳо табиӣ ба назар мерасад, ки дар он омадааст – шуури ватандӯстона шакли махсуси шуури ҷамъиятиро ба миён намеорад, балки ҷузъи маънавӣ мебошад, ки

масъалаҳои сиёсӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, зебоипарастӣ ва дигар паҳлуҳои шуури ҷамъиятиро фаро мегирад.

Дар аксар маврид алоқамандии шуури ватандӯстона бо шуури сиёсӣ ба мушоҳида мерасад ва аз ин рӯ дарки онро каме мураккаб менамояд. Дар чунин шароит моҳияти шуури сиёсӣ бо шуури ватандӯстӣ хеле монандӣ пайдо менамояд ва манфиатҳои аслии гурӯҳҳои калони иҷтимоиро инъикос менамояд, ки бо воситаи онҳо муносибат нисбати сохтори миллию давлатии мамлакат ва соҳаҳои асосии он ифода меёбанд.

Дар аксар маврид шуури сиёсӣ бо дарназардошти мазмуни ватандӯстӣ, самтнокӣ ва мақсаднокии он  муайян карда мешаванд. Як қатор муаллифон оид ба ватандӯстӣ сухан карда, бо исрор тасдиқ менамоянд, ки шуури ватандӯстона бо шуури сиёсӣ зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, муносибати оштинопазир нисбат ба мазмуни сиёсии ватандӯстӣ ва инчунин мутлақ шумоеридани он нораво мебошад.

Албатта, ягон чизро мутлақ шуморидан дуруст нест, хусусан вақте ки сухан дар бораи чунин падидаи мураккаби иҷтимоию сиёсӣ чун ватандӯстӣ меравад. Дар робита бо ин, бо андешаҳои В. Усов дар бораи он, ки «режимҳои сиёсӣ, ҳукуматҳо ва идеологияҳо иваз мешаванд, лекин маънии мафҳуми «Ватан» ҳамеша бетағйир мемонад», розӣ нашуда наметавонем.

Ватан унсурҳои таркибии нисбатан доимиро соҳиб аст, ки онҳоро чунин муайян намудан мумкин аст: замин, забон, табиат, анъанаҳо, одатҳо ва ғ. Дар заминаи унсурҳои мазкур рушди доимӣ ва тағйиротҳои сифатӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолият ба амал оварда мешавад.

Бо дарназардошти ин яке аз масъалаҳои муҳимми пажӯҳишҳо таносуби ватандӯстӣ бо чунин падидаҳои бо он вобасташудаи шуури ҷамъиятӣ ва пеш аз ҳама шуури сиёсӣ мебошад, ки онҳо миллатгароӣ, шовинизм, интернатсионализм ва космополитизм маҳсуб меёбанд. Ба андешаи мо, чунин ҳолат бо он шартнок гардидааст, ки то имрӯз доираи андешаҳо дар масъалаи мазкур хеле васеъ боқӣ мемонанд.

Масалан, муҳаққиқи амрикоӣ К. Хейс иброз медорад, ки ватандӯстӣ бо мансубияти миллӣ алоқаманд гардида, миллатгароии муосирро ташкил медиҳад. Бо чунин гузориши масъала розӣ шудан номумкин аст. Дар муқобили ин гуфтаҳо муҳаққиқи рус В. Келле чунин тахмин менамояд, ки «дӯст доштани Ватан, дарки мансубият ба миллати худ, фарҳанги он, анъанаву маросимҳо, муносибати эҳтиёткорона нисбати забон, ғояи ҳифзи манфиатҳои давлатии мамлакат, ба монанди кӯшиши мусоидати фаъолона ба пешрафт ва тараққии он бо миллатгароӣ ягон умумият надоранд».[1]

Ватандӯстиро ҳамчун падидаи комили шуури сиёсӣ баррасӣ намуда, қайд менамоем, ки он дар наздикшавии аввалин ифодагари ягонагии диалектикии инъикоси муҳити сиёсии Ватан, аз як тараф ва ифодакунандаи муносибати муайян ба он – аз тарафи дигар; дар наздикшавии дуюм ватандӯстӣ ҳамчун падидаи шуури сиёсӣ инъикосгари ҳаёти сиёсии Ватан ва ифодагари муносибати муайян ба он; ва дар интиҳо, дар наздикшавии сеюм он инъикосгари режими сиёсии Ватан ва ифодакунандаи муносибат ба ин режими сиёсии мазкур мегардад.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки ватандӯстӣ на танҳо ифодакунандаи муносибат нисбати режими сиёсӣ, инчунин ифодакунандаи чунин муносибат аз нуқтаи назари самаранокии амалигардонии манфиати тамоми ҷомеа мебошад.

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ ҳамчун инъикоси шуури сиёсӣ ва ҳамчун шакли махсуси инъикоси усули амалигардонии ҳаёти сиёсии Ватан ва ифодаи муносибат ба усули ташкили ҳаёти сиёсӣ аз ҷониби субъектҳои сиёсат баромад менамояд.

Муносибати ватандӯстона унсури муҳими сохтори ватандӯстӣ мебошад, ки худ инъикосгари гуногуншаклии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ аст. Аз нуқтаи назари фалсафӣ, мафҳуми «муносибат» ҳамчун «лаҳзаи алоқаи мутақобилаи тамоми падидаҳо маънидод мешавад.

[1] Келле В. Национализм и будущее России // Альтернативы. - 1996. -№1. С.65.

Муносибати ашёҳо объективӣ аст; ашёҳо берун аз муносибатҳо вуҷуд надоранд, охирин ҳамеша муносибати ашёҳо мебошад».[1]

Муносибат метавонад ҳам байни объектҳои тағйирёбанда ва ҳам дар ҳолати ҷудокардашуда, тағйирнаёбанда дар муносибатҳои он нисбати дигар объектҳо, падидаҳо, хусусиятҳо (масалан, муносибати субъект нисбати низоми сиёсӣ) ҷой дошта бошад.

Муносибати ватандӯстона дар мувофиқа бо шуури ватандӯстона ба миён меояд ва алоқаи воқеии субъекти ватандӯстиро бо мавзӯи таъсиррасониҳои худ инъикос менамояд, яъне ин «шабакаи» ба худ хосе мебошад, ки тавассути он шакливазкунии тамоми намудҳои таъсиррасонии мусбии инсон ба Ватани худ амалӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, муносибати одамон ба унсурҳои гуногуни Ватани худ ва ба худи он метавонад гуногун бошад: аз ҳисси баланди муҳаббат ва муносибати мусбату фаъолона то муносибати бадбинона ва ҳатто душманона. Дар ин ҷо бояд муайян кард, ки оиди чӣ сухан меравад. Комилан фаҳмо аст, ки дар бораи муносибат нисбати Ватан сухан карда, бояд унсурҳои асосии онро дар назар дошт, ки дар ин бора пештар ҳангоми таҳлили мавқеи В.В. Макаров ёдрас гардида буд.[2]

Барои ошкорсозии табиати сиёсӣ ва моҳияти ватандӯстӣ мувофиқи мақсад аст, ки ин унсурҳоро ба таври зерин гурӯҳбандӣ созем:

а) унсурҳои абадии мутаносибан тағйирнаёбанда - замин, табиат, забон, анъанаҳо, маросимҳо ва ғ. Агар оиди ин унсурҳо сухан кунем, он гоҳ шумораи зиёди одамон, ки дар ин шароитҳо умр ба сар мебаранд, дар ҳақиқат ба ватан ҳисси баланди муҳаббат ва муносибати мусбии фаъолона доранд.

б) унсурҳое, ки ҳамеша дар ҳоли «ҳаракат», рушд ва тағйирёбӣ мебошанд – ин соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии давлат, яъне мазмуни аниқи таърихии он мебошанд. Маҳз ин маҷмӯи унсурҳо

---

[1] Макаров В.В. Патриотизм как философская проблема. Дис. ... д-ра филос. наук. - М., 1990. - С.62-63

[2] Ҳамон ҷо.

мавзӯи муносибати ватандӯстона ва ё ғайриватандӯстона, шаккокона ва ҳатто душманонаи инсон нисбати мамлакате, ки дар он таваллуд шуда, ҳаёт ба сар мебаранд, мебошад.

Тағйиротҳои иқтисодӣ чи хеле ки маълум аст, бо тағйиротҳои сиёсати дохилӣ ва берунии давлат алоқаманд гардидаанд. Тағйиротҳои соҳаи иҷтимоӣ – инчунин натиҷаи тағйиротҳои сиёсӣ мебошанд. Тағйиротҳои соҳаи маънавӣ бо омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманданд, ки инчунин дар вобастагии бевосита аз фаъолияти сиёсии давлат қарор доранд. Инро пурра метавон ба тағйиротҳои мамлакати мо дар охири ҳазорсолаи дуюм ва оғози ҳазорсолаи сеюм нисбат дод. Имрӯз мо моҳиятан дар мамлакати дигар ҳаёт ба сар мебарем. Сохтори давлатӣ, низоми давлатӣ, элитаи сиёсӣ, роҳбарияти давлат, оппозитсия, ҳизбҳо, фраксияҳо ва ғ. арзи вуҷуд доранд. Чӣ бетағйир монд?

Ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти мо, тағйиротҳои куллӣ дар сохтори иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат ҷомеаро ба «ду фронти асосӣ» тақсим намуд: қувваҳои халқӣ – ватандӯстона аз як тараф ва аз тарафи дигар – онҳое, ки тарафдорони азнавсозиҳои қатъии муосири демократӣ мебошанд. Пешакӣ қайд карданием, ки ин тақсимот умумӣ мебошад ва тамоми самтҳои сиёсии эътиқодҳоеро, ки имрӯз дар мамлакат вуҷуд доранд, инъикос наменамояд. Таҳлили мавқеъҳои сиёсии онҳо низ зарурият надорад ва ин гуна вазифа ҳам дар назди мо гузошта нашудааст.

Фаъолияти ватандӯстӣ - ин навъи фаъолнокии иҷтимоии субъектҳо мебошад, ки амалкардҳои онҳо татбиқи манфиатҳои ватандӯстии худи онҳоро ифода менамояд. Бо таҷассуми моддии шуури ватандӯстона ва муносибати ватандӯстона, инчунин шакливазкунии тамоми намудҳои таъсиррасонии субъекти ватандӯстӣ ба объекти он фаъолияти ватандӯстона заминаи моддии ватандӯстиро ташаккул дода, паҳлӯи эҳсосшаванда ва намоёни он мебошад.

Соҳаи асосӣ ва рӯзмарраи зуҳуроти ватандӯстӣ – фаъолияти бунёдкорона мебошад, ки ба дастовардҳои бузурги он метавон оварда

расонид. Масалан, парвози инсон ба коинот, азхудкунии заминҳои нокорам, ба даст овардани пешрафти техникиро ба он метавон нисбат дод.

Яке аз намунаҳои барҷастаи фаъолияти ватандӯстона ҳифзи объекти ватандӯстӣ – Ватани худ мебошад. Дар ҳақиқат аз лаҳзаи ба дунё омадани инсоният тамоми халқиятҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ, ин фаъолият ҳамчун уҳдадории олии ахлоқии ҳар як шаҳрванд баррасӣ мегардад. Маҳз ин гувоҳи он аст, ки дар қисми зиёди муҳорибаҳо барои ҳифзи сарзамини худ ҷанговарон мӯъҷизаи қаҳрамонӣ ва матонат нишон медоданд.

Масъалаи навбатӣ, ки ба ватандӯстӣ марбут аст, дурусткории шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад. Инак, фарқият байни мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «дурусткорӣ» дар чист? Якум, дурусткорӣ, пеш аз ҳама дорои характери зоҳирии расмӣ мебошад. Дурусткор будан, яъне бечунучаро риоя кардани қоидаҳо, меъёрҳо, нишондодҳо ва дастурҳоро дорад, ҳатто агар бо онҳо розӣ набошанд ҳам, бояд онҳоро риоя кард, чунки аз тарафи аксарият қабул гардидааст. Дуюм, дурусткорӣ аз нуқтаи назари мо, аз унсури оқилона асос ёфтааст. Дар он таркиботи эҳсосотӣ – муҳаббат вуҷуд надорад, ки яке аз қисматҳои бартаридоштаи ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Ватандӯстӣ – ин як навъи майлу хоҳиши зиёдтар нафъ расониданро дорад, вақте ки дурусткорӣ танҳо иҷрои аниқи дастурамалҳои гузошташударо дар назар дорад.

Истилоҳи И. Кантро истифода бурда, гуфтан мумкин аст, ки дурусткориро бо «легалият» (қонунӣ будани рафтор) мансуб донистан мумкин аст, ки он танҳо шароитҳои беруна ва меъёрҳои амаликунии инсонро танзим менамояд: он ба мазмуни рафторҳо дахолат наменамояд, ва новобаста аз ангезаҳои рафтор танҳо рафторҳои зоҳириро муайян месозад. Ватандӯстӣ, баръакс, бо «маънавиёт» алоқаманд аст ва дар он сухан оиди нияту мақсадҳо, яъне дар бораи дарки ботиниии ангезаҳои рафтор меравад: «маънавиёт ин муносибати рафторҳо нисбати

мухторияти ирода, яъне нисбати қонунгузории имконпазири умумӣ тавассути иродаи аз ҳад зиёд мебошад»[1].

Тафсири ба таври васеъ паҳнгардидаи ватандӯстӣ ба сифати мафҳуми асосӣ калимаи «муҳаббат»-ро ба сифати як навъ ҳиссиёт, таассурот истифода мебарад ва бо ин ба таркиботи муассири он диққати махсус зоҳир менамояд. Лекин, аз нуқтаи назари мо фаҳмиши ватандӯстӣ ҳамчун ҳиссиёт кофӣ нест. Мафҳуми «низоми муносибатҳо», ки аз ҷониби мо ба сифати мафҳуми асосӣ истифода мегардад, имконият медиҳад, ки ба ватандӯстӣ инчунин унсури фаъолнокро (рафтори фард дар асоси ҳиссиёти дарҷгардида) илова намоем.

Л.Л. Снайдер унсурҳои таркибии ватандӯстиро ба таври зерин қайд менамояд:

1. Муҳаббат (муҳаббат ба ватан; ҳолатест, ки дар он инсон аз хусусиятҳои ҷисмонии замин ва нутқи ба худ хос, урфу одатҳо ва институтҳои давлатии ҳамватанони худ розӣ ҳаст);
2. Орзу (орзуи он, ки мамлакаташ бой, пурқувват, мутамаддин ва адолатнок бошад);
3. Кирдори ҷавонмардӣ (барои хидмат намудан ба мамлакат омода будан; дар назар дошта шудааст, ки исботи беҳтарин ва санҷиши муҳаббат - ин хоҳиши хидмат ба ватан аст).

Яъне, дар ин ҷо зарурияти ҳамзистии эҳсосотӣ ва рафторӣ дар сохтори ватандӯстӣ қайд карда мешавад. Аҳамияти унсури рафторӣ барои дарки моҳияти ватандӯстӣ аллакай аз ҷониби муҳаққиқон қайд карда шудааст.

Ҳамин тариқ, А.Н. Малинкин қайд менамояд, ки таъсири ҳиссиёти ватандӯстона на дар таъсиррасонии бевоситаи онҳо ба раванди тафаккур ва натиҷаи он ифода меёбад, балки дар он аст, ки «онҳо дар

[1] Кант И. Основы метафизики нравственности. М.: Мысль, 1999.1470 с. С. 543.

ташаккулёбии низоми авлавиятҳои инсон иштирок менамоянд, унсури муҳимтарини таркибии шахсияти алоҳида маҳсуб меёбанд»[1].

Аҳамиятнокии унсури рафтории ватандӯстӣ дар таҳқиқотҳои В.В. Макаров низ дарҷ гардидааст. Ба андешаи ӯ, маҳз рафтор ва фаъолияти одамон ватандӯстиро занҷираи воқеии амалигардонии низоми иҷтимоӣ мегардонад. «Ватандӯстӣ яке аз ангезаҳои тавоно ва дарозмуддати фаъолияти иҷтимоӣ мебошад. Аз тарафи дигар, мавҷудияти ангезаи ватандӯстӣ ба фаъолияти иҷтимоӣ хусусияти хосро илова менамояд».[51]

Ғайр аз унсури эҳсосотӣ ва фаъолиятнокӣ мо зарур мешуморем, ки дар сохтори ватандӯстӣ унсури когнитивиро низ қайд намоем, ки бо раванди аз ҷониби инсон дарк кардани воқеияти иҷтимоии муҳите, ки ӯро иҳота менамояд, алоқаманд аст. Ин дониш бо воситаи дарки таассуроти меъёрӣ дар бораи он, ки муносибат ба Ватан чӣ гуна бояд бошад, дар ҷомеа ташаккул ёфта, бо ақидаҳои фардӣ ва эътиқоди шахсӣ пурра карда мешавад.

Ҳамин тариқ, мо се унсури ватандӯстиро аз ҳам ҷудо намудем. Муфассал унсури эҳсосотии онро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод. Мо аллакай пештар қайд намуда будем, ки падидаи таҳқиқшаванда аз маҷмӯи ҳиссиёт иборат аст, ки аксарияти онҳо хеле пештар назар ба ватандӯстӣ ба миён омадаанд. Бинобар ин, истифодаи мафҳуми «муҳаббат» ба сифати аслӣ барои чунин падидаи иҷтимоӣ мазмуни онро маҳдуд месозад. Ғайр аз муҳаббат, ватандӯстӣ инчунин аз ғуруру ифтихор ва иззату ҳурмат иборат аст. Бинобар ин, таркибдиҳандаи эҳсосотии ватандӯстӣ бо ҳисси муҳаббат ба итмом намерасад, ҳарчанд унсури асосии он маҳсуб ёбад ҳам.

Масъалаи унсури ғайриодии ватандӯстиро баррасӣ намуда, мо мехоҳем ба мубоҳисаи байни файласуфони рус муроҷиат намоем, ки дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳон дар саҳифаҳои маҷаллаи «Русская мысль» оғоз гардида буд. Олимони мазкур мехоҳанд муайян намоянд, ки чӣ гуна

[50] Малинкин А.Н. Понятие патриотизма: эссе по социологии знания // Социологический журнал. 1999. № 7. С. 87 -117. С. 95.

муҳаббат аз рӯи тавсифоти худ дар таркиби ватандӯстӣ нуҳуфтааст. Вобаста ба ин, Д. Муретов пешниҳод намудааст, ки муносибати «этикӣ» ва «эротикӣ» нисбати миллат бояд аз ҳамдигар фарқ карда шавад. Муносибати этникӣ дар асарҳои В. Соловьев таҷассум ёфтааст. Ба андешаи ӯ, «ҳама гуна халқиятҳои дигар ба мисли халқи хеш аст», дар баробари ин ӯ ба муносибати эротикӣ нисбати миллат таъкид менамояд, ки ин маҷбур месозад, ки халқи худро «бо тамоми фардияти воқеии он», бо тамоми айбу нуқсонҳояш — ба монанди он ки чӣ гуна мард зани воқеиро дӯст медорад, қабул намоем. Бар зидди чунин ақидаҳо Е.Трубетски ва П. Струве баромад намудаанд. Баъдан, ба ин масъала Н.Бердяев низ мурожиат намудааст ва бо он розӣ аст, ки ҳисси миллӣ ҳамеша «аз эрос (ҳисси муҳаббат ва шаҳвоният) асос ёфтааст» ва ин муҳаббат – ба монанди дигар муҳаббат – ихтиёрӣ ва бепоён аст. Лекин унсури эротикӣ наметавонад муносибати инсон ва миллатро ба итмом расонад. Маҳз миллатгароӣ - объекти танқиди Н.А. Бердяев қарор гирифтааст, яъне «эросро ба этнос муқоиса намуда, эротикаи табииро нисбати миллати худ ба принсипи олӣ ва доктрина табдил додан кори нодуруст аст». Аз ин сабаб он «на танҳо бо ахлоқи христианӣ, инчунин бо ахлоқи умумиинсонӣ ва гуманистӣ рӯ ба рӯ мегардад. На нисбати миллат, на нисбати инсон, на нисбати ягон чиз дар дунё бояд танҳо муносибати эротикӣ вуҷуд дошта бошад, бояд муносибати этикӣ низ вуҷуд дошта бошад, ки бо шаъну эътибори шахсият алоқаманд аст»[1].

Д. Муретов масъалаи баробарии муносибати эҳсосотиро нисбати одамон ва умуман нисбати ҳамватанон бо тарзи зерин ҳал менамояд: «дастурамалҳои ахлоқӣ ҳамеша умумӣ мебошанд ва аз ин сабаб нисбати онҳо муносибати баробар нисбати ҳама он чи ки ба ҳаҷми мафҳуми муайян ворид мегардад, муқаррар карда мешавад»[2]. Аз ин сабаб, «муносибати муносиб нисбати одамон баробар аст, чунки онҳо барои

---

[1] Бердяев Н. А. Новые силы мировой жизни // Бердяев Н. А. Философия свободного духа. М., 1994. С. 348.
[2] Муретов Д. Борьба за Эрос // Национализм. Полемика 1909 - 1917. Сборник статей. М., 2000. 237с. С. 168.

ман танҳо одаманд… Муҳаббат нисбати ҳамватанон баробар аст, чунки онҳо барои ман танҳо ҳамватананд». Чунин муҳаббати ахлоқӣ, аз нуқтаи назари Д. Муретов, характери ҳатмӣ дорад.

Аз ин муҳаббати ахлоқӣ мутаффакир муҳаббати «шахсиро» ҷудо месозад, ки ба ин шахс равона карда шудааст ва аз рӯи маънии худ «ҷудогона» мебошад. Чун намуна, ӯ муҳаббат ба занро мисол меорад. Эрос ахлоқӣ нест ва аз ин сабаб ин муҳаббатро маслиҳат додан имконнопазир аст. Ба монанди он ки муҳаббат ба ватан ахлоқӣ нест ва характери ҳатмӣ надорад. «Муҳаббати ахлоқии нисбат ба хусусиятҳои фардии бетафовутро дастур додан мумкин аст, лекин муҳаббати этикӣ, маҳрамона, муҳаббати шахсиро дастур додан мумкин нест»[1]. Дар муқоиса бо он «ватандӯстии ахлоқӣ» таърихан оҷиз аст ... Он танҳо меъёри рафтор аст, на шавқу эҳсоси зиндаи рӯҳ».[2]

Лекин Е. Трубетски, дар навбати худ менависад, ки «эроси сиёсӣ» моҳияти ҳиссиёти миллиро ифода наменамояд, чунки «агар ин дуруст буд, он гоҳ аз ягон кас ягон гуна корро барои ватан, ва ягон гуна эҳсосотро нисбати он талаб кардан мумкин набуд, чунки эрос дар интихоби мавзӯи худ мутлақан озод аст». Ӯ чунин меҳисобад, ки Ватан барои инсон на чун маъшуқа, балки чун модар аст, «чунки мо онро интихоб наменамоем, балки аз он ба дунё меоем». Аз ин рӯ, «муҳаббат ба ватан, дар фарқият аз эрос, ки наметавонад уҳдадорӣ бошад, як чизи аз ҷиҳати объективӣ ҳатмӣ ва илова бар ин, бечунучаро ҳатмӣ мебошад»[3].

Ҳамин тариқ, чунин савол ба миён меояд: агар ин танҳо муҳаббати «эротикӣ» бошад, он гоҳ бечунучаро аст ва дар он мафҳуми қарз вуҷуд нахоҳад дошт ва бо ин уҳдадории ахлоқии шаҳрванд дар назди Ватан аз байн меравад. Аз тарафи дигар агар ин муҳаббати ахлоқӣ бошад, он гоҳ

---

[1] Муретов Д. Этюды о национализме // Национализм. Полемика 1909 - 1917. Сборник статей. М., 2000.237 с. С. 214.
[2] Там же. С. 216
[3] Там же. С. 167.

сухан оиди ҳисси кӯр-кӯронаи номафҳум меравад. Дар навбати худ, мо нуқтаи назари П. Струверо бояд қабул намоем, ки зарурияти такмили эросро бо этос пешниҳод менамояд, лекин чунин меҳисобад, ки моҳияти муҳаббат ба Ватан маҳз баҳамворидшавии ин ду ҳодисаи баробарҳуқуқи табииро ифода менамояд. Ҳа, муносибат ба халқи худ ва давлати худ ба монанди ҳиссиёти фарзанд нисбат ба модар аст. Лекин аз ин фаҳмиши алоқаи инсон бо Ватан барнамеояд, ки ин алоқа аз эроси ба худ хос асос ёфтааст, яъне аз муносибати комилан шахсӣ ва маҳрамона асос ёфтааст. Он уҳдадории эҳтироми фарзандона нисбати модар, ки аз ҷониби мо ба монанди «як чизи бечунучаро ҳатмӣ» эътироф мегардад, танҳо инъикоси бешахсияти этикӣ дар шуур, муносибати тамоман дигар, шахсӣ, маҳрамона мебошад, ки дастур дода намешавад ва мо онро чун уҳдадорӣ не, балки чун муҳаббат ва ё шавқу рағбат эҳсос менамоем.

Дар тӯли ҳаёт инсон ба равандҳои иҷтимоишавӣ (коркарди маҳоратҳои зиндагӣ дар ҷомеае, ки ӯ таваллуд ёфтааст) ва ташаккулёбии мутобиқати комили ӯ (қобилияти қабул кардани худ ба ҳайси аъзои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, ки бо онҳо баъзе аз арзишҳо ва таасуротҳо, инчунин меъёрҳои амаликунии мутақобила алоқамананд) ҷалб мегардад. Ҳардуи ин равандҳо бо якдигар зич алоқамананд. Мутобиқати инсон наметавонад тез ва бедард новобаста аз ҳошия ва ҳолати беруна тағйир ёбад, чунки дар асоси он «Ман - консепсия»-и фард, низоми худтавсифӣ ва худмфаҳмидагирии ӯ ташаккул меёбад. Аз тарафи дигар, «дар раванди зиндагӣ ҳар як инсон якчанд марҳилаи иҷтимоишавӣ ва азнавиҷтимоишавиро аз сар мегузаронад, чунки ӯ бояд боз ҳам фазоҳои нави муносибатҳои иҷтимоиро аз худ намояд ва ба ҳолатҳои мураккабияташон гуногун, нав ва ғайриоддӣ мутобиқ гардад». Ин маънии онро дорад, ки мутобиқати инсон, «Ман - консепсия»-и ӯ ҳамеша зери таъсири шароитҳои иҷтимоӣ қарор дорад.

Ҳатто хусусиятҳои динамикаи муносибатҳои иҷтимоӣ бевосита ба чунин ҳис ба монанди ватандӯстӣ низ дахолат менамоянд. Аз як тараф, дилбастагӣ ба ватан, ба макони таваллуди худ, дар баробари дилбастагӣ

ба оилаи худ, яке аз заминаҳои бунёдӣ ба ҳисоб мераванд. Ин ватандӯстӣ – ҳисси хеле хусусӣ ва ҳатто маҳрамона мебошад, лекин паҳлӯи дигари он низ вуҷуд дорад: «ғайр аз "Ватани хурд" "Ватани бузург" низ вуҷуд дорад, ва ватандӯстӣ ҳамчун ҳисси иҷтимоишуда ва махсусан тарбиягардида дар инсон аз уҳдадории дуҷониба ва иттиҳод ба миён меояд.

Эҳтимолан, дар сохтори бисёрсатҳа бояд якчанд объектҳоро қайд намуд, ки маҷмӯи онҳо дар ҳар як фард  фарқ мекунад. Ин объектҳо байни ҳам дар иерархияи муайян ҷой доранд; вазъи онҳо дар сохтор аз арзишҳо ва муқарраротҳои ҳаётии ҳар як фард вобастагӣ хоҳад дошт. Интихоби объекти бартаридоштаи ватандӯстӣ низ характери шароитӣ дорад ва бо ҳошияи таърихӣ ва иҷтимоӣ муайян карда хоҳад шуд.

Ва дар охир, оиди объекти ватандӯстӣ, рафторҳо, ҳолатҳо сухан карда, зарур мешуморем, ки як масъалаи боз ҳам муҳим – орзуи некро баррасӣ намоем. Ба муайянкунандаи объекти ватандӯстӣ баргашта, қайд менамоем, ки ба сифати объекти ватандӯстӣ на танҳо умумияти сиёсӣ (Patria, Ватан), балки ҳамватанон низ баромад карда метавонанд. Ғамхорӣ дар бораи ҳамватанони мамлакати худ, аз нуқтаи назари мо, таркиботи ҳатмии ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Ин пуркунандаи воқеии зиндаи Patria мебошад. Ҳангоме ки инсон дар бораи некӯаҳволии Ватан фикр мекунад, ӯ некӯаҳволии тамоми одамони ватанаш, аз ҷумла некӯаҳволии атрофиёни наздик ва оиларо дар назар дорад.

Дар ин ҳолат, аз нуқтаи назари мо,  бояд оиди як навъ мувофиқати манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ сухан кард, ки дар он инсон ба сӯи мақсади худ мекӯшад, ки дар як вақт он манфиати тамоми ҷомеа мебошад.

Худи мафҳуми  «ҳамрайъӣ» дар асоси консепсияи сиёсию ҳуқуқии оғози асри XX  - солидаризм (аз забони фаронсавӣ фр. «solidarisme» - ҳамфикрӣ) ташаккул ёфтааст. Байни намояндагони бузурги ин ҷараён метавон номҳои П. Беру, П. Буржуа, Э. Дюркгейм, В.С. Соловев, П.А. Кропоткин, И.А. Илин, П.А. Сорокин, Н.А. Бердяев ва дигар

муҳаққиқонро номбар кард. Дар мувофиқа бо консепсияи мазкур қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди ҷамъиятӣ: - якдилии аъзоёни ҷомеа; - муносибати ҳамфикронаи аъзоёни он ва вобастагии мутақобилаи тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ; - мувофиқати манфиатҳои меҳнат ва сармоя мебошад. Дар муқобили фардият (индивидуализм) ва либерализм, солидаризм он амри воқеиро қайд менамояд, ки шахсият худ аз худ вуҷуд надорад: «бо дониши худ, фарҳанги худ, муҳити офарандаи худ инсон ба дигар одамон уҳдадор аст. «Ман»-и инсониро набояд аз «мо» ҷудо кард. Дарки «мо»-и умумӣ – асоси ҳар як иттиҳод мебошад». Низоъҳои дар он ногузирро бояд на бо кӯшиши пахш кардани як ҷониб аз ҷониби дигар, балки бо пайдо кардани арзишҳои барои ҳарду ҷониб  умумӣ ва тобеъ кардани манфиатҳои бо ҳам бархӯранда бо ин арзишҳо ҳал намуд.

Барои он ки таъсири ҳошияи иҷтимоӣ ва таърихиро ба хусусиятҳои муносибатҳои субъект ва объекти ватандӯстӣ ба ҳисоб нагирем, мувофиқи мақсад аст, ки таҳлили   ватандӯстиро ҳамчун навъи идеалӣ гузаронем.  Ватандӯстиро чун навъи идеалӣ баррасӣ намуда, ба консепсияи М. Вебер муроҷиат хоҳем кард. Аз рӯи ақидаи ӯ, навъи идеалӣ  - ин «манфиати давра» мебошад, ки дар намуди конструксияи назариявӣ ифода гардидааст. Он аз воқеияти эмпирикӣ иборат буда, ҳамчун схемаи назариявӣ тартиб дода мешавад[1]. Бинобар ин, мо ватандӯстиро ҳамчун конструксияи идеалӣ баррасӣ хоҳем кард, ки ба сифати восита барои инъикоси маълумоти фардии таърихӣ истифода бурда мешавад.

Чи хеле ки дар боло қайд намудем, барои амалигардонии фаъолияти мӯътадили умумияти сиёсӣ ватандӯстӣ лозим аст. Ватандӯстӣ – ин функсияи умумияти сиёсӣ мебошад. Инсон бо он бо се тарз муносибат карда метавонад:

1) Онро комилан мувофиқ қабул намояд;
2) Манфиатҳои умумияти сиёсиро ба эътибор нагирад;

[1] См.: Вебер М. Избранные произведения. М., 1990; История социологии: Учеб. пособие/ Под общ. ред. А.Н. Елсукова. Мн.: Высш. шк., 1997.381 с. С. 146.

3) Онро аз будаш зиёд нишон диҳад[1].

Мафҳуми «низоми муносибатҳо», ки барои категорияи ватандӯстӣ, чи хеле ки болотар қайд намудем, аз ҷониби мо ба сифати мафҳуми асосӣ истифода мегардад, боз як масъалаи муҳимро ҳал менамояд, яъне, имконият медиҳад, ки ба тафсири ватандӯстӣ ҳамчун уҳдадориҳои якҷонибаи фард дар назди як умумият роҳ надиҳем. Умумият (аз ҷумла миллат) аз одамон иборат мебошад. Дар робита бо масъалаи гузошташуда як қатор саволҳо ба миён меояд, ва аз ҷумла чунин саволҳо: чӣ тавр ватандӯст бояд бо ҳамватанонаш муносибат намояд? Чӣ кор бояд кард, агар манфиатҳои умумият ва манфиатҳои ҳамватани ҷудогона бо ҳам мувофиқат нанамоянд? Бояд, ки аввалинҳо ҳамеша ва дар ҳама чиз аз дуюминҳо боло бошанд – чунки бо ин худи шаҳрванд нисбати мақсадҳои умумият танҳо ба восита табдил мегардад? Ҳа, ватандӯстӣ қурбониҳоро низ пешбинӣ менамояд – лекин ҳамеша ва дар ҳама чиз умумият (ва ё аниқтар, онҳое ки аз номи ӯ сухан мекунанд) ҳуқуқ дорад, ки аз шаҳрванд қурбонӣ талаб намояд? Ғайр аз ин, оё шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки дар бораи худ ҳамчун дар бораи унсури умумият ғамхорӣ намояд? Аз нуқтаи назари мо, агар «ғамхории» баргардандаи Ватан дар бораи «фарзандони» худ вуҷуд надошта бошад, он гоҳ мо на бо ватандӯстӣ, балки бо як чизи тамоман дигар рӯ ба рӯ мешавем. Ба ибораи дигар, ватандӯстиро ҳамчун навъи идеалӣ баррасӣ намуда, бояд арзиши эътибори шахсияти мустақил ва озодро ба инобат гирифт.

Дар робита бо ин, мо пешниҳод месозем, ки мафҳуми ватандӯстии инсонпарварона ҳамчун системаи муносибатҳо ҷорӣ карда шавад, ки дар он ватандӯстӣ бо ҳисси инсондӯстӣ пурра карда мешавад.

Умуман, инсондӯстӣ – ин эътирофи арзишҳои шахсияти инсон ва ҳуқуқи он барои фароҳамории шароитҳое мебошад, ки ба фард имконият фароҳам меорад то худро дар мувофиқа бо таасуротҳои шахсӣ оиди

---

[1] Рябов О.В., Карманова Д.А. Философия патриотизма: к проблеме аспектизации // Философское осмысление социально-философских проблем: межд. сб. науч. тр. Вып. 10. Волгоград, 2006.496 с. С. 144 -150

маънии арзишҳо ва манфиатҳои ҳаётӣ татбиқ намояд. Инсондӯстӣ дар ҳолати мазкур аз ду ҷанбаи муҳим иборат мебошад. Якум, он ғамхории шаҳрвандро на танҳо дар бораи умумияти сиёсӣ, инчунин дар бораи ҳар як инсон (ҳамватанон), инчунин дар бораи худ дар назар дорад. Ба ибораи дигар, ҳам қурбонӣ, ва ҳам хидмат ба манфиати на танҳо Patria, инчунин ҳамватанон низ равона карда шудааст. Дуюм, инсондӯстӣ на танҳо муносибат ба худиҳо (ҳамватанон), инчунин муносибат нисбат ба бегонаҳо (халқҳои бегона) ва ба душманонро низ дар назар дорад. Инсон на танҳо бо мавқеи шаҳрвандии худ маънӣ дорад. Муҳаббат ба Ватан пешбинӣ наменамояд, ки сарҳад байни худиҳо ва бегонаҳо мутлақ бошад, он ки дар роҳи манфиатҳои Patria –и худ меравад ҳатман бояд нисбати Patria –и «бегона» ба таври дигар амал намояд. Лекин, ҳиссиёт нисбати ҳамватанон, ки аз дарки мансубият ба як Patria асос ёфтааст, дар муқоиса бо ҳиссиёт нисбати ғайриҳамватанон амиқтар аст.

Бояд қайд намуд, ки аввалин андеша оид ба ягонагии ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ аз ҷониби В.В. Макаров иброз гардидааст. Ҳамин тариқ, муаллиф, тасдиқ менамояд, ки: «Ватандӯстӣ – ин ҳисси давлатӣ мебошад, ки бо ҳурмат нисбати инсон тавъам аст»[1]. Инчунин дар як вақт ӯ оиди зарурияти нигоҳдории тавозуни муайян сухан мегӯяд: «ҳимояи эътибори шахсият, озодӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ӯ, ҳифзи инсонпарварии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар маҷрои ватандӯстӣ нуҳуфтааст, наметавонад аз сарҳадҳои муайян гузарад, дар акси ҳол ягонагии ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ несту нобуд карда мешавад. Мутлақияти принсипи мазкур бар зарари манфиатҳои умумӣ, ноуҳдабароии даст кашидан аз манфиати шахсӣ (беш аз он, рафтан ба ин ва ё он қурбонӣ) дар роҳи дарки бардурӯғи инсондӯстӣ ҳамчун музаффарияти «ягонагӣ» инсонро ба ҷониби дур аз ватандӯстӣ мебаранд.[2]

---

[1] Макаров В.В. Отечество и патриотизм. Логико-методологический анализ / Под ред. В.Е. Давидовича; Саратов: Изд-во саратовского ун-та, 1988.159 с. С. 77.

[2] Гумницкий Г.Н. Основные проблемы теории морали. Иваново, 1972; Гумницкий Г.Н. К вопросу об основных этических категориях // Философские науки. 1963. № 1. С. 127 -132.

Эҳтимолан, масъалаҳои таносуби манфиатҳо ва умумияти сиёсӣ аз масъалаҳои боз ҳам умумии «шахсият - ҷомеа» ибтидо меёбад. Бо истифодаи консепсияи муносибати асосии ахлоқӣ (Г.Н. Гумнитский)[1], мумкин аст схемаи зерини таносуби мафҳумҳоро сохт[2]. Тавъамшавии муносиби манфиатҳои Томияти сиёсӣ ва шаҳрванд иборат аст аз: якум, ватандӯстӣ– чунин шакли амаликунии мутақобилаи шаҳрванд ва умумияти сиёсӣ, ки ҳангоми он мақсади аввалини шаҳрванд манфиати умумияти сиёсӣ мебошад, дуюм, – инсондӯстӣ, ки дар он мақсади ниҳоии умумияти сиёсӣ манфиати шаҳрванд мебошад. Ду ҷониби ин муносибат байни ҳамдигар дар ягонагии диалектӣ қарор дошта, мавҷудияти якдигарро шартнок мегардонанд: агар танҳо якумин вуҷуд дошта бошад, он гоҳ дуюмин низ арзи вуҷуд дорад. Ватандӯстӣ бо инсондӯстӣ ва инсондӯстӣ бо ватандӯстӣ алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, қатъӣ карда гӯем, ҳар як ватандӯстии ҳақиқӣ инсонпарварона аст. Мувофиқан, агар инсондӯстӣ аз байн равад, он гоҳ, оиди ватандӯстӣ бо маънии хоси он сухан гуфтан мумкин нест.

Онҳо бояд ба ҳамдигар мувофиқ бошанд, ҳарчанд ченаки мувофиқат дар ҳошияҳои гуногуни иҷтимоӣ ва таърихӣ гуногун аст ва бо омилҳои сершумор  муайян карда мешавад (масалан, дар шароитҳои давраи ҷанг «тавозуни муносиби» манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ ба тарафи якумин тамоюл менамояд). Қайд намудан ҷоиз аст, ки ченаки инсондӯстӣ дар ҷомеаҳои гуногун ва ҳошияҳои иҷтимоӣ гуногун аст.

Ин раванд метавонад бо ду усул тағйир дода шавад, ки ду муносибати мувофиқи манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро ба миён меорад. Якум, тоталитарӣ – навъи муносибате, ки дар он ватандӯстӣ аз инсондӯстӣ бартарӣ дорад, ва ҳамчун «ватандӯстии аз ҳад зиёд» (ва ё «ватандӯстии  қалбакӣ») ишора гардидааст. Яке аз вариантҳои зуҳури «ватандӯстии  қалбакӣ» дар воқеияти иҷтимоӣ миллатгароӣ мебошад.

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Рябов О.В. Национальная идентичность: Тендерный аспект (на материале русской историософии). Дисс. на соиск. уч. степени д.ф.н. Иваново, 2000.

Дуюм, индивидуалистӣ – навъи муносибати номувофиқатии манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, ки ба «ватандӯстии аз ҳад зиёд» муқобил гузошта шудааст, ҳамчун «инсондӯстии аз ҳад зиёд» ва ё ҳамчун космополитизм («инсондӯстии қалбакӣ») маънидод мешавад». Мувофиқи он инсондӯстӣ аз ватандӯстӣ бартарӣ дорад.

Оид ба масъалаи тавозуни манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ А.Солженитсин андешаронӣ намуда, ҳамзамон ба «назарияи ахлоқӣ» - и А. Смит ишора намуда, муҳаққиқ чунин меҳисобад, ки ба инсон хос аст, ки дар навбати аввал манфиатҳои худ ва манфиатҳои наздиконашро ҳифз намояд, лекин ҷомеа, яъне тамоми маҷмӯи одамон, дар муносибате манфиатдор аст, ки ба даст овардани «тавозуни» манфиатҳои ҳам фард ва ҳам атрофиёни наздики ӯ (оила) ва ҳам ҷомеаро пешбинӣ намояд. Аз рӯи ақидаи Солженитсин, ватандӯстӣ манфиатҳои фард (ва оиларо) бо манфиатҳои ҳамватанон «баробар нигоҳ медорад». Вазъи муносиби ҷомеа – баробарвазнӣ байни индивидуализм, ватандӯстӣ ва инсондӯстии умумиинсонӣ мебошад; «инсондӯстӣ ҳамаро фарогиранда мебошад, лекин он набояд ба души инсоне, ки тавозуни манфиатҳоро дар тартиби тобеияти онҳо ҷустуҷӯй менамояд, маҷбуран бор карда шавад»[1].

Боз як маротибаи дигар қайд хоҳем кард, ки ватандӯстии ҳақиқӣ бечунучаро инсондӯстона мебошад. Ҳама гуна тағйирдиҳии ченаки ватандӯстӣ ба дарки нодурусти он меорад, ки ин дар навбати худ танқидро ба бор меорад. Ҳамин тариқ, он амри воқеиро маънидод кардан мумкин аст, ки баҳогузориҳои танқидии ватандӯстӣ ба монанди «ҳиссиёти аҳмақон», «доктринаи аҳмақона», ва ё «паноҳгоҳи охирини нобакор» ба миён меоянд»[2].

Инчунин нуқтаи назари Г.Н. Гумнитский оиди моҳияти категорияи қарз ҷолиби диққат аст. Мулоҳизаҳои И. Кантро, ки мутлақан қарз ва майлу рағбатро (орзуро) муқобили ҳам мегузошт, асоснок карда, Г.Н. Гумнитский ду мафҳумро аз ҳам фарқ менамояд: «муҳаббат ва ватан» (ки

[1] Бернштам М.С. Проклятый вопрос о цене идей // Дружба народов. 1992. №4. С. 179.
[2] Snyder L.L. The Meaning of Nationalism / New York, Greenwood Press, 1968. P. 152.

аз муҳаббат ба инсони ҷудогона сарчашма мегирад) ва «қарзи ватандӯстона». Қарз ва инсондӯстӣ бо тарзи мураккаб бо ҳамдигар печидаанд ва муносибати ягонаи ахлоқиро меофаранд, ҳарчанд ангезаҳои гуногун ва мустақили рафтор мебошанд.

Дар ҳошияи мулоҳизаҳои мазкур масъалаи «асосҳои инсондӯстии» ҷанг хеле мубрам мегардад. Мумкин аст, ки куштори инсонро бо мақсади ҳифзи Ватан ҳақ шуморид? Д. Муретов дар асари худ бо номи «Мубориза бо Эрос» менависад, ки «мафҳуми муҳаббат суди ахлоқиро бекор наменамояд»[1]. Аз ин бармеояд, ки «қабули муҳаббат маънии сафед кардани гуноҳро надорад, лекин онро чӣ гуна ки ҳаст, бояд ҳамон хел қабул кард, бо қаҳрамониҳояш ва бо гуноҳҳояш». Мутаффакир чунин меҳисобад, ки «барои қабул кардани ҷанг дарки он зарур аст, ки он барои ватани ман зарур аст аст.

Ҳамин тариқ, ҷанг арзиши волои ҳаёти инсонро инкор наменамояд, ки дар принсипи инсондӯстӣ ифода ёфтааст, кӯштори инсон бошад, дар навбати аввал, бо талаботҳои зарурият шартнок карда шудааст.

Баъдан чунин савол ба миён меояд: чӣ гуна «муҳаббати» Patria нисбати шаҳрванд ифода меёбад[2]. Мо чунин меҳисобем, ки дар ин ҳолат амри воқеии дарки аҳамияти фардии худ дар тақдири Ватан аз ҷониби шахсият хеле муҳим аст. Ҳамагуна мақсаду ниятҳои фаъолонаи инсон бояд бо амалҳои ҳавасмандгардонӣ / ҷазодиҳӣ, ки ба низоми муносибатҳои давлатӣ ворид карда шудаанд, инчунин бо эътироф ва ё сарзаниши ҷамъиятӣ ҳамроҳ карда шаванд.

Мо дар боло қайд карда будем, ки ду навъи муносибатҳои ҷамъиятӣ вуҷуд дорад, ки ҳангоми тағйирёбии ченаки ватандӯстӣ ба миён меоянд, ки инҳо «ватандӯстии қалбакӣ» ва «инсондӯстии бардурӯғ» мебошанд. Дар воқеияти имрӯзаи иҷтимоӣ ин навъҳо бо миллатгароӣ (ҳамчун яке аз шаклҳои «ватандӯстии қалбакӣ») ва космополитизм («инсондӯстии

[1] Муретов Д. Борьба за Эрос // Национализм, Полемика 1909 - 1917. Сборник статей. М., 2000. С.75
[2] Там же. С.76.

бардурӯғ») пешниҳод гардидаанд. Бинобар ин, чунин савол ба миён меояд: таносуби ин мафҳумҳо бо мафҳуми марказии таҳқиқоти мо чӣ гуна аст? Аз маҳдудсозии ватандӯстӣ ва миллатгароӣ оғоз хоҳем кард.

В.А. Колтсова ва В.А. Соснин ба чунин хулоса меоянд, ки ин падидаҳои ичтимоӣ нуқтаи умумии ибтидоӣ доранд – вафодорӣ ва дилбастагӣ ба умумияти ичтимоии худ (этникӣ, миллӣ ва ё дигари он). Лекин, дертар роҳҳои чудошавии онҳоро қайд менамоянд: «вобаста аз он ки ин гуна вафодорӣ қабул гардида, дар амалҳои воқеӣ татбиқ мегардад, ду низоми қарордодҳои ичтимоию психологӣ рушд меёбанд, ки куллан бо тарзи гуногун характери муносибатҳоро байни одамон ҳамчун намояндагони иттиҳодияҳои гуногун пешакӣ муайян менамоянд»[1]. Дар як ҳолат онҳо дар асоси эҳтироми тарафайн ва баробарӣ ба роҳ монда мешаванд, дар ҳолати дигар бошад – сабабҳои асосии муайянкунанда муносибати душманона ва саъю кӯшиш ба афзалияти худ мегардад.

Ба таҳлили таносуби мафҳумҳои миллатгароӣ, ватандӯстӣ ва космополитизм мурочиат менамоем. Бояд қайд намоем, ки ҳамаи онҳо низоми муайяни муносибатҳои манфиатҳои фардӣ ва миллиро дар назар доранд. Ба таносуби ин мафҳумҳо В.С. Соловев мурочиат менамояд. Миллатгароӣ ҳамчун ҳолати хусусии ватандӯстии қалбакӣ, аз рӯи ақидаи ӯ, бартарияти «инстинктҳои ҳайвониро» аз болои худогоҳии олии миллӣ дастгирӣ менамояд, В.С. Соловев бенатаниро (космополитизмро) аз он боло мегузорад, ки доимо истифодаи бечунучарои қонуни маънавиро бе ягон гуна муносибат бо фарқиятҳои миллӣ талаб менамояд.[2]

Дар шакли умумӣ интернатсионализм асосноксозии назариявии худро дар асарҳои К. Маркс, Ф. Энгельс, В.И. Ленин ва дигар назариячиёни ҳаракати байналмилалии коммунистӣ ва коргарӣ ҳамчун интернатсионализми сармоя ва интернатсионализми меҳнат,

---

[1] Кольцова В.А., Соснин В.А. Социально-психологические проблемы патриотизма и особенности его воспитания в современном российском обществе // Психологический журнал. 2005.004:89-97. С. 91.

[2] Соловьев В.С. Национальный вопрос с нравственной точки зрения // Оправдание добра. Под общ. ред. А.Ф. Лосева, А.В. Гулыги; АН СССР, Ин-т философии. М., Мысль, 1990. – С.379.

муқобилгузории капиталистон ва синфи коргар пайдо намудааст. Онҳо тасдиқ менамоянд, ки мавҷудияти масалан, «ватандӯстии кӯҳна» «асосан ба буржуазияи майда хос аст, ки барои онҳо муқобил гузоштани халқи худ бо дигар халқиятҳо мувофиқи мақсад аст». Ватандӯстии «нави» сотсиалистӣ бошад аз рӯи моҳияти худ интернатсионалӣ аст, ки онро муқарраротҳои назарияи марксистӣ –ленинӣ исбот менамоянд:

*Якум,* асосҳои сиёсӣ (демократияи сотсиалистӣ), иқтисод (моликияти ҷамъиятӣ), иҷтимоӣ (иттиҳоди синфи коргар бо деҳқон) ва идеологӣ (ватандӯстии сотсиалистӣ – интернатсионалӣ) мебошанд;

*Дуюм,* ҳамчун барандагони меҳнаткашони тамоми миллатҳо ва халқиятҳои ҳар як мамлакати сотсиалистӣ баромад менамоянд;

*Сеюм,* дурнамои тараққиёти мамлакат, миллат, халқияти худро бо ҳамрайъии байналмилалии пролетарӣ, бо муборизаи синфии синфи байналмилалии коргар ва иттифоқчиёни он, бо ғалабаи коммунизм дар миқёсӣ байналмилалӣ алоқаманд месозад;

*Чорум,* аз рӯи мазмун ва аҳамияти объективии худ фаъолияти ватандӯстии меҳнаткашони мамлакатҳои сотсиалистӣ дар якҷоягӣ инчунин амаликунии қарзи интернатсионалии онҳо мебошад.[1]

Бояд қайд намоем, ки интернатсионализм ба космополитизм мушобеҳ нест. Он усули дигари гузаронидани сарҳадҳоро дар ҷомеа пешниҳод менамояд. Интернатсионализм ба ҷомеаи синфӣ хос аст, ки дар асоси тақсимоти он принсипи синфӣ нуҳуфтааст.

Тамоюлоти дар афкори ҷамъиятӣ бамиёномадаи шабоҳати «ватандӯстӣ» ва «миллатгароӣ», аз рӯи ақидаҳои П.Снайдер, на танҳо аз ҷиҳати забонӣ, инчунин аз ҷиҳати сиёсӣ хатост. Миллатгароӣ, пеш аз ҳама, «бо истиқлолият ва ягонагии миллат алоқаманд аст, вақте ки ватандӯстӣ – аниқтараш, ҳиссиёте мебошад, ки фардро маҷбур месозад, ки ба объекти вафодориаш – мамлакаташ хизмат намояд, ӯро ҳам аз ҳуҷуми душманон ҳифз намуда, ҳуқуқҳояшро ҳифз намояд, қонунҳо ва

[1] Ленинизм и национальный вопрос в современных условиях. Ид 2-е. М., Политиздат, 1974. 598 с.С. 332.

институтҳои пурзӯр ва бенуқсони ӯро муқаррар ва барпо созад»[1]. Миллатгароӣ, давом медиҳад Снайдер, аз ғояи ҳокимият ҷудонопазир аст; ватандӯстӣ, дар навбати худ, аз рӯи табиати худ ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ ва ҳам ҳарбӣ ҳифзкунанда аст. Лекин, характери ватандӯстӣ ончунон риёкорона аст, ки онро метавон осонакак дар сафедкунии агрессия истифода бурд.

Ҳамин тариқ, тамоюлоти асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир ягонагии таркиботи оқилона, эҳсосотӣ ва иродавӣ мебошанд ва моҳиятан маҷмӯъ ва пайдарпайии амалҳо ва кирдорҳои инсонро дар амалисозии манфиатҳо ва мақсадҳои шахсӣ (дар ҳолати мазкур, манфиату мақсадҳои ватандӯстона) инъикос менамоянд. Маҳз бо воситаи ин амалҳо ва кирдорҳо ягонагии ҷаҳони ботинии шахсият бо объекти фаъолияти ватандӯстии худ амалӣ карда мешавад.

Аз рӯи табиати худ фаъолияти ватандӯстона намуди мустақили фаъолият маҳсуб намеёбад. Дар адабиёти ватанӣ фаъолият умуман ҳамчун шакли махсуси инсонии муносибати фаъолона нисбати муҳити атроф баррасӣ карда мешавад, ки мазмуни он тағйирёбӣ ва азнавсозии мувофиқи мақсадро ташкил медиҳад. Ҳамагуна намуди фаъолияти инсон ватандӯстона шуда метавонад, лекин ба шарти он, ки дар сохтори мақсадноки он мақсадҳои ватандӯстона бартарият дошта бошанд.

[1] Ленинизм и национальный вопрос в современных условиях. Ид 2-е. М., Политиздат, 1974. 598 с. С. 332.

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНШАВИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Нақши ниҳодҳои давлатӣ дар раванди тарбияи ватандӯстӣ

Таҳлили таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик аз рӯи моҳият ва мазмуни худ падидаи хеле мураккаб арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, таҳқиқи хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстии ин ва ё он халқият ва ё миллат, пеш аз ҳама, таҳлили аниқи раванди таърихӣ, муайян намудани омилҳои асосӣ ва заминаҳои ташаккулёбии ватандӯстиро дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърихии ҷомеа талаб менамояд. Бо дарназардошти муқаррароти мазкур мо кӯшиш намудем, ки хусусиятҳои ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии халқи тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Яке аз вазифаҳои асосии ватандӯстии халқи тоҷик аз он иборат аст, ки барои ҳалли масъалаи мазкур заминаҳои пойдори иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва маънавию идеологии давлат зарур аст.

Ҳисси ватандӯстии халқи тоҷик дар муқоиса бо дигар халқҳои Шарқ ва Ғарб дорои хусусиятҳои фарққунанда мебошад. Ин хусусиятҳо дар он инъикос меёбанд, ки халқи тоҷик дар давраи тӯлонии таърихӣ зери тобеияти забткунандагони гуногун қарор дошт. Ба ин вазъияти душвор ва мураккаби иҷтимоию сиёсӣ нигоҳ накарда, ватандӯстии халқи тоҷик ҳамеша аз принсипҳои он бармеомад. Халқ ба сӯи озодӣ кӯшиш мекард, ба ҳифзи Ватани худ бармехост. Тоҷикон, ҳамчун этноси қадимтарин ҳамеша бар зидди душманони дохилӣ ва берунаи диёри худ ва ватани азиз мубориза мебурданд. Мақсади асосии ватандӯстии халқи тоҷик ба озодсозии Ватани худ аз истилогарон равона карда шуда буд.

Ватандӯстӣ барои халқи тоҷик аз қадимулайём хос буд. Ҳаракати ватандӯстии халқи тоҷикро метавон аз образҳои чунин ватандӯстон ба монанди Спитамен, Шерак ва дигар қаҳрамонони ҷаҳони қадим таҳқиқ

намуд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки идеалҳои ватандӯстона роҳнамо ва ситораи роҳнамои халқ барои рушду тараққиёти Ватан мебошанд.

Пайдоиш, ташаккул ва рушди ватандӯстии халқи тоҷик – ин раванди объективӣ ва табиӣ мебошад. Агар чунин сарчашмаҳо, ба монанди: «Авесто» дар даврони Зардушт, «Шоҳнома»-и Абдулқосими Фирдавсӣ, «Сиёсатнома»-и Низом-ул-мулк, «Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асримиёнагӣ ва навин»-и Б. Ғ. Ғафуров, «Тоҷикон дар ойинаи таърих»-и Эмомалӣ Раҳмон ва дигаронро ба инобат гирем, он гоҳ метавон бо боварӣ иброз дошт, ки дар ин сарчашмаҳо ҷавоби аниқ ба масъалаҳои ватандӯстии халқи тоҷик дар давраҳои гуногуни таърихӣ дода мешавад.

Омӯзиши сарчашмаҳо ва ҷамъбасти таҷрибаи таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки идеалҳои ватандӯстии халқи тоҷик аллакай дар замонҳои қадим ба ташаккулёбӣ оғоз карда, дар давраҳои гуногуни таърихӣ инкишоф ёфтаанд. Дар алоқа бо ин, аз нуқтаи назари мо, муфидовар он аст, ки пеш аз ҳама таҳлили аниқи омилҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва маънавӣ – идеологӣ ва заминаҳои асосие, ки ба ташаккулёбии ватандӯстии халқи мо мусоидат намудаанд, дода шавад. Аз ин рӯ, мақсади асосии тарбия ва идеалҳои асосии ватандӯстӣ - ин муҳаббат ба диёри худ ва ҳифзи Ватан аз душманон, рушди мақсадноки дӯстӣ байни халқҳо мебошад. Таърихи қаҳрамононаи халқи тоҷик, солномаи қаҳрамониҳои ватандӯстон таҳлили аниқи илман асоснокгардидаро дар шароитҳои Тоҷикистон тақозо менамоянд. Вобаста ба ин масъала, омӯзиш ва таҳқиқи ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик ва хусусиятҳои муҳимми он бояд дар шакли зерин амалӣ карда шаванд:

Якум, таҳлили аниқи хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик дар давраву марҳилаҳои гуногуни таърихӣ;

Дуюм, таҳлили моҳият ва характери ватандӯстии халқи тоҷик ва хусусиятҳои фарққунандаи он дар ҳар яке аз даврахои аниқи таърихӣ;

Сеюм, таҳқиқ кардани хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик дар асри XX;

Чорум, ошкор сохтани хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик дар шароитҳои давраи шӯравӣ;

Панҷум, таҳлили характери дигаргуниҳои қатъии замоне, ки мо дар он умр ба сар мебарем, қайд кардани коллизияҳои мураккаби иҷтимоӣ ва байналмилалӣ, масъалаҳои муосири ҷаҳонӣ, ки коркарди низоми дурусти ақоидҳоро нисбати муносибатҳои сулҳҷӯёнаи инсон ба ҳаёти сиёсии мамлакат, оиди баландбардории назарраси мақоми иҷтимоии шуур, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, дар бораи нақши идеалҳои ватандӯстона, хусусиятҳои рушди онҳо бо роҳи демократикунонии ҷомеа масъалагузорӣ менамоянд;

Шашум, Тоҷикистон ҳамчун мамлакати сермиллат ба марҳилаи нави рушди худ қадам гузошт – марҳилаи мукаммалсозии ҳамаҷониба ва сифатноки демократикунонӣ, марҳилаи рушд ва мустаҳкамсозии истиқлолияти миллӣ ва истиқлолияти сиёсӣ. Ҳалли ин масъалаҳо, бо маънии томи қонунияти рушди истиқлолияти миллӣ танҳо бо роҳи фаъолноксозии омили инсонӣ, заминаи ғоявии идеалҳои умумиинсонӣ имконпазир мебошад. Аз ин рӯ, ҳаёт талаботҳои волотаринро нисбати сифатҳои зеҳнӣ ва иродавии одамон, шуур ва тафаккури олии онҳо пешниҳод месозад;

Ҳафтум, идеалҳои ватандӯстона, боварии қатъии одамон дар шароитҳои мухолифатҳо ва низоъҳои муосири байналмилалӣ ташаккул меёбад, ки бо оқибатҳои ногузир арзёбӣ мегарданд. Аз ин рӯ, барои он ки ба равандҳои мураккаби ҳаёти дохилӣ ва байналмилалӣ роҳ ёбем, бояд характери назарраси ҷаҳонбинона, ниҳояти назарҳо, шуури мустаҳками сиёсӣ, идеалҳои амиқи ватандӯстона, тафаккури фалсафӣ, дошта бошем, то ки инсон тавонад ба моҳияти мухолифатангези тағйиротҳои имрӯз рухдиҳанда сарфаҳм равад;

Ҳаштум, ошкорсозии зарурияти шуурнокӣ ва ҷаҳонбинии баланди ҳар як инсон, ки инро муборизаи муосири идеологӣ талаб менамояд. Муборизаи муваффақиятомез бо миллатгароӣ, экстремизм ва шовинизм, фаъолияти тӯҳматомези онҳо бар зидди дӯстии халқҳо ва истиқлолияти миллии халқи тоҷик аввалиндараҷа мебошад. Ин тақозо менамояд, ки ҳар як инсон ақоидҳои мустаҳкам ва боварии қатъии амиқи ғоявиро нисбати идеалҳои ватандӯстона дошта бошад. Ин ҳолатҳо азнавсозии аслии шуур, тафаккур ва ҷаҳонбинии ҳар як инсон, ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстонаро дар анбӯҳи васеи аҳолӣ, дӯстии халқҳоро дар Тоҷикистон талаб менамоянд. Имрӯз вазифаи асосии ҳар як инсон ва тамоми аҳолии Тоҷикистони соҳибистиқлол доштани тассавуротҳои аниқ ва равшан оиди аҳамияти таърихии идеалҳои ватандӯстона ва дӯстии халқҳои Ватан мебошад. Таҳқиқи масъалаи хусусиятҳои ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи воҷиби ҷомеаи демократӣ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи раванди қонунии пайдоиш, омилҳои иҷтимоӣ – сиёсии ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик мувофиқи мақсад аст, ки онро аз масъалаҳои назариявӣ оғоз хоҳем кард. Таҷрибаи таърихӣ тасдиқ намуд, ки пайдоиш, барқароршавӣ, рушд ва ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик раванди дурудароз, мухолифатомез ва қонунӣ мебошад, ки аз ҷиҳати илмӣ дар асарҳои Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Ӯ.Р. Расулов, М.Г. Гулахмедов, Ф.Т. Тоҳиров, А.Н. Имомов ва дигарон исбот карда шудааст.[1]

Дар ин боб мақсади таҳқиқоти мазкур, чи хеле ки дар боло қайд гардид, таҳлил ва нишон додани хусусиятҳои ташаккулёбии

---

[1] Гафуров Б.Г. Таджики: древнейшая, древняя, средневековая и новейшая история. - Душанбе, 1998; Рахмонов Э.Ш. -Таджики в зеркале истории: первая книга: «От Арийцев до Саманидов», Душанбе - Лондон, 1999; Его же, Движения национального единства и возрождения Таджикистана, Душанбе, 1997; Расулов К.Р., Гулахмедов М.Г. Национальные и политические процессы независимости Таджикистана, Душанбе, 2001; Имомов А.Н.Конституционно - правовые проблемы развития Республики Таджикистан, Душанбе, 1998, Тохиров С. Т. История государства и права Таджикистана, Душанбе, 2001;

ватандӯстии халқи тоҷик мебошад. Албатта, аз ҷиҳати назариявӣ нодуруст ва аз ҷиҳати амалӣ зараровар мебуд, агар лаҳзаҳои махсуси пайдоиш ва ташаккулёбии ватандӯстӣ дар ин ва ё он миллат ва ё халқият аз ҳад зиёд нишон дода шуда ва мутлақ шуморида мешуд. Ҳақиқат аз он иборат аст, ки хусусиятҳои махсуси ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик натиҷаи шароитҳои аниқи таърихии қонуниятҳои умумии рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад. Лекин, хусусиятҳои махсусро низ ба эътибор нагирифтан хатарнок аст, ки ин ба мушкилоти ҷиддӣ дар ҳалли масъалаи ташаккулёбии ватандӯстӣ ва ба эҳёшавии тамоюлоти миллатгароӣ меорад.

Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик раванди табиӣ мебошад. Мақсади асосии идеали ватандӯстӣ мубориза и оммаи халқ бар зидди ноадолатии иҷтимоӣ мебошад, ки орзуву омоли онҳо дар эҷодиёти шифоҳии халқ ва адабиёти пешқадам инъикоси худро ёфтаанд ва анъанаҳои беҳтарини мутаффакирони пешқадами Шарқро давом медиҳанд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки идеалҳои ватандӯстии халқи тоҷик дар асарҳои чунин мутафаккирони машҳур, ба монанди Рӯдаки, Фирдавсӣ, Низом-ул-мулк, Форобӣ, А.Дониш, Айнӣ ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд, ки бо танқиди тезутунд бар зидди сохтори хонигарӣ – феодалӣ, рӯҳониён, урфу одатҳои ваҳшиёна ва ислоҳнопазир баромад менамуданд. Онҳо маорифпарвариро ҳифз намуда, илму маърифатро дар байни аҳолӣ тағриб менамуданд. Аҳамияти махсус ба рушди ғояҳои ватандӯстии халқҳо дода мешуд. Ин мутаффакирон дар асарҳои худ ғояҳои муҳаббат ба ватан, ҳимояи меҳан, муҳаббат ва эҳтиром нисбати инсон, оила ва макone, ки таваллуд ёфтааст, садоқат ба халқи худ ва дигар талаботҳои ватандӯстиро инкишоф медоданд.

Бо дарназардошти воқеиятҳои таърихӣ, бояд қайд намуд, ки ватандӯстӣ то пайдоиши давлати Сомониён ба миён омадааст. Давраи Сомониён заминаҳои иҷтимоӣ – сиёсиро ба миён оварда, ба раванди

ташаккул ва мустаҳкамшавии ватандӯстии халқи тоҷик мусоидат намудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, таърихи пайдоиши давлатдории тоҷикон ва муборизаи тӯлонии халқи тоҷикро барои ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ тавсиф намуда, навиштааст: «Баъд аз ҳуҷуми арабҳо ба ҳудуди Мовароуннаҳр ва Хуросон давлатҳои пурқудрати Тоҳириён ва Саффориён таъсис ёфтанд, ки аз давлати Сомониён, ки дертар таъсис ёфт, қариб ки камӣ надоштанд. Лекин танҳо ба Сомониён муяссар гардид, ки як садсолаи бутун марказонидани давлат, рушди босамар ва пешрафти бемислу монанди онро таъмин намоянд, ба пешрафти азими фарҳанг мусоидат намуда, омили муҳимми ташаккулёбии давлатдории миллии тоҷикон ва муттаҳидшавии халқиятҳои тоҷикон, эҳёгардии арзишҳои фарҳангӣ ва маънавии миллати тоҷик гарданд. Дар интиҳо, давлати Сомониён ба халқи тоҷик имконият дод, ки аз ибтидо мустақил гардад ва як маротибаи дигар ба ҷаҳониён вазифаи тамаддунофарини худро нишон диҳанд. Ин давра марҳилаи интиҳоии ташаккулёбии таърихии халқи тоҷик ва расидан ба қуллаи давлатдории миллӣ аз ҷониби он ба ҳисоб меравад».[1]

Аз давраи Сомониён оғоз гардида то имрӯз халқи тоҷик ҳамеша барои нигоҳдории на танҳо анъанаҳо ва фарҳанги бошукӯҳ мубориза мебурд, ватани худро ҳифз менамуд, инчунин рушди минбаъдаи худро дар ҳар як зинаи таърихӣ ба даст меовард.

Пеш аз ҳама, мақсади асосии тоҷикон, мустаҳкамсозии ғояҳои ватандӯстӣ ва дӯстӣ бо тамоми халқҳо буд.

Яке аз заминаҳои муҳимми ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик таъсиси давлати ягонаи сермиллати шӯравӣ буд. Таъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ марҳилаи нави ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик буд. Дар натиҷаи ғалабаи Инқилоби Октябр халқи тоҷик ба мисли дигар халқҳои Шарқи шӯравӣ ба роҳи азнавсозиҳои амиқи бузург дар тамоми

[1] Рахмонов Э.Ш. Таджики в зеркале истории: книга первая: «От Арийцев до Саманидов», Душанбе-Лондон, 1999, С.- 126.

соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – сиёсии ҷомеа қомат афрохт. Дар тӯли 70 соли даврони шӯравӣ  Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳо ба дастовардҳои бузург ноил гардид: инкишоф ёфт, пурзӯр гардид, тараққӣ карда, ба яке аз ҷумҳуриҳои пурқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт.  Баъд аз пошхӯрии  Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибихтиёр гардида, истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварданд.

Таҳлили даврони садсолаи таҷрибаи таърихии Давлатдории Сомониён нишон медиҳад, ки маҳз дар ин давра   ватандӯстии халқи тоҷик, муҳаббати он ба Ватан мустаҳкам гардид.  Ватандӯстии халқи тоҷик ба осонӣ ташаккул ва рушд наёфтааст.  Аз таҷрибаи таърихии халқи тоҷик маълум аст, ки  он якчанд маротиба ба зӯроварӣ аз ҷониби истилогарони бурунмарзӣ рӯ ба рӯ гардидааст, лекин ҳеҷ вақт ақидаи миллии худро тағйир надодааст.

Дар асри XI туркон кӯшиш ба харҷ доданд то ки давлати тоҷиконро фатҳ намоянд, лекин баъдтар пурра аз тоҷикон принсипҳои идоракунии давлат, анъанаҳо, этикетро  қабул карданд, забони тоҷикӣ низ давлатӣ боқӣ монд. Чи хеле ки маълум аст, баъд аз пошхӯрии давлатдории Сомониён, зиёда аз ҳазор сол  тақдири соҳибихтиёрии миллӣ ва истиқлолияти сиёсии халқи тоҷик дар вазъияти хеле душвор ва мушкил ҷой дошт. Аз асри XI оғоз намуда, то ибтидои асри XV истилогарони гуногун ба рушдёбии халқи тоҷик  монеъ мегардиданд. Ин омилҳо ба муқаррарсозии соҳибихтиёрии миллӣ  ва истиқлолияти сиёсии халқи тоҷик таъсири манфӣ расонд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда боз ҳам ғояҳои ватандӯстии халқи тоҷик инкишоф меёфтанд. Дар ин ҷода мақсади асосӣ ва вазифаи ватандӯстии халқи тоҷик ба тарбияи ҳисси муҳаббат ба Ватан, ҳифзи оилаи худ, забон, анъанаҳо ва фарҳанг равона карда шуда буд.

Дар мувофиқа бо таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили адабиёт бояд қайд намуд, ки халқи тоҷик солҳои тӯлонӣ  зери истилои хонигариҳои Муғул,

Шайъбониҳо ва Манғитиҳо қарор дошт, ки халқи тоҷикро аз соҳибихтиёрии давлатӣ ва истиқлолияти сиёсӣ маҳрум месохтанд. Аз асри XII оғоз карда то асри XX ин истилогарони аҷнабӣ фарҳанг ва илми тоҷикро пурра ғорат карданд. Дар баробари ин, онҳо дар роҳи рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии халқи тоҷик, алалхусус раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ ва дӯстии халқҳо монеъ гардиданд.

Омилҳое, ки ба роҳҳои ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик монеа гардиданд, инҳоянд:

Таҳлили ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодии Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон нишон медиҳад, ки оммаи асосии аҳолӣ бесавод буд. Дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон сохтори феодалӣ ҳукмрон буд, мамлакат ба хонигариҳои ҷудогона, аморатҳо ва бекигариҳо тақсим карда шуда, байни ҳам барои ҳукмронии сиёсӣ мубориза мебурданд. Синфи ҳукмрон аз он манфиатдор буд, ки оммаи халқро дар торикӣ зери тарси догматизми рӯҳонӣ нигоҳ дошта, аз ҳаёти сиёсии ҷомеа дур намоян. Тамоми дастгоҳи идеологияи феодалӣ: масҷид, мактаб, мадраса, тамоми воситаҳои асорати маънавӣ ва аз роҳ задани халқи меҳнаткаш, адабиёти клерикалӣ, китобҳои динӣ – фалсафӣ барои нигоҳдории оммаи халқ дар ғуломӣ, таасуби динӣ ва канораҷӯйӣ ба ҳисоб гирифта шуда буданд.[1]

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки иқтисоди халқ дар сатҳи хеле пасти рушд қарор дошт. Вазъи иқтисодӣ, сатҳи зиндагӣ ва вазъияти иҷтимоии халқи тоҷик вазъияти хеле тоқатфарсо дошт. Ҳамаи ин омилҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва маънавӣ ба ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик таъсири манфӣ мерасонданд.

Сохтори иҷтимоии ҷомеа моҳиятан феодалӣ буд. «Чунин мамлакати ваҳшӣ, ки дар он оммаи халқ то он дараҷа аз ҷиҳати саводнокӣ, дарки дунё ва дониш ғорат шуда буданд, - навишта буд В.И Ленин дар соли 1913,- дар Аврупо, ғайр аз Россия, намондааст».[2]

---

[1] Гулахмедов М.Г мировоззрение и перестройка. Душанбе, 1990, С.- 65.
[2] В.И Ленин - Полное собр. соч. Т.23 С. 127

Ҳарчанд ин суханҳо нисбати Россия гуфта шуда бошанд ҳам, лекин онҳоро метавон нисбати шароитҳои тоинқилобии Осиёи Миёна низ тарҷеҳ дод. Яке аз омилҳои асосии монеъшавӣ ба ташаккул ва инкишофи ватандӯстӣ, агар ба ҳисоб гирифт, ки тоҷикон дар шароитҳои сохтори феодалӣ комилан бесавод буданд одамони бесавод мебошанд. Аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 1897 саводнокӣ дар байни аҳолии кишвари Туркистон: узбекҳо - 1,6%, тоҷикон - 3 %, қазоқҳо -1%, туркманҳо -0,7%, қирғизҳ - 0,6%-ро ташкил медод. Маълум аст, ки Ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон дар арафаи Инқилоби Октябр дар сатҳи мамлакатҳои колониалӣ қарор доштанд. Аллакай дар оғози солҳои 20 – уми асри XX бесаводӣ дар ин ҷо аз 90 то 96%-ро ташкил медод.[1] Ба гузашта назар андохта ва таҷрибаи таърихии халқро омӯхта, бояд қайд намуд, ки ба вазъи душвор ва шароитҳои сангин нигоҳ накарда, халқи тоҷик ҳамеша ва бо боварӣ барои баландбардории сатҳи зиндагии худ, барои озодӣ, адолати иҷтимоӣ, барои ба даст овардани соҳибихтиёрии миллӣ ва барқарорсозии истиқлолияти сиёсӣ, сохтори ҷомеаи инсониятпарвар мубориза мебарад.

Сардори давлат, Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст, ки «Агар ба таърихи халқи мо назар афканем – онгоҳ мо муборизаи беназири ӯро дар роҳи озодӣ, адолат ва худогоҳӣ хоҳем дид, мебинем ки бо хун оғушта гардида, ба азобу шиканҷа рӯ ба рӯ гардида, лекин бо меҳнати сулҳҷӯёна бо нияти ба даст овардани ин мақсадҳо ба худ роҳ кушодааст».[2] Тоҷикон дар тӯли таърихи дурудароз зери ҳукмронии истилогарон давраҳои пуризтиробро аз сар гузаронидаанд.

Ба таърих, хулосаҳои илмӣ муроҷиат намуда, тасдиқ кардан мумкин аст, ки аввалин маротиба баъд аз байн рафтани давлати Сомониён имконияти махсуси барқарорсозии давлатдории миллӣ ва аъзои шоистаи иттиҳоди ҷаҳонӣ гаштан ба миён омадааст.

---

[1] Средняя Азия в цифрах. Издательство Среднеазиатского Госплана 1931 г.- ст.267

[2] Рахмонов Э.Ш. - По пути единства и созидания. Душанбе 1993. С. 32

Лекин то ба даст овардани давлатдории миллӣ халқи тоҷик ба азобу шиканҷаҳои зиёде гирифтор гардид. Барои ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ ва эълони истиқлолияти сиёсӣ, пурзӯрсозии ватандӯстии халқи тоҷик, пеш аз ҳама, бунёди заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ – сиёсӣ, маънавӣ- идеологӣ ва шароитҳои таърихӣ зарур буд. Пеш аз он ки ба таҳлили омилҳои иҷтимоӣ – сиёсии ташаккул ва рушди ватандӯстии халқи тоҷик шурӯъ намоем, ба мо зарур аст, ки марҳилаҳои асосии таърихии онро ҷудо созем. Бо дарназардошти таҷрибаи таърихӣ ва исботи илмӣ қайд кардан мумкин аст, ки ватандӯстӣ дар шароитҳои Тоҷикистон аз рӯи се марҳилаи асосии таърихӣ инкишоф ёфтааст.

Марҳилаи якум: Пайдоиш ва рушди ватандӯстӣ дар як вақт бо таъсиси давлати Сомониён оғоз меёбад (ки давраи нимаи дуюми асри IX – ро фаро гирифта, то оғози асри X давом мекунад). Дар ин марҳила дар даврони Сомониён ватандӯстии халқи тоҷик мунтазам мустаҳкам гардида, рушд меёфт ва ин даврон зиёда аз сад сол давом ёфт. Лекин баъд аз пошхӯрии давлати Сомониён ватандӯстии халқи тоҷик суст гардид. Чи хеле ки аллакай қайд гардид, истилогарони гуногун ба ҷараёни раванди мунтазами мустаҳкамсозии ватандӯстии халқи тоҷик дар ин марҳилаи таърихии рушди ҷомеа монеа эҷод менамуданд.

Ҳарчанд халқи тоҷик давлатдории худро зиёда аз ҳазор сол зиёд аз даст дода бошад ҳам, лекин ормонҳои ватандӯстӣ боз ҳам ба барқарорсозии Давлати Тоҷикон, озодсозии Ватан аз душманони халқи тоҷик равона карда шуда буд.

Марҳилаи дуюм: рушди ватандӯстии халқи тоҷик аз ғалабаи Инқилоби Октябр ва таъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз мегардад. То ба даст овардани истиқлолияти давлатии халқи тоҷик дар соли 1991 солҳо мегузаранд. Ин марҳила зиёда аз 70 солро дар бар мегирад. Дар ин ҷода ватандӯстии халқи тоҷик дар робита бо рӯйдодҳои мазкур рушд ёфта, мустаҳкам мегардид. Аз соли 1924 оғоз гардида, халқи тоҷик ба ҳайати Ҷумҳурии Узбекистон ҳамчун вилояти худмухтор ворид гардида, баъд аз

он дар соли 1919 Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ эълон гардида, мақоми баробарҳуқукро дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун давлати мустакил ба даст овард.

Марҳилаи сеюм: раванди табии ташаккул ва рушди ватандӯстии халқи тоҷик аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолияти миллӣ аз соли 1991 то имрӯзро дар бар мегирад.

Агар аз рӯи марҳилаҳои мазкури раванди табиии ташаккул ва рушди ватандӯстии халқи тоҷик муҳокимаронӣ намоем, онгоҳ қайд кардан зарур аст, ки дар ҳар як марҳила хусусиятҳо, мухолифатҳо ва ҳолатҳои мушкил ҷой доранд, ки аз якдигар фарқ менамоянд. Ба ин шароитҳои мушкили таърихӣ нигоҳ накарда, аҳолии Тоҷикистон муқовиматҳои дохилӣ ва берунаи душманонро паси сар намуда, барои барқарорсозии соҳибихтиёрии миллии худ ва истиқлолияти сиёсӣ муборизаи доимӣ мебурд. Масъалаҳои мазкур мавзӯи омӯзиш ва пажӯҳиши олимони барҷастаи соҳаи фалсафа, сиёсатшиносӣ, таърих, сотсиология, ҳуқуқшиносӣ ва дигар илмҳои ҳам давлатҳои муштаракулманофеъ, Тоҷикистон ва инчунин олимони хориҷӣ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои пажӯҳишҳои илмӣ хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстиро нишон медиҳанд, омилҳоеро, ки ба рушди мунтазами он монеа мегарданд, ошкор месозанд. Солҳои охир олимони давлатҳои муштаракулманофеъ ва Тоҷикистон ба ин мавзӯъ як қатор асарҳоро[1] бахшидаанд, ки дар онҳо сабабҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва маънавӣ – идеологии бамиёноии низоъҳо ва оқибатҳои манфии барои раванди

[1] Андреев С.С. -Теория политической деятельности. -Москва 1995; Здравомыслов А.Г. -Межнациональные конфликты в постсоветском пространстве. Москва 1998; Кургинян Г. Таджикский узел, -Советская Россия, 1993 29 июля; Махмадов А.Н. - Социальные конфликты,-Куляб, 1995; Фатоев С.С. -Социально-политические конфликты в современном обществе ( опыт Таджикистана) -Душанбе 2001 год; Саймудинов Ш. -Национальное примирение в Таджикистане и его современное значение, -Душанбе, 2002; проблемы формирования национальной идеи в Республики Таджикистан (материалы научно практической конференции) Душанбе, 2007. и другие.

ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Лекин ин олимон таҳлили пурраи хусусиятҳо, мухолифатҳо ва ҳолатҳои низоиро, ки монеи раванди мунтазами ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Тоҷикистони соҳибистиқлол гардидаанд, надодаанд.

Таҳлили воқеоти дар боло дарҷгардида аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ҳолатҳои дурударози мухолифатомез, мураккаб ва низоӣ, ки ба барқарорсозии роҳи раванди мунтазами истиқлолияти сиёсӣ монеъ мегарданд, нигоҳ накарда, халқи тоҷик, тамоми ин ҳолатҳои манфиро паси сар намуда, шароитҳои зарурии иҷтимоӣ – сиёсиро барои пурзӯрсозӣ, рушд ва такмили истиқлолияти сиёсӣ фароҳам овард. Ин заминаҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ омилҳои муҳимми ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик гардиданд.

Рӯйдодҳои иҷтимоӣ – сиёсии ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихиёрии сиёсии халқи тоҷикро таҳлил намуда, бояд қайд намуд, ки он бо роҳи хеле мураккаб ва мушкил аз рӯи характери таърихии худ амалӣ карда мешуд. Барои ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихиёрии сиёсӣ ва ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик омили асосӣ асри XX гардид. Чи хеле ки маълум аст, асри мухолифатомез, пур аз рӯйдодҳо ва равандҳо буд, ки бо тарҳи нав тақдири халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷиконро муайян кард.

Яке аз заминаҳои муҳимми ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик рӯйдодҳои зерин гардиданд: баъд аз Инқилоби Октябр ҳамроҳ шудан ба Россия, ҳамзистии ҳафтодсола дар доираи давлати ягона, низоми ягонаи сиёсӣ, муҳити ягонаи идеологӣ, низоми ягонаи таҳсилот ва ғ. халқҳоро бо ҳам наздик кард. Сифати нави ҳаётро дар онҳо ба миён оварданд, ки ин халқҳоро бо ҳам муттаҳид сохт, махусан бо халқи рус ва бо ин роҳ ба тамаддуни умумиаврупоӣ ва умумиинсонӣ шинос намуданд. Ин рӯйдодҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ куллан ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, миллӣ ва

маънавии ҳаёти халқҳои Осиёи Миёнаро тағйир доданд. Махсусан шуур ва худогоҳии халқҳои тоҷик, қазоқ, қирғиз, узбек, туркман куллан тағйир ёфт. Дар ин замина ватандӯстии халқҳои Осиёи Миёна ташаккул ёфт, ки аз рӯи характер ва мазмун ватандӯстии шӯравӣ ва сотсиалистӣ буд.

Ҳолати мураккаб ва мушкили ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷикро баҳогузорӣ намуда, Президенти мамлакат, Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буд, ки «Дар ин ҳошияи таърихӣ нақши Инқилоби Октябр бевосита хеле бузург аст, ки ба халқи мазлум имконияти аз нав эҳё шуданро дод. Баъд аз ҳазор сол баъд аз пароканиши давлати Сомониён тоҷикон аз нав давлатдории худро ба даст оварда, онро дар харитаи сиёсии ҷаҳон қайд намуданд. Бо шарофати Инқилоби Октябр Тоҷикистон соҳиби ҳудуди худ гардида, аз зулму ситам озод гардид: Дар одамон ташаббус барои фаъолияти шуурнок ва фазои эҷодӣ ба миён омад»[1].

Зарурияти исботи аҳамияти Инқилоби Октябр дар ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии халқи тоҷик нест, лекин танҳо қайд хоҳем кард, ки дар таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон, барқароршавӣ ва рушди соҳибихтиёрии сиёсии он пеш аз ҳама халқи рус ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ёрии амалӣ расониданд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлил, бояд қайд намуд, ки таъсиси Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии мустақил натоиҷи мунтазами муборизаи ҳазорсолаи халқи тоҷик дар ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии сиёсӣ гардид. Халқи тоҷик баъд аз муборизаи чандинасра давлатдории худро ба даст овард, ба роҳи рушди озод ва эҳёи миллӣ қадам гузошт ва ҳамчун миллати соҳибистиқлол ва мустақил ташаккул ёфт.

Дар мувофиқа бо гуфтаҳои боло чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки дар мамлакати мо тамоми заминаҳои зарурии иҷтимоӣ – сиёсӣ,

[1] Рахмонов Э.Ш. -Таджики в зеркале истории. Книга первая: «От Арийцев до Саманидов», Душанбе -Лондон, 1999.С. 219.

иқтисодӣ ва маънавӣ барои ташаккулёбии ватандӯстии халқамон фароҳам оварда шуда ва амал мекунанд. Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1994 қабул гардид, аз интихоби озоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоби парламенти нави Ҷумҳурӣ - Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагон, интихоби вакилони халқ аз поён то боло аз иқдоми махсуси муҳим дар тақсимоти афзалиятҳои Давлати соҳибистиқлоли тоҷик шаҳодат медоданд. Яке аз муқарраротҳои умдае, ки инъикоси худро дар матни Конститутсияи Ҷумҳурии мо дарёфт, тасдиқоти он буд ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва муттаҳид мебошад»[1].

Эъломияи конститутсионии истиқлолияти халқӣ нишонаи муҳимми моҳияти демократии Тоҷикистон мебошад. Дар робита бо ин дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишорат гардидааст, ки «халқ барандаи истиқлолият ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон гардидааст».[2]

Имрӯз дар Тоҷикистон тамоми заминаҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ барои мустаҳкамсозӣ ва такмили минбаъдаи давлат ва боло бурдани фаъолнокии халқ дар амалисозии вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ – сиёсӣ ва идеологӣ дар назди Ватан фароҳам оварда шудаанд.

Дар робита бо ин гуфтан мумкин аст, ки яке аз вазифаҳои муҳимми давлат ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии халқи тоҷик мебошад.

Зарурияти таърихии ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон ҳамчун вазифаи аввалиндарича ба миён омадааст, чунки ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ бояд оиди моҳият, мазмун ва аҳамияти таърихии Ватан тасаввуроти аниқ дошта бошад.

Вазъи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҳар як сокини ҷумҳурӣ қотеъона камолоти мустаҳками сиёсӣ, шуури баланди сиёсӣ,

---

[1] Конституция Республики Таджикистан. - Душанбе, 2003. С. 34
[2] Там же. С. 35.

фарҳанги сиёсӣ ва тасаввуроти сиёсиро дар бораи ватандӯстӣ талаб менамояд. Аҳолии мамлакат бояд тасаввуротҳои аниқ ва равшанро дар бораи Ватан, муҳаббат ба Ватан, ва дурнамои минбаъдаи рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол дошта бошад. Бе ин хусусиятҳо ватани соҳибистиқлолро мустаҳкам сохтан имконнопазир аст.

Ҳалли ин масъала раванди хеле мураккаб, душвор ва мухолифатомез мебошад. Аз ин рӯ, самаранокии ҳалли ин масъала барои Тоҷикистон аҳамияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз нуқтаи назари мо, бояд масъалаҳои зерин ҳалли худро ёбанд

якум, истилоҳи «ватандӯстӣ» хеле пеш ба миён омадааст, лекин дар адабиёти илмӣ хеле кам истифода мегардид. Дар алоқа бо ин бояд заминаи аниқи асосии ташаккулёбии ғояҳои ватандӯстиро дар аҳолии Тоҷикистон қайд намуд;

дуюм, қисми сершумори аҳолии Тоҷикистон, махсусан аҳолии деҳот, тасаввуроти аниқ ва равшанро оиди мафҳуми «ватандӯстӣ» надоранд;

сеюм, ҳолати имрӯзаи Тоҷикистон талаб менамояд, ки байни аҳолии Ҷумҳурӣ оиди ошкорсозии амиқи моҳият, мафҳум ва мазмуни идеалҳои ватандӯстӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда шавад то ки ин идеалҳо ба ғояҳо ва эътиқоди ҳар як шаҳрванд мубаддал гарданд;

чорум, ҳалли ин масъала аз бисёр ҷиҳат аз фаъолияти мунтазами идеологии мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иқтидори пурқуввати таъсиррасониҳои идеологӣ вобастагӣ дорад;

панҷум, аз нуқтаи назари мо, самаранокии ҳалли масъалаҳои мазкур аз бисёр ҷиҳат аз файласуфон, таърихчиён, сиёсатмадорон, сотсиологоҳо, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва намояндагони дигар илмҳои ҷамъиятӣ – гуманитарӣ, зиёиёни илмӣ – педагогӣ ва дигар сарчашмаҳои идеологӣ вобастагӣ дорад, ки онҳо метавонанд боз ҳам васеътар корҳои ташвиқотӣ – тарғиботӣ бурда, идеалҳои ватандӯстиро то шуури ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон расонанд. Имрӯз ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ бояд дар бораи аҳамияти таърихии ватандӯстӣ маълумот дошта бошад.

Барои ба даст овардани ин мақсад дар Тоҷикистон тамоми имкониятҳо мавҷуд аст.

Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ нишон медиҳад, ки давлат ва ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ чораҳо андешида, шаклҳо, воситаҳо ва самтҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба ташаккулёбии ватандӯстии аҳоли Тоҷикистонро истифода бурда истодаанд. Ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва идеологӣ ба устуворӣ, ва бо ин ба баландбардории самаранокӣ ва сифати ташаккулёбии ватандӯстӣ дар ҳар як коллективи меҳнатӣ ва тарбия дар рӯҳияи ватандӯстии тамоми аҳолии Тоҷикистон, дар мустаҳкамсозӣ ва рушди минбаъдаи дӯстии халқҳо мусоидат хоҳад кард. Бо ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии сиёсӣ дар Тоҷикистон низоми нави сиёсии ҷомеа таъсис дода шудааст.

Функсияҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро таҳлил намуда, қайд кардан зарур аст, ки аксарияти институтҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ аҳолиро дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия менамоянд.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки халқи тоҷик ба оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки харобиҳоро дар хоҷагии қишлоқ ва мушкилотро дар Ҷумҳурӣ ба миён оварданд, нигоҳ накарда, натиҷаҳои нав ва пешрафти нави иҷтимоиро дар ташаккулёбии ғояҳои ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон ба даст овард.

Ҷамъбаст ва таҳлили далелҳо ва мисолҳои сершумор ба мо имконият медиҳанд, ки фикри худро оиди он ки арзишҳои асосии бартаридоштаи тамоюлоти халқи тоҷик барои азхудкунии идеалҳои ватандӯстӣ ва мустаҳкамсозии дӯстии халқҳо хизмат менамоянд, иброз намоем.

Масъалаҳои асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ – сиёсӣ ва идеологии ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик аз ҷониби олимони ҷумҳурӣ

баррасӣ мегарданд. Солҳои охир як қатор асарҳои илмӣ, ҷамъиятӣ – сиёсии роҳбарони ҷумҳурӣ, олимон; сиёсатмадорон, ҷомеашиносон ба нашр расидааст, ки дар онҳо таҳлили аниқи раванди ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон оварда шудааст.[1]

Дар ин асарҳо дар асоси мавод ва далелҳои воқеӣ ҳолатҳои мураккаб ва шароитҳои вазнини равандҳои сиёсии ташаккул ва рушди ватандӯстии халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муаллифони ин асарҳо диққати худро ба ноустувории муносибатҳои сиёсии солҳои 1992-1997-и Тоҷикистони соҳибистиқлол равона сохта, лекин хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷикро ба таври кофӣ ошкор накардаанд.

Омӯзиш ва таҳлили ҳолати иҷтимоӣ – сиёсӣ ва таҷрибаи амалии Тоҷикистон дар назди мо вазифа мегузорад, ки хусусиятҳои раванди ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷикро нишон диҳем. Пеш аз ҳама бояд қайд намоем, ки барои тамоми Ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 1992-1997 ва барои Тоҷикистон низ давраи пастшавии тезутунди сатҳи зиндагии аҳолӣ, махсусан аҳолии деҳот гашт. Аз бисёр ҷиҳат, маҳз бо ин пурзӯршавии шиддатнокии иҷтимоӣ маънидод мешавад, ки бо шикастҳои пайдарпайи сохтори сиёсии ҳокимият маънидод мегардид. Дар алоқа бо ин бояд қайд намуд, ки масъалаҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ дар Ҷумҳурӣ хеле мураккаб гардиданд. Бинобар ин, баъзе аз хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстии аҳолиро дар шароитҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод:

---

[841] Гафуров Б.Г. -Таджики: древнейшая, древняя, средневековая и новейшая история Душанбе, 1998; Рахмонов Э.Ш. -Таджики в зеркале истории. Первая книга: «От Арийцев до Саманндов», Душанбе -Лондон, 1999; Молодежь- будущее суверенного Таджикистана. - Душанбе, 1997; молодежь - будущее нации. Душанбе, 1998; Амонов Р.- Омилхои вахдати Милли ва эхъёи Точикистон, 1999

Халои (ваккуми) идеологӣ ва сиёсӣ, ки дар Тоҷикистон ба вуқӯъ омад, ба баромади гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ ба майдони ҷамъиятӣ мусоидат намуд, ки мақсади онҳо ба даст овардани ҳокимият буд;

дуюм, мазмуни асосии ҳаракатҳои нави ҷамъиятӣ – сиёсӣ, аз назари аввал, муқобилияти онҳо бо собиқ номенклатураи коммунистӣ буд. Лекин, дар асл мубscore шадид дар соҳаи идеология бар зидди шахсони воқеӣ оғоз гардид, ки ин мубориза аз оғоз характери маҳалгароӣ ба худ касб намуд. Дар ин шароитҳо ташаккулёбии ватандӯстӣ характери маҳдуд дошт, ки дар он аҳолии маҳалл, ноҳия ва вилоят, пеш аз ҳама, манфиатҳои худро ҳимоя менамуданд;

сеюм, радикализми сиёсӣ иллати асосии фитрии Ҳизби Назҳати Исломии Тоҷикистон гардид, ки онро дар гумон аст, ки бо тавзеҳот оиди мавҷуд набудани таҷрибаи шаклҳои сиёсии мубориза барои ҳокимият дар доираи конститутсияҳо ва қонунҳои амалкунанда талофӣ кард. Дар робита бо ин, раванди ташаккул ва рушди ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон хеле суст гардид ва эътиқоди ғоявии ҳар як инсон ба самтҳои гуногуни сиёсӣ бо дудилагӣ назар мекард.

Бинобар ин, то ки ин ҳолатҳои мураккаби иҷтимоӣ – сиёсиро дар Тоҷикистон дуруст баҳогузорӣ намоем, аз ҳар як нафар сокини пойтахт шуури баланд талаб карда мешавад. Ҳолатҳои мураккаб ва иҷтимоӣ – сиёсиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ намуда, М.К. Гафурова ва В. А. Фомина иброз намуда буданд, ки: «Парокандашавии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва низоми сотсиалистӣ, бедалелии тасаввуротҳои догматикии ҳукмфармо дар бораи сотсиализм то дирӯз, эътирофи зарурияти гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ ҳамчун қонунияти объективии рушди ҷамъиятӣ, бамиёноии низоъҳои кӯҳна, ки то фоҷиаи ҷанги шаҳрвандӣ мерасанд – ҳамаи ин шуури одамонро бошиддат тағйир дод»[1].

[1] Гафуров М.К.; Фомина В.А. -Общественные сознания. - Душанбе, «Ирфон», 2001.

Бо дарназардошти таҷрибаи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қайд намуд, ки баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихи худ ҳодисаҳои фоҷиабор – ҷустуҷӯйи душвори роҳҳои рушди мустақилро аз сар гузаронд. Ин ҳолатҳои мураккаб ва душворро дар Тоҷикистон баҳогузорӣ намуда, Ш. Саймудинов қайд намуд, ки «агар ба як Ҷумҳурӣ муяссар гашт, ки осон ва озодона давлати соҳибистиқлол гардад, дигарон бошанд – танҳо бо бартараф кардани баъзе аз монеаҳои расмӣ давлати соҳибистиқлол гарданд, он гоҳ ба халқи тоҷик хунрезиҳои дурудароз, роҳи мураккаб ва хунин насиб гашт. Тоҷикистон ба ҷанги бародаркуш кашида шуд, ки фоҷиабории онро Тоҷикистон муддати дароз ҳис хоҳанд кард».[1]

Мушкилоти ин раванд инчунин аз он иборат аст, ки дар Тоҷикистон дар солҳои 90-ум вазъият зери омилҳои муосири ғайриоддии ҳаёти байналмилалӣ ташаккул меёфт. Ин, якум, аз як тараф омили исломӣ ва мувофиқан амсилаҳои гуногуни идеологӣ аз худ дарак медод, дуюм, мероси пасазкоммунистӣ ва схемаҳои анъанавии он зуҳур мекард. Дар ин ҳолатҳо пурзӯршавии соҳибистиқлолии сиёсӣ, барқароршавии сулҳ ва ташаккулёбии ватандӯстии аҳолӣ аз тоҷикистониён қарорҳои комилан дигаргунро талаб мекард.

Ба оқибатҳои иҷтимоии ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурӣ ишорат намуда, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон навишта буд, ки «Ҷанги бародаркуш, ки аз хориҷ талқин карда шуда ва дар дохил аз ҷониби моҷароҷӯёни сиёсӣ, авомфиребҳо (демагогҳо) ва мансабпарастон барангехта шуда буд, бо дарду ғам дар дили ҳазорон модарон, ки фарзандони худро аз даст додаанд, садо дод; гурезагоне, ки аз хонаву манзили худ маҳрум гаштанд ва маҷбур гардиданд, ки ватани худро тарк карда дар ғарибӣ умр ба сар баранд. Ҷанг ҷароҳатҳои амиқро дар дилу дидаҳои ҳазорон нафар кӯдакони сағирмонда гузошт, ки бегуноҳ

[1] Саймудинов Ш. - Национальное примирения в Таджикистане и его современное значение, - Душанбе, 2002 - С. 3.

қурбонии он гаштанд. Самараи меҳнати бисёрсолаи сокинони деҳот несту нобуд ва ғорат гардида, зиёни ба хоҷагии халқ расонидашуда зиёда аз 7 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод. Ин давраи даҳшатангез ҳамчун доғи сиёҳ дар саҳифаи таърихи халқи мо мемонад».[1]

Нуқсонҳои гузашта, хатогиҳо ва равандҳои мухолифатомези имрӯз ба афзоиши низоъҳои миллӣ, шиддатнокӣ, болоравии ҷинояткорӣ, ноумедӣ, вайронии идеологӣ, тезутундшавии низоъҳои миллӣ ва ғайра меоранд. Тамоми ин падидаҳои мухолифатомез ҳар як нафарро уҳдадор месозанд, ки бо тамоми объективият аз гузашта сабақ гиранд, то ки дар шароитҳои азнавсозиҳои демократӣ дар ҷомеа ва дар пурзӯрсозии истиқлолияти сиёсии халқи тоҷик роҳи худро муайян созанд. Тамоми ин ҳолатҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва идеологӣ дар назди халқҳои Тоҷикистон вазифаи баҳогузории бошуурона ва оқилонаи вазъияти вуҷуддоштаро тақозо менамояд. Аз ҳар як шаҳрванд ватандӯстии олӣ, муҳаббат ба ватан, эҳтироми тамоми миллату халқиятҳои Тоҷикистон талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳаёт имрӯз шарти ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии тамоми аҳолии Тоҷикистонро мегузорад.

Мушкилоти иҷтимоӣ – сиёсии дар боло дарҷгардида, ҳолатҳои низоӣ ва мухолифатҳо заминаҳои манфии сустшавии раванди ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон гардиданд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки хафагӣ, бегонагӣ, бесарусомониро танҳо бо даъватҳои идеологӣ бартараф кардан мумкин нест. Чораҳои қатъӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, мақсадҳои умумӣ ва барномаҳое лозим аст, ки натиҷаҳои онҳоро бояд ҳар як миллат ва халқият, ҳар як инсон дарк намояд. Дар мувофиқа бо далелҳои дар боло дарҷгардида ва дар асоси таҳлили таҷрибаи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қайд намуд, ки дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва барқароршавии истиқлолияти сиёсии халқи тоҷик мухолифатҳо ва

[1] Рахмонов Э.Ш. -Таджики в зеркале истории: книга первая: «От Арийцев до Саманидов». Душанбе-Лондон, 1999. С-220.

ҳолатҳои низоӣ на танҳо таъсири манфӣ расониданд, инчунин раванди ташаккулёбии ватандӯстии халқи Тоҷикистонро сахт халалдор карданд.

Бинобар ин, имрӯз ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон, мустаҳкамсозӣ ва рушди он аз ҳар як тоҷикистонӣ, аз Ҳукумати ҷумҳурӣ, аз Президенти мамлакат, аз ҳар як мақомоти давлатӣ кори дақиқ, истифодаи усулҳо ва шаклҳои мубориза бо дахолатпазирӣ дар роҳи раванди мунтазами ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷикро талаб менамояд. Таҷрибаи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба ҳолатҳои душвор нигоҳ накарда, халқи тоҷик аз ӯҳдаи мустаҳкамсозии дӯстии халқҳо бомуваффақият баромад. Зарурият надорад исбот намуд, ки имрӯз халқҳои Тоҷикистон Ватани худро дӯст медоранд, барои ободӣ ва тараққиёти ояндаи он мубориза мебаранд.

Дар Тоҷикистон аксарияти коллективҳои меҳнатӣ таҷрибаи бойи тарбияи инсонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан доранд. Чунин коллективҳо ба монанди Таджиктекстилмаш, Таджиктекстилкомбинат, заводҳои Азоту нурии маъданӣ ва заводи Трансформатор, Заводи арзизи тоҷик, Комбинати қолинбофии Қайроқум, НОБ-и Норак, Бойғозӣ, Сангтуда, Роғун ва ғайра мебошанд, ки дар онҳо корҳои тарбиявӣ ва фаҳмондадиҳӣ оиди тарбияи ватандӯстии кормандон гузаронида мешуд ва ин фаъолият то имрӯз давом дорад.

Илова бар ин, дигар мисолҳоро овардан мумкин аст. Яке аз намунаҳои пурзӯри тарғиби тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ макотибҳои олии Тоҷикистон мебошад.

Дар ҷумҳурӣ зиёда аз 30 макотиби олӣ фаъолият менамояд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишо Шотемур, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва ғ. фаъолиятро дар ҷодаи ташаккулёбии ватандӯстии ҷавонон бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ пеш мебаранд.[1]

Дар ин макотибҳои олӣ намояндагони миллатҳо ва халқиятҳои гуногун таҳсил менамоянд. Масалан, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ зиёда аз 12 ҳазор донишҷӯй таҳсил менамояд, ки дар он чорабиниҳои гуногун оиди тарбия ва ташаккулёбии ватандӯстӣ байни ҳайати устодону профессорон ва ҷавонони донишҷӯй гузаронида мешавад. Тамоми коллективҳои меҳнатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, Артиш, тамоми ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон мактаби тарбияи ватандӯстӣ, ташаккулёбии ватандӯстӣ, ташаккулёбии шуури ватандӯстона; тарбияи ҳиссиёт ва ғояҳои бародарӣ, дӯстии халқҳо, ёрии дуҷониба ва муборизаи тамоми миллату халқиятҳо барои тантанаи ватандӯстӣ ва интернатсионализм дар Тоҷикистон мебошанд.

Таҷрибаи амалии Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи демократӣ орзуҳои неки инсоният ва бародарии халқҳо, ки ҳамчун оилаи ягона умр ба сар мебаранд, ҷомаи амал мепӯшад. Қувваи бузурги дӯстии халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар сохтмони сотсиализм ва ҳимояи дастовардҳои он дар амал исбот гардидааст. Ифодаи аниқи он дар ҳаёти сулҳҷӯёна: қаҳрамонии меҳнатӣ ва ёрии мутақобилаи халқи шӯравӣ дар рушди иқтисодӣ ва фарҳангии тамоми ҷумҳуриҳо дар барқароршавии баъдиҷангии хоҷагии халқи тоҷик, дар азхудкунии саноатӣ ва хоҷагии ноҳияҳои нави мамлакат, дар бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ (заминҷунбиҳо, хушксолӣ) дар ноҳияҳои алоҳида ва ғ. инъикос меёбанд.

Корнамоиҳои ҷангӣ - қаҳрамонии ҷовидонаи халқи шӯравӣ дар роҳи ҳифзи Ватани сотсиалистӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки хеле

[1] Текущий архив министерства образования Республики Таджикистан за 2007 года.№135.

равшану возеҳ дар супориши озодихоҳона, дар қарзи ватандӯстона ва интернатсионалии Артиши Шӯравӣ (озодсозии халқҳои сершумор аз фашизм, иштироки шаҳрвандони шӯравӣ дар ҳаракатҳои Муқовимати мамлакатҳои Аврупо, наҷоти тамаддуни ҷаҳонӣ аз ҷаҳолати фашистӣ) падидор гашт. Дар робита бо ин бояд қайд намуд, ки зиёда аз 60 ҳазор фарзандони халқи тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ на танҳо қаҳрамонӣ нишон доданд, инчунин ба 50 нафар ҷанговари тоҷик унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд. Имрӯз ватандӯстона тамоми Тоҷикистонро фаро гирифта, ғояҳои ватандӯстона тадриҷан ба эътиқоди қатъии халқи тоҷик табдил мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба мафҳуми ватандӯстӣ тағйироти зиёд ворид накардааст. Ин тағйиротҳо дар мафҳуми ватандӯстӣ ва васеъсозии ҳудудҳои он маънии онро надорад, ки муҳаббат ба табиати диёр, ба ватани аҷдодӣ маънии худро аз даст додааст. Не, ин ҳамеша мемонад ва яқинан доимо мемонад ва аз эҳсосоти ибтидоӣ ва бевоситаи ватан ва ё «ватан аз куҷо оғоз меёбад» маншаъ мегирад. Ин эҳсосот бо ватандӯстии сотсиалистӣ пурра карда мешуд. Солҳои охир ватандӯстӣ дар Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии фаъолияти идеологӣ гардидааст. Аз ин сабаб, тасдиқи ғояҳои ватандӯстона, ифтихор аз ватани демократӣ, тайёрӣ ба ҳифзи дастовардҳои халқи тоҷик дар шуури оммаи халқ, аз ҷумла насли ҷавон – яке аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Инро метавон дар мисоли давраҳои мураккаб ва душвори солҳои авали соҳибихтиёрии миллӣ ва барқароршавии истиқлолияти ҷомеаи тоҷик исбот кард.

Чи хеле ки қайд кардем, баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон бӯҳронҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ ба миён омад, ки дар натиҷа қувваҳои гуногуни сиёсӣ ба идоракунии ҷомеаи тоҷик дахолат намуданд. Илова бар ин, фундаментализми исломӣ, экстремизми сиёсӣ, ваҳҳобия ва дигар ҷараёнҳои экстремистӣ ба миён омаданд ,ки Тоҷикистонро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд. Ба ин

вазъияти ногувори иҷтимоӣ - сиёсӣ нигоҳ накарда, халқи тоҷик ба ҳифзи Ватан ва мамлакати азизи худ бархост. Қувваи ватандӯстии халқи тоҷик муқтадир буд ва аз ин сабаб ӯ бо душмани дохилӣ хеле бомуваффақият ғолиб омад. Дар натиҷа халқи тоҷик дар ин мубориза ғалаба кард.

Хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстиро таҳқиқ намуда, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва вайроншавии низоми сотсиалистии ҷомеа ҳар як ҷумҳурии иттиҳод, аз ҷумла Тоҷикистон мустақил гашт ва масъалаҳои ташаккулёбии тарбияи ватандӯстона бо баҳисобгирии хусусиятҳои таърихии ҳар як давлати мустақил баррасӣ мегардид.

2. Таҳлили гузаронидашуда ба диссертант имконият медиҳад, ки баландшавии накши ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро дар ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон ошкор созад. Дар ин ҷо фикри асосӣ аз он иборат аст, ки хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстии тоҷикистониён дар шароитҳои шакливазкунӣ ва демократикунонии ҷомеа вобаста аз он аст, ки то чи андоза онҳо метавонанд сулҳи байни тоҷикон ва арзишҳои истиқлолияти давлатиро ҳифз намоянд.

Ҳамин тариқ, дар пажӯҳиш нишон дода шудааст, ки масъалаҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим дар кори идеологии Ҳукумат, тамоми ҳизбҳои давлатӣ, сиёсӣ ва васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштааст. Ин маънии онро дорад, ки ҳар як ҳизби сиёсӣ, ҳаракатҳои динӣ ва қувваҳои сиёсӣ ба он мекӯшанд, ки халқро зиёдтар ба худ ҷалб намуда, шарту ғояҳои худро бар души онҳо вогузор намоянд.

Дигар махсусияти ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик ноустувории шароитҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологии ҷумҳурӣ дар солҳои 1992-1997 мебошад, ки он вақт дар Тоҷикистон ду тамоюлоти бо ҳам мухолиф ба миён омад. Оммаи халқ ва зиёиёни пешқадам барои

мустаҳкамии соҳибихтиёрии миллӣ, истиқлолияти Тоҷикистон ва рушди дӯстии халқҳо мубориза мебурданд.

Бинобар ин, дар Тоҷикистон халои (вакууми) сиёсӣ ва идеологӣ ба миён омад, ки ба раванди самаранокии ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон зарари бузург расонд. Ин ва дигар омилҳо дар Ҷумҳурӣ асоси ноустувории сиёсӣ гардиданд. Дар натиҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бӯҳрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ – сиёсӣ ва маънавӣ - идеологӣ ба миён омад, ки ба раванди ташаккулёбии ватандӯстии халқ халал мерасонд.

Мушкилоти раванди ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки пайдоиш ва барқароршавии истиқлолияти сиёсӣ дар Тоҷикистон дар вазъияти гузариш аз режими тоталитарӣ ба раванди демократӣ мегузашт. Ин раванд дар шароитҳои мураккаби иҷтимоӣ – иқтисодӣ амалӣ карда мешуд. Имрӯз калимаҳои «ватандӯстӣ», «шаҳрвандият», «муҳаббат ба Ватан» боз ҳам маънии олӣ ба худ касб менамоянд. Ҷомеа ва давлат бо кӯшишҳои муштарак саъй мекунанд, ки вазъияти бадахлоқиро бартараф созанд ва чунин ба назар мерасид, ки ин вазъият дар замини тоҷикон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ то дер боз боқӣ хоҳад монд. Барои тасдиқи гуфтаҳо бояд намунаҳои ҳуҷҷатҳои расмиро овард, ки амаликунии онҳо ба ҳалли масъалаи гузошташуда равона карда шудаанд.

Вазифаи асосии тарбияи ватандӯстӣ аз ҷорисозии ғояҳои олӣ, ки бо муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ҳифзи манфиатҳои он ва сарҳадҳои муқаддаси он алоқаманд аст, иборат мебошад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки шаҳрвандият ва ватандӯстӣ қобилияти мӯъҷизаофар доранд, онҳо ба ҷомеа ва давлат қувваи бузурги ғоявӣ ва моддӣ ато менамоянд. Имрӯз вазифаҳои дар назди мамлакат гузошташударо ҳал намуда, шаҳрвандони Тоҷикистон бояд ба арзишҳои маънавӣ – ахлоқӣ, ки онҳоро халқ дар тӯли таърихи ҳазорсола коркард намудааст, такя намоянд. Аз мавқеи ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсӣ,

боварии онҳо ба оянда, шаҳрвандият ва ватандӯстӣ, фаъолнокии онҳо муваффақиятҳои Тоҷикистон дар роҳи мукаммалгардонии азнавсозиҳои демократӣ ва сохтмони ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагӣ дорад.

## 2.2. Роҳу воситаҳои асосӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолият

Баъди ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон вазъияти душвори иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ – идеологӣ ба миён омад, ки қариб пурра он чиро ки дар даврони шӯравӣ барпо карда буданд, аз байн бурд. Ин давраи таърихӣ аз халқи тоҷик мустаҳкамсозии истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон, бартарафсозии дахолати бадандешони хориҷии ҷанги шаҳрвандӣ, бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ – идеологӣ ва даҳҳо сабабҳои дигарро талаб мекард, ки ҳамаи ин ба чунин савол овард - оё дар харитаи ҷаҳон давлати тоҷикон боқӣ мемонад ва миллати тоҷик нигоҳ дошта мешавад?

Раванди нави таърихӣ дар назди халқи тоҷик вазифаҳои хеле ҷиддии пурмасъулият – ҳифзи истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузошт.

Дурнамои мамлакатро баҳогузорӣ намуда, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки: «Мо тамоми мураккабият ва вазнинии масъалаҳоро, ки дар назди мамлакати ҷавони соҳибистиқлол гузошта шудаанд, дарк менамоем ва ба ирода ва дастгирии халқ такя намуда, қотеъона ва устуворона бо роҳи интихобкардаамон ба сӯи сохтори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва мустаҳкамсозии истиқлолият ва соҳибистиқлолии халқи тоҷик меравем»[1]. Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки вазъияти иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ – идеологӣ дар Тоҷикистон устуворона ҳифзи ғояҳои истиқлолият ва соҳибистиқлолиро

[1] Рахмонов Э.Ш. - Опираясь на волю народа. - Душанбе, «Точикистон», I993.С. 35

талаб менамуданд. Лекин таҳлили сатҳи шуури ҷамъиятӣ, фарҳанги сиёсӣ, ҷаҳонбинии аҳолии Тоҷикистон, махсусан дар деҳот, камбудии дарки раванди сиёсиро дар ҷумҳурӣ исбот менамояд ва як қисми аҳолӣ намедонад ва наметавонад вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва маънавиро дар Тоҷикистон дарк намояд.

Бинобар ин, Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон дар соҳаи кори идеологӣ ба масъалаҳои ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолӣ диққати зиёд медиҳад. Зарурияти ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз вазъияти мураккаби иҷтимоӣ – сиёсӣ ва маънавӣ – идеологӣ дар ҷумҳурӣ бармеояд.

Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло дарҷшуда, бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани соҳибихтиёрии миллӣ ва муқаррарсозии истиқлолияти сиёсии халқи тоҷик масъаларо оиди ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолии ҷумҳурӣ қатъӣ гузоштанд.

Бо ин мақсад чораҳои аниқ андешида шуда, роҳҳо ва воситаҳои асосии каналҳои идеологӣ коркард гардиданд. Имрӯз масъалаҳои ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстӣ вазифаи асосии фаъолияти идеологии Ҳукумат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Ватандӯстӣ бо дарки ҳастии таърихии халқ алоқаманд аст. Ин муҳаббат ва эҳтиром ба гузашта ва имрӯзи он аст. Дар Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» хусусиятҳои доираи ватандӯстӣ аниқу возеҳ муайян карда шудаанд – «Ватандӯстӣ падидаест, ки хусусиятҳои маънавӣ – психологии аъзоёни ҷомеа, дараҷа ва нақши таърихӣ – сиёсии миллат ва дарки ҷойгоҳи худро дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ташаккулёбии ифтихори созандаи миллатро инъикос менамояд. Сатҳ ва дараҷаи он бештар аз ҳама аз дониш, хирад, хотира ва донишмандӣ вобастагӣ дорад».[1] Чунин дарки

[1] Паспорт государственной программы патриотического воспитания молодёжи Таджикистана на 2011-2013 годы.- С.32.

ватандӯстӣ асосӣ мебошад. Пеш аз ҳама, ин тамоюлнокии баланди инсонпарварии ғояи ватандӯстии тоҷик; мазҳабпазирӣ ва риоя намудани қонунҳо; муҳаббати махсус ба табиати диёр мебошад. Ҳамаи ин унсури таркибии раванди ягонаи тарбиявӣ буда, фаъолияти мунтазам ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро оиди ташаккулёбии шуури баланди ватандӯстӣ, ҳисси вафодорӣ ба Ватани худ, тайёрӣ ба иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва уҳдадориҳои конститутсионӣ оиди ҳифзи манфиатҳо инъикос менамояд.

Масалан, дар Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» чунин вазифаҳои асосӣ баррасӣ мегарданд:

- Тарғиби ғояҳои асосии миллӣ ба монанди муҳаббат ба Ватан, ифтихор оиди гузаштаи пурифтихор ва дастовардҳои истиқлолият, сохтори ҷомеаи пешқадам ва мутамаддини шаҳрвандӣ байни ҷавонон ва наврасон;
- Эҳтироми анъанаоти ҷангӣ ва меҳнатии падарону бобоён, саҳифаҳои пурифтихори ҳаёти гузаштагони худ ва омӯзиши қаҳрамонӣ ва худфидокунии қаҳрамонони халқи тоҷик;
- истифодаи усулҳои нави кор бо насли ҷавон ва чораҳои самаранок дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон;
- ташаккулёбии ғояҳои солим ва пешрафтаи ҷавонон барои рушди ҷомеа;
- пешниҳоди шароитҳои мусоиди иҷтимоӣ ва ташкилӣ барои ташаккулёбии ватандӯстӣ, худогоҳии миллӣ ва садоқат ба Ватан дар байни ҷавонон;
- тақвияти асосҳои илмӣ – назариявӣ, методӣ ва меъёрӣ – ҳуқуқӣ, асосҳои ташкилӣ ва кадрии сиёсати давлатии ҷавонон дар самти тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии насли наврас;

такмил ва мутобиқгардонии фаъолияти сохторҳои гуногуни мақомоти маҳалии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва тайёрии тодаъватии ҷавонон ба сафи Артиши миллӣ;

- таъмини дастгирии давлатии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии насли наврас;

- коркард ва татбиқи шаклҳо ва усулҳои самараноки тарбияи ватандӯстӣ ва тайёрии тодаъватии ҷавонон ба сафи кувваҳои мусаллаҳ. [1]

Дар раванди тарбияи ватандӯстии ҷавонон субъектҳои тарбия - оила, муассисаҳои томактабӣ, тамоми намудҳо ва сатҳҳои муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои фарҳанг, сохторҳои давлатӣ, ки барои тарбияи насли наврас маъсулиятпазиранд, аз ҷумла сохторҳои қудратии мамлакат, бояд системаи ягонаро ташкил диҳанд. Танҳо дар ин сурат мақсади тарбия ягона ва усулу шаклҳои он гуногун шуда метавонанд.

Тарбияи ватандӯстӣ самти муҳимми ташаккулёбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон – бунёдкорони давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Қонунҳо, меъёрҳо, ғояҳо, ақоидҳо ва идеалҳое, ки дар ҷомеа коркард гардидаанд, шуури инсонро муайян месозанд. Тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ташаккулёбии мавқеи конститутсионӣ ва ҳуқуқии шахсият; азхудкунии ғояҳои асосии баробарии ҳамаро дар назди қонун, риояи ҳуқуқҳои инсонро пешбинӣ менамояд. Шуури ташаккулёфтаи шаҳрвандӣ имконият фароҳам меорад, ки падидаҳои иҷтимоӣ ва равандҳо, рафтору амалҳои шахсӣ аз мавқеи манфиатҳои ҷомеа баҳогузорӣ шавад.

Чи хеле ки маълум аст, рамзгузорӣ раванди «ашёикунонии» арзишҳо ва муқарраротҳои иҷтимоӣ мебошад, ки мубрамияти онҳо дар шакли нишона ва мафҳум имконият медиҳад, ки ҳисси ягонагӣ ва алоқамандии ҷомеа ва давлатро ташаккул диҳем. Маълумотҳоеро, ки барқароршавии нишон, парчам ва суруди миллии давлатиро тавсиф менамоянд,

[1] Государственная программа патриотического воспитания молодёжи Таджикистана на 2011-2013 годы.Душанбе.2010.-С23-24.

пешниҳод намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо он марҳилаеро ба даст наовардаанд, ки дар он оиди таъсиррасонии воқеии муттаҳидсозандаи рамзҳо дар ҷомеаи муосири сухан бояд гуфт. Бояд қайд намуд, ки дараҷаи мувофиқати ифодаи рамзии арзиши шаҳрвандӣ самаранокии таъсиррасонии рамзиро муайян карда метавонад. Барои камтар аз нисфи шаҳрвандони ҷумҳурӣ рамзҳои давлатӣ пурра ба ҳам мувофиқат менамоянд ва дорои ягонагии эстетикӣ ва маъноӣ мебошанд.

Дар асоси таҳлил, муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки рамзҳои имрӯза инъикосгари таърихи барқароршавии давлат мебошанд, ки инро шумораи зиёди шабоҳатҳои таърихӣ нисбати нишон, парчам ва суруди миллӣ тасдиқ менамояд. Имрӯз нишон, парчам ва суруди миллӣ - ин, дар навбати аввал, рамзҳои ҳокимияти давлатӣ ва баъд аз он рамзҳои ваҳдати халқӣ ва ё садоқати шахсӣ ба мамлакат мебошанд. Масъалаҳои фаъолнокии шахсии шаҳрвандӣ низ дар ифодаи ҳиссиётҳои шаҳрвандӣ бо воситаи рамзҳои Тоҷикистон вуҷуд дорад. Имрӯз, вақте ки рушди ватандӯстӣ байни ҷавонон хеле муҳим аст, яке аз зуҳуроти берунаи он муносибат ба нишон, парчам ва суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, шаклҳои нав ва муосири шиносоии шаҳрвандони ҷавон ба рамзҳои давлатӣ талаб карда мешаванд.

Сиёсати имрӯзаи рамзӣ дар ҷумҳурӣ хеле фаъол мебошад. Бо дарназардошти ин, муаллиф як қатор пешниҳодотро оиди мукаммалсозии он пешниҳод менамояд, ки дар байни онҳо:

- баландбардории саводнокии иттилоотии шаҳрвандонро нисбати рамзҳои давлат;
- ташаккулёбии таҷрибаи мусбии иҷтимоии шаҳрвандони ҷумҳурӣ доир ба муносибат нисбати рамзҳои давлатӣ;
- дар ВАО ташкил додани робитаи устувори мусбӣ байни шаҳрвандон ва рамзҳои давлатии ҷумҳурӣ;
- тартиб додани модели мувофиқи рамзноки тафсири рамзҳои давлатӣ дар доираи ғояи миллӣ махсус қайд карда шудааст.

Ҳамин тариқ, рамзҳои давлатӣ ҳамеша як унсури таърих ва фарҳанги Тоҷикистон буд ва мемонад. Тарбияи ифтихор аз Ватани худ, дарки нодирӣ, анъанаҳои фарҳангӣ, муносибати эҳтиёткорона нисбати онҳо дар ташаккулёбии шахсияти ҷавонон – шаҳрвандони мамлакат накши сазовор дорад. Бо дарназардошти ин, имрӯз дар низоми тарбия ва таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса ба ватандӯстӣ дода мешавад, чунки маҳз ҳамин ҳиссиёт хеле пурқувват мебошад ва аксар вақт ғояи муҳаббат ба Ватани худро сармашқи кори худ карда, одамон дар мамлакатҳои гуногун қаҳрамонӣ нишон медоданд.

Таҷрибаи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки имрӯз дар мактабҳо, муассисаҳои олии таълимӣ, коллективҳои меҳнатӣ, корхонаҳои саноатӣ, дар хоҷагии қишлоқ, муассисаҳои идеологӣ корҳои бузургҳаҷм оиди ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстӣ байни аҳолии шаҳрҳо ва ноҳияҳои Тоҷикистон гузаронида мешаванд. Дар робита бо ин бояд қайд намуд, ки дар ин ҷода накш ва ҷойгоҳи пурмаъсулиятро васоити ахбори омма: нашриёти даврӣ, радио, телевизион, нашриётҳо ва дигар каналҳои идеологии Тоҷикистон ишғол менамоянд, ки мунтазам масъалаҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ ва накши онро дар мустаҳкамсозии Ватани мо инъикос менамоянд. Таҷрибаи амалии фаъолияти идеологӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки яке воситаҳои муҳимми ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик васоити ахбори омма мебошад.

Мавқеъ ва накши ВАО-ро дар ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик баррасӣ намуда, сиёсатшинос Г.А. Сайфудинов менависад, ки: «Ҷомеаи демократӣ қотеъона талаб менамояд, ки дар вуҷуди одамони камолоти сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, шуури сиёсӣ тарбия карда шуда, инчунин сатҳи ғоявӣ – назариявии халқи тоҷик бояд баланд бардошта шавад. Имрӯз сатҳи ғоявӣ – ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон аз ҳар як инсон дараҷаи ҷаҳонбинии васеъ, фарохии ақоидҳо, шуури устувори сиёсӣ, тафаккури амикро талаб менамояд то ки равандҳои сиёсӣ,

ҳолатҳои мухолифатомез ва низоиеро, ки дар ҷумҳурӣ ба вуқӯъ меоянд, дарк намояд»[1]

Дар Тоҷикистон чунин васоити ахбори омма ба монанди: матбуот, радио, телевизион, телеграф ва ғ. бомуваффақият амал мекунанд, ки дар ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии халқ аҳамияти муҳим доранд Дастрасӣ ба каналҳои гуногуни ВАО ба аъзоёни ҷомеа на танҳо дар иҷтимоишавии сиёсии онҳо, инчунин дар баҳодиҳии рӯйдодҳое, ки дар ҳаёти сиёсии мамлакат ба вуқӯъ меоянд, баҳогузории фаъолияти пешвоён ва сохторҳои сиёсӣ ва ҷомеа кумак мерасонад. Бо воситаи ВАО ҷалби аҳолӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва муҳокимаи масъалаҳои доғи рӯз амалӣ карда мешавад. ВАО ба аҳолӣ имконият фароҳам меорад то роҳҳои татбиқи суботи худ, васеъсозии демократикунонии ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистонро пайдо намояд. Маҳз бар души ВАО на танҳо функсияи тасбити сиёсии омма, инчунин масъулият оиди мустаҳкамсозии арзишҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор дар шуури онҳо гузошта шудааст, ки онҳоро ватандӯстии халқ талаб менамояд. Масъалаҳои болоравии нақш ва аҳамияти васоити ахбори оммаро дар ташаккулёбии ватандӯстии халқҳои Тоҷикистон таҳқиқ намуда, бояд қайд намуд, ки солҳои охир Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон онҳоро доимо сафарбар намуда, мукаммалсозии кори идеологиро дар байни аҳолии Тоҷикистон талаб менамояд.

Таҷрибаи аксарияти шаҳрҳо ва ноҳияҳои Тоҷикистон аллакай собит намудааст, ки ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолӣ аллакай дар маркази диққати мақомотҳои давлатӣ қарор дорад.

Масалан, дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Норак, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ, Турсунзода, дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳритус, Данғара, Қумсангир, Мастчоҳ, Фархор, Панҷ, Ёвон, Рашт ва дигар ноҳияҳои Ҷумҳурӣ доимо чорабиниҳои гуногун, вохӯриҳо бо собиқадорони ҷангу

[1] Сайфудинов Г.А. - Роль средств массовой информации в обществе .-Душанбе, журнал «Кишоварз» 2004, - С. 15

меҳнат, лексияву семинарҳо, мусоҳибаҳо дар коллективҳои меҳнатӣ, вохӯриҳои ботантана бо иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гузаронида мешаванд, ки онҳо дар ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстӣ нақши калон мебозанд.

Дар Тоҷикистон корҳои муҳим ва мақсаднок оиди ташаккулёбии идеалҳои беҳтарин байни ҷавонони донишҷӯйи макотибҳои олии Ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд. Ба сифати намуна метавон Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро қайд намуд. Дар ин ҷо зиёда аз 12 ҳазор донишҷӯй, намояндагони 36 миллат ва халқият дар шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона таҳсил менамоянд. Асосан таълим бо забонҳои русӣ, тоҷикӣ, узбекӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ба роҳ монда шудааст. Раёсат, деканатҳо, кафедраҳо, ташкилотҳои ҷавонон мунтазам корҳои гуногуни тарбиявӣ мегузаронанд. Танҳо дар соли 2007 130 чорабинии гуногуни тарбиявӣ гузаронида шудааст. Мазмуни асосии тарбияи ватандӯстӣ ба ҳалли масъалаҳо дар тарбияи ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, ҳифзи он, дӯстии халқҳо равона карда шудааст. Донишҷӯён ғайр аз лексияву семинарҳои оддӣ дар кори конференсияҳо, вохӯрӣ бо иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бо собиқадорони меҳнат, бо намояндагони зиёиёни эҷодкор ширкат меварзанд, ки онҳо таъсири бузург ба ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии донишҷӯён мегузоранд. [1],

Чунин мисолҳоро аз ҳаёти коллективҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва як қатор донишгоҳҳои дигар овардан мумкин аст.

Дар мувофиқа бо таҷрибаи таърихӣ ва умумиинсонӣ ташаккулёбии ватандӯсии халқи тоҷик раванди мунтазам буда, дорои алоқаи мутақобилаи диалектикӣ бо фаъолияти амалии инсон дорад. Бинобар

[1] Текущий архив Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни за 2007 год.

ин, ташаккулёбии эътиқоди устувори сиёсӣ ва идеалҳои ватандӯстӣ бе иштироки фаъолонаи халқ дар фаъолияти ҷамъиятӣ – сиёсӣ, бе таҷрибаи худии сиёсӣ имконнопазир аст. Миқёсҳои муосири демократикунонии ҷомеа ва мустаҳкамсозии истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурӣ, зарурияти ҷалби васеи оммаи халқ ба идоракунӣ, тезутундшавии мухолифатҳои Тоҷикистони муосир ҳамаи ин сатҳи боз ҳам баланди ҷаҳонбинии сиёсӣ ва азхудкунии боз ҳам устувори идеалҳои ватандӯстиро тақозо менамояд. Таъсири ғоявӣ ба омма, коллектив ва ҳар як фард бояд бо баҳисобгирии номунтазамии муайян ва ҳатто баъзан мухолифати муайян ба роҳ монда шавад, ки ба раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ хос аст.[1]

Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва маънавӣ – идеологӣ нишон медиҳад, ки халқи тоҷик дорои заминаҳои устувор ва бой барои азхудкунии идеалҳои ватандӯстӣ мебошанд. Агар аз нуқтаи назари таҷрибаи таърихӣ назар андозем, онгоҳ мебинем, ки тоҷикон аз рӯи характер ва ахлоқи худ ҳамеша ватандӯстони Ватан ва диёри худ буданд.

Дар тӯли таърихи чандинасраи давлатдории тоҷикон аҳолии мамлакати мо ҳамеша бо ватандӯстии худ фарқ мекард. Ватандӯстони бузурги диёри тоҷикон Спитамен, Шерак, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ, Рустам ва дигар қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ аз Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, қаҳрамонони Тоҷикистони соҳибистиқлол Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Эмомалӣ Раҳмон, Нусратулло Махсумов, Шириншо Шотемуров ва ғ. буданд. Онҳо на танҳо ватандӯстони меҳани худ буданд, инчунин бо қаҳрамонию матонати худ халқи тоҷикро дар рӯҳияи идеалҳои муҳаббат ба ватан тарбия менамоянд.

Тамоми таърихи ҳаёт ва муборизаи халқи тоҷик корномаи қаҳрамонӣ мебошад, ба таъсири номатлуби аҷнабиён нигоҳ накарда,

[1] Хакимов М.С. - Особенности становления суверенитета Таджикского народа. Душанбе, «Ватанпарвар» 2005 С. 103.

халқи мо ҳамеша мардонагӣ, қаҳрамонӣ нишон дода, халқи худро аз душманони хориҷӣ ҳифз мекард. Имрӯз идеалҳои ватандӯстӣ идеалҳои озодӣ ва дӯстии халқҳо маҳсуб меёбад. Аз ин сабаб, ташаккулёбии ватандӯстӣ зарурияти таърихӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки раванди ташаккулёбии ватандӯстии халқи тоҷик ҳамеша мухолифатомез буд. Дар ин шароитҳои мухолифатомез ва вазъияти мураккаби сиёсӣ ба нигоҳдории худ аз рӯйдодҳои номатлуб ва оқибатҳои фоҷиабор танҳо халқе қодир аст, ки дорои маълумотнокии баланд ва фарҳанги сиёсӣ мебошад ва дар дилу дидаи фарзандони он худогоҳии миллӣ ва ҳисси ифтихори миллӣ ҷойгоҳи устувор дорад. Ин маънии онро дорад ,ки мо ҳеҷ вақт набояд бедории сиёсиро аз даст диҳем, бояд истиқлолияти Ватани худ, дастовардҳои онро қадрдонӣ намуда, ҳамеша нигаҳбони амнияти он бошем.

Дар алоқа бо ин мехоҳем боз як маротибаи дигар қайд намоем, ки: ҳама гуна миллат, ки он зиёд ва ё кам аст, наметавонад ҷойгоҳи сазоворро байни дигар миллатҳо ишғол намояд, агар худро эҳтиром нанамояд, таърих, фарҳанг ва анъанаҳои пос надорад ва арҷгузорӣ нанамояд.

Ватандӯстии халқи тоҷик ҳамеша арзи вуҷуд дошт ва дар як вақт бар зидди дилхоҳ қувваи монеъшаванда равона карда шуда буд, ки ҷойгоҳи арзандаи тоҷиконро, ки дар тӯли таърих ба даст овардаанд, паст месозад. Суханони Садриддин Айниро ба хотир меорем, ки дар оғози асри XX овози худро бар зидди дасисаҳои тамоми бадхоҳони миллати тоҷик баланд кард, ки имрӯз ҳам дар ҳақиқат хидмати бузурги ӯ дар назди халқи тоҷик мебошад. Яке аз сарчашмаҳои муҳимми ватандӯстии халқи тоҷик китоби Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» мебошад, ки дар миёни солҳои 70-уми асри гузашта дастраси мардум гардида, рӯйдоди муҳим дар раванди рушди худогоҳи миллӣ ва ватандӯстии халқи тоҷик, махсусан зиёиёни он гардид. Инчунин, бояд қайд намуд, ки тоҷикон ҳамеша мардонагиву матонат нишон дода, ҳамчун ватандӯстон ва

ҳимоятгарони Ватани худ баромад менамуданд. Мумкин аст даҳҳо ва садҳо намунаҳои ватандӯстии халқи тоҷикро мисол овард.

Барои намуна филмҳои таърихии «Тақдири шоир», «Коваи оҳангар», «Достони Рустам», «Достони Сиёвуш», «Рустам ва Суҳроб»-ро номбар мекунем, ки дар мамлакатҳои мухталиф мавриди тамошо қарор дода шудаанд. Таваҷҷуҳ ба ин филмҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки рӯҳияи ватандӯстии Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ ҳамеша зинда буда, ба иттиҳоди ҷаҳонӣ аз гузаштаи пуршарафи миллати тоҷик, корнамоиҳои қаҳрамононаи гузаштагони мо шаҳодат медиҳанд»[1]. Дар мувофиқа бо гуфтаҳои боло тасдиқ кардан мумкин аст, ки ватандӯстии халқи мо дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба мамлакатҳои Шарқ ва Ғарб маълум аст. Махусан оғози дӯстии халқи тоҷик бо халқҳои Россия, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон ва дигар халқҳо аз асрҳои миёна  сарчашма мегирад. Ин дӯстӣ дар шароитҳои давраи шӯравӣ боз ҳам мустаҳкам гашт.

Идеалҳои ватандӯстӣ ва нақши онҳоро дар таҳкими Ватан таҳқиқ намуда, сиёсатшинос С.К. Атоев менависад, ки: «Дар ҳар як марҳилаи аниқи таърихии рушди ҷомеаи мо ҳаёт масъалаҳои боз ҳам мураккабро дар назди мо мегузорад, ки ҳалли онҳо аз фаъолноксозии эҷодиёти иҷтимоии одамон, шуурнокии баланд ва эътиқоди мустаҳками онҳо дар оянда  вобастагӣ дорад[2]. Дар робита бо тасдиқоти сиёсатшинос С.К. Атоев бояд қайд намуд, ки дар шароитҳои мукаммалсозии ҷомеаи демократӣ дар мамлакат кор оиди ғанигардонии шуури ҷамъиятӣ ва рӯҳияи одамон дар ҷодаи тасдиқи тафаккури нав, мубориза бо таасуб ва кӯҳнапарастӣ дар назария ва амалия шурӯъ гардид. Дар самти

[1] Таджикистан и современный мир Душанбе, 2003, №2, - С. 14.

[2] Атоев С.К. -Особенности формирования политического сознания. Душанбе, 2000.ст. 76. 2. Камолов С. -Граница к истории становления границы Республики Таджикистан. Душанбе 2007; Одинаев М.С. - Особенности становления демократического, правового, светского государства Таджикистана. Душанбе,2007.; Хакимов М.С. — Особенности становления суверенитета Таджикского народа. Душанбе, 2005; Гафорова М.К. Фомина В.А. Общественное сознание. Душанбе 2001; Проблемы формирования национальной идеи в Республики Таджикистан. (Материалы научно-практической конференции, Душанбе, 18-19 апреля 2006 года) -Душанбе 2007 и другие

азхудкунии амиқи ғояҳо ва консепсияҳо, моҳияти тағйиротҳои бамаломада вазифаҳои тағйироти куллии шуур, рӯҳия ва ҷаҳонбинии одамонро тақозо менамояд. Дар ин шароитҳо шуури сиёсӣ дар раванди мубориза бо падидаҳои номатлуб, бо он чи ки антиподҳои ҷомеаи демократӣ номида мешавад, ташаккул меёбад. Ҳамаи ин масъалаҳо дар шароитҳои Тоҷикистон кам коркард гардида, ба таҳқиқи минбаъда ниёз доранд.

Қаҳрамонии ватандӯстии халқи тоҷикро баррасӣ намуда, сиёсатшинос С.С. Фатоев навишта буд, ки: «Маҳз дар давраи таҳкими давлатдории халқи тоҷик принсипи ҳамзистии сулҳомез ва ҳусни ҳамҷаворӣ сиёсати давлатӣ гардид, ин пурра ба рӯҳия ва анъаноти халқи сулҳпарвари тоҷик ҷавобгӯ буд, ки барои дӯстӣ ва мубодилоти дӯстона боз буд. Аз таҷрибаи таърихии халқи тоҷик, ки борҳо бо зӯроварӣ аз ҷониби истилогарони аҷнабӣ гирифтор гардидааст, лекин ҳеҷ гоҳ ба кредои миллии худ хиёнат накардааст, дарси сулҳ ва ҳусни ҳамҷаворӣ бармеояд. Ба ин, тоҷиконро ҳамеша осори бойи маънавӣ, фарҳанг, давомати анъанаҳо уҳдадор месохт. Онҳо ҳеҷ вақт шарафу номус ва эътибори миллии худро аз даст надодаанд»[1].

Дар робита бо тасдиқоти С.С. Фатоев қайд намудан зарур аст, халқи тоҷик дар тӯли таърихи мавҷудияти худ ҳамеша мардонагӣ ва ватандӯстӣ нишон дода, Ватани худро ҳифз менамуд, саъю кӯшиши дигар халқҳоро эҳтиром мекард, барои устувории дӯстӣ байни халқҳо ва миллатҳо истодагарӣ мекард. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки халқи тоҷик ҳамеша сулҳпарвар буд, лекин дар тӯли асрҳо ҳуввияти миллии худро ба туфайли фарҳанги худ нигоҳ дошт.

Дар баробари ин, дар Тоҷикистон тамоми роҳҳо ва воситаҳои ташаккулёбии ватандӯстии ҳар як инсон фаъол гардонида мешаванд. Системаи тарбияи ҳисси ватандӯстии халқи ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби

---

[1] Фатоев С.С. - Эмомали Рахмонов: Наша цель-единство, согласие, сознание. Душанбе, «Ирфон» 2000 - С. 108

Ҳукумат коркард гардидааст, роҳҳо ва воситаҳои асосии фаъолияти идеологиро дар бар мегирад. Дар ин система вазифаҳои тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, каналҳои гуногуни кори идеологӣ, мактабҳо, макотибҳои олӣ, васоити ахбори оммаи Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Таҳлили таҷрибаи амалии Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки солҳои охир натиҷаҳои тарбияи ватандӯстии халқ, махсусан ҷавонон беҳтар гардидааст.

Имрӯз хусусияти рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон – гуногунтаркибии ҳаракати ватандӯстона мебошад. Мавҷудияти спектри васеи ҳизбҳои ватандӯстии сиёсӣ ва ташкилотҳо оиди ба таври пурра ҳал нагардидани вазифаҳои эҳёи миллӣ ва ҷалби ба он алоқаманди намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ба ин ҳаракат шаҳодат медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки дар ҷумҳурӣ болоравии иқтидори тарбиявии фарҳанг, санъат ва маорифи тоҷик ҳамчун омилҳои муҳимми ташаккулёбии ватандӯстӣ ба амал меояд.

Рафтори иҷтимоии одамон боз ҳам на бо маҳакҳои ахлоқӣ, балки бо ҳолатҳои фоидаи моддӣ муайян карда мешавад, мутобиқшавии аҳолӣ ба масъалаҳои мавҷудияти рӯзмарра бевосита мутаносибан бо одаткунӣ ба муносибатҳои бозоргонӣ ва дигар муносибатҳо ва арзишҳои бо он вобаста меафзоянд.

Омӯзиши рафтори як қисмати шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дарки нодурусти ватандӯстӣ ва арзишҳои бо он алоқаманд ба тамоюлоти афзуншавии иқтидори зуҳуроти зиддиҷамъиятӣ, пурзӯршавии патологияи иҷтимоӣ, экстремизм, афзоиши ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, зӯроварӣ ва бетараҳҳумӣ меоранд, ки онҳо таҳдиди ногузир на танҳо ба насли наврас, инчунин ба бозсозии ҷомеа мебошад. Инчунин, бенавошавии аксарияти оилаҳо, аз даст додани ҷойи кор аз ҷониби мутахассисони ихтисосманд, ҳамлаи дастаҷамъонаи идеологияи ғарб бо воситаи васоити ахбори омма, шиддат ёфтани ҷинояткорӣ рӯҳияи ватандӯстии ҳам калонсолонро, ки бояд насли наврасро тарбия

намоянд, паст менамояд. Барои ҳамин самараи тарбияи ватандӯстӣ дар оилаи имрӯзаи тоҷик хеле кам аст. Дарки имрӯзаи ватандӯстӣ бо бисёрвариантӣ, гуногуншаклӣ ва тобишҳои гуногуни маъноӣ тавсиф мешавад.

Дар тӯли солҳои охир ҳаммонандии (самоидентификация) ватандӯстии тоҷик хеле устувор аст. Мафҳуми ватандӯстӣ боз ҳам дар шуури оммавӣ аз сарбории манфӣ нисбати кишварҳои боқимонда озод мегардад. Танҳо 10-14%-и донишҷӯён намехоҳанд худро ватандӯстони Тоҷикистон ном баранд, вақте ки 76 %-и онҳо ошкоро худро ватандӯстони Тоҷикистон меҳисобанд[1]. Лекин, чунин таносуби ватандӯстон ва ғайриватандӯстон то кунун тағйирнопазир мемонад.

Дар Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолият вазифаи ташаккулёбии насли наврасе, ки Ватани худро дӯст медорад, хусусиятҳои мусбӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ тамоюлноки худро барои манфиатҳои ҷомеа ва Ватан равона месозад, хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз рӯи ақидаи мухотабон, имрӯз барои пурзӯрсозии тарбияи ватандӯстии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чорабиниҳои зерин гузаронида шаванд:

- тарбияи ватандӯстӣ дар боғча, мактаб, макотиби олӣ, оила;
- беҳтар сохтани шароитҳои зиндагии аҳолӣ (ташкили ҷойҳои нави корӣ, баландбардории музди меҳнат, пешниҳоди манзили истиқоматӣ);
- мавзӯоти зиёди самти ватандӯстона дошта дар ВАО;
- зиёд кардани теъдоди филмҳо ва адабиёти бадеӣ дар мавзӯи ватандӯстӣ;
- намунаи шахсӣ, намунаи қаҳрамонони ҷанг;
- ташвиқи бачагон ба машғулиятҳои варзишӣ, дастрасии сексияҳои варзишӣ барои онҳо;
- баландбардории эътибору нуфузи мамлакат;

[1] См. Тураева З. Студенческий молдежь в условиях трансформации обшества.Душанбе.2014.- С.53. 94

- ташкили фароғати ҷавонон:

- маблағгузории чорабиниҳои самти ватандӯстона дошта ва одамони дар он машғул;

- дар низоми маълумоти миёна ва олӣ бояд принсипҳои асосии тарбияи ватандӯстона коркард карда шаванд, ки дар мувофиқа бо онҳо тамоми раванди таълим бояд дорои самти аниқи ватандӯстона бошад, аз ҷумла ташкили омӯзиши рамзҳои давлатии ҷумҳурӣ, тартиби истифодабарии расмии парчами давлатӣ, нишон ва суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- фароҳамории шароитҳои мусоид барои иштироки васеи васоити ахбори омма, телевизион, шабаки интернет дар тарғиби ватандӯстӣ, ташаккулёбии фармоиши давлатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти дорои самти ватандӯстона аз ҷониби ташкилотҳои фарҳанг, санъат ва васоити ахбори омма, зиёд кардани теъдоди озмунҳо, семинарҳо, конверенсияҳо оиди масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон бо истифодаи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ.

Ҳамин тариқ, имрӯз низоми мутаносиб оид ба тарбияи ватандӯстӣ зарур аст, ки тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад. Раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ дорои характери серҷанба мебошад ва аз масъалаҳои беҳтар сохтани сифати зиндагии шаҳрвандон иборат аст.

Аввалин маротиба дар солҳои охир ба нишонаҳои сиёсати иҷтимоӣ ва сиёсат дар соҳаи маориф идеалҳои шуури ватандӯстӣ – хизмат ба Ватан, садоқат ба он, тайёр будан ба иҷрои қарзи шаҳрвандӣ нисбат дода шудааст. Аҳамияти низоми тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун асоси муттаҳидсозии ҷомеа ва таҳкими давлатдорӣ эътироф карда шудааст.

Бартарии масъалаҳои тезу тунд дар ташаккулёбии худогоҳии ватандӯстона ва таъхирнопазирии ҳалли онҳо дар сатҳи давлатӣ қайд карда шудааст. Аз ин рӯ, сиёсати давлатии тарбияи ватандӯстии

шаҳрвандони Тоҷикистон тарҳи консептуалӣ – барномавӣ ва амалӣ ба худ касб менамояд.

Дар мувофиқа бо талаботҳои низоми тарбияи ҳисси ватандӯстии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳ ва нақши он, мақсадҳои асосӣ ва масъалаҳои ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии халқҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол аниқ муайян карда шудаанд. Ба дарназардошти ин, мо пеш аз ҳама объектҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, педагогӣ, ахлоқӣ, методологӣ ва субъектҳои тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии халқҳоро нишон медиҳем. Инчунин, дар асоси сиёсати давлатӣ тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун раванди муттаҳидсозӣ, мутобиқгардонӣ ва идоракунӣ баррасӣ гардидааст. Ин кори бисёрсатҳа дар шароитҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама роҳбаладӣ тарбияи ватандӯстӣ буд. Аз ин сабаб таҳлили системаи тарбияи ватандӯстӣ нишон медиҳад, ки имрӯз ин система аҳамияти муҳим дорад. Дар шароитҳои муосир нақш ва аҳамияти системаи тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон дучанд мегардад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мо моҳият, мақсадҳо ва самтҳои асосии тарбияи ҳисси ватандӯстии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ хоҳем дод.

Иҷрокунандагони вазифаҳо ва роҳбаладони мақсадҳои тарбияи ватандӯстӣ субъектҳои фаъолияти тарбиявӣ мебошанд, ки ба сифати онҳо давлат дар шахсияти мақомотҳои вилоятӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимият, муассисаҳои таълимии тамоми сатҳҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои динӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, оила, коллективҳои меҳнатӣ ва ҳарбӣ, васоитҳои ахбори омма ва ғайра баромад менамоянд. Субъекти тарбияи ватандӯстӣ метавонад шахси алоҳида низ бошад – шаҳрванди қаторӣ ва ё намояндаи ҳокимияти давлатӣ, ки ватандӯстӣ, садоқат ба қарзи шаҳрвандии худро зоҳир менамояд ва намунаи барангезанда ва тимсол барои тақлид мегардад. Ба қатори онҳо роҳбарони давлат, субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо, коллективу ташкилотҳои гуногун шомиланд.

Субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ бо имконияту воситаҳои махсусгардонидашуда масъалаҳои тарбияи ватандӯстии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ ва шаҳрвандони Тоҷикистонро ҳал менамоянд.

Тарбияи ватандӯстӣ бояд нақшавӣ, мунтазам ва яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати давлатии Тоҷикистон дар ҷодаи фаъолияти тарбиявӣ бошад.

Сохтори чунин система ҳатман муттаҳидсозии фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти иҷроия, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳоро дар мувофиқа бо Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар марказ ва ҳам дар минтақаҳо пешбинӣ менамояд.

Системаи тарбияи ватандӯстӣ дар Тоҷикистон аз муассисаҳои мувофиқи давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, заминаи меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва маънавӣ – ахлоқии фаъолияти тарбиявӣ, маърифатӣ, ва оммавӣ – маърифатӣ, инчунин комплекси чорабиниҳо оид ба ташаккулёбии шуур ва ватандӯстӣ дар Тоҷикистон иборат мебошад. Чи хеле ки маълум аст, системаи тарбияи ватандӯстӣ дар Тоҷикистон тамоми сатҳҳои фаъолияти тарбиявиро аз оила, муассисаҳои таълимӣ, коллективҳои меҳнатӣ, ҳарбӣ ва дигар коллективҳо оғоз карда, то мақомоти олии давлатиро фаро мегирад. Он ташкили чорабиниҳои дорои самтнокии ватандӯстиро ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ дар коллективҳои алоҳида ва ҳам гузаронидани корҳои инфиродӣ – тарбиявиро бо шахси алоҳида дар бар мегирад.

Дар баробари ин, ҷойгоҳи махсусро дар системаи тарбияи ватандӯстӣ оила ишғол менамояд. Маҳз дар оила, ҳамчун ячейкаи ибтидоии ҷомеа, раванди тарбияи шахсият, ташаккул ва рушди ватандӯстӣ оғоз гардида, минбаъд дар коллективҳои маорифпарварӣ – тарбиявӣ, меҳнатӣ, ҳарбӣ, муассисаҳои фарҳангӣ – маърифатпарварӣ, дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ давом меёбад

Дар мувофиқа бо таҷрибаи амалии Тоҷикистон дар системаи тарбияи ватандӯстӣ таркиботи муҳимми он кори оммавии тарбияи ватандӯстӣ мебошад, ки доимо аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо иштироки фаъоли васоити ахбори омма, намояндагони иттиҳодияҳои илмӣ ва эҷодӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии собиқадорон, ҷавонон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, конфессияҳои асосии динииии мамлакат ташкил ва гузаронида мешаванд.

Системаи тарбияи ватандӯстӣ ташаккулёбии мақсадноки мавқеи фаъоли шаҳрвандонро бояд таъмин намояд, ба воридсозии ҳамаҷонибаи он ба ҳалли масъалаҳои умумидавлатӣ мусоидат намояд, шароитҳоро барои инкишофи тафаккури давлатии шаҳрвандон, одати амал кардан дар мувофиқа бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон фароҳам орад. Он бояд ҳам ҷавононро тайёр созад ва ҳам намояндагони дигар наслҳоро ба чунин характери фаъолияти фаъол талқин намояд, ки дар он донишҳо ва таҷрибаи ҳаётӣ бо мавқеи қарзи шаҳрвандӣ ва алоқамандӣ бо тақдири Ватан, манфиатҳои шахсӣ бо манфиатҳои ҷамъиятӣ муттаҳид мешаванд.

Системаи тарбияи ватандӯстӣ наметавонад дар шакли тағйирнаёбанда монад. Тағйиротҳо ва рушди он ҳам бо дастовардҳои вазифаҳои аввалиндараҷаи системаи тарбияи ватандӯстӣ, ва тағйиротҳое, ки дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа, инчунин бо шароитҳои нави ҷаҳони муосир шартнок карда шудааст.

Масъулият барои амаликунии системаи тарбияи ватандӯстӣ ба зиммаи давлат, ҳамчун субъекти дорои масъулияти баланд ва муҷаҳҳаз гузошта шудааст, ки ин аз ҷавобгарии маънавӣ онҳоро барои амаликуниимутақобила бо ҷомеа ва шаҳрванд озод намекунад. Дастовардҳои сатҳи мазкури самаранокӣ ва самарабахшии амаликунии системаи тарбияи ватандӯстӣ бо маҷмӯи шароитҳои муайян ва таъминоти ҳаматарафа ба даст меояд, ки онро дар фаъолияти амалӣ бояд ба ҳисоб гирифт.

Яке аз шартҳои муҳимми ташаккулёбии ватандӯстӣ таъминоти меъёрӣ – ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ мебошад, ки он аз мукаммалсозии базаи қонунгузорӣ ва муайянсозии мавқеи иҷтимоӣ – ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ, нақш, мавқеъ, вазифаҳо, функсияи ҳар як мақомоти давлатӣ, идора, ташкилот, ҳамчун қисматҳои таркибии низоми ягонаи тарбияи ватандӯстӣ бо баҳисобгирии хусусиятҳо ва тағйиротҳои он, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат дар солҳои охир ба вуқӯъ омадаанд,; таъсиси базаи меъёрӣ – ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ дар низоми маориф иборат мебошанд.

Дар мувофиқа бо таҳлили натиҷаҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ, мо чунин мешуморем, ки таъминоти методӣ коркарди бунёдии комплекси барномаҳои таълимӣ ва махсус, методикаи ташкил ва гузаронидани тарбияи ватандӯстӣ, истифодаи тамоми гуногуншаклии шаклу воситаҳои педагогиро бо баҳисобгирии хусусиятҳои ин ва ё он категорияи аҳолӣ; рушд ва мукаммалсозии шаклҳо ва методҳои тарбия, ки вазорату муассисаҳо, институтҳои тарбия ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ амалӣ месозанд; ҷамъбасти натиҷаҳои коркардҳои илмӣ – методӣ, иттилоотонӣ дар бораи навгониҳо дар ин соҳа аз ҷониби намояндагони системаи маориф, ташкилотчиёни кори оммавии ватандӯстона; нашри мунтазами адабиёти мувофиқ, ки ба ин соҳаи фаъолият бо баҳисобгирии таҷрибаи педагогии ватанӣ ва хориҷӣ равшанӣ меандозад; гузаронидани экспертизаи барномаҳои гуманитарӣ ва тарбиявиро бо мақсади ошкорсозии хусусиятҳои ташаккулёбии шуур ва ҳисси ватандӯстии бачагон, ҷавонон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

Дар робита бо ин, солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминоти иттилоотии тарбияи ватандӯстӣ, тайёрӣ ба хизмати сазовор ба Ватан ба сифати арзишҳои муҳим дар шуур ва ҳиссиёти шаҳрвандон; истифодаи фаъоли қисматҳои тарбияи ватандӯстӣ дар васоити ахбори омма ва бо ин бартарафсозии қолибҳои маъмулӣ ва комплексҳои дорои

унсури манфӣ; муқобилиат ба тамоми кӯшишҳои обрӯрезонӣ, беқурбшавии арзишҳои ватандӯстона дар васоити ахбори омма, адабиёт ва санъат; истифодаи мақсаднок ва эҷодии имкониятҳои мусбии ғояҳои ватандӯстӣ дар раванди амаликунии фаъолияти тарбиявӣ бо тамоми категорияҳои насли наврас ҳангоми иштироки фаъолонаи институтҳои мувофиқи иҷтимоӣ ва давлатӣ, махсусан вазоратҳо ва идораҳои асосии Вазорати маориф ва илм, Вазорати Мудофиа, Вазорати фарҳанг, Кумитаи варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти Тоҷикистон самаранок истифода бурда мешаванд.

Таъминоти илмӣ – назариявӣ маънии ташкили таҳқиқотҳоро дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ ва истифодаи натиҷаи онҳоро дар фаъолияти амалӣ; коркарди тавсияҳои методиро оид ба масъалаҳои ташаккул ва рушди шахсияти шаҳрванд; ғанигардонии мазмуни тарбияи ватандӯстӣ бо воситаи воридсозии қисматҳои фарҳангӣ – таърихӣ, маънавӣ – ахлоқӣ, идеологӣ ва дигар қисматҳо ба он дар асоси дастовардҳои муҳимми соҳаи илмҳои иҷтимоӣ - гуманитарӣ; асосноксозии илмии роҳҳои ҷалби шаҳрвандон, махсусан насли наврас ба арзишҳои ватандӯстона ва азхудкунии маънавии онҳоро дорад.

Таъминоти амаликунии мутақобилаи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи тарбияи ватандӯстӣ баландбардории самаранокии ин система, имкониятҳои функсионалии он, худидоракунии комиссияҳои байниидоравӣ ва байнимитақавӣ ва шӯроҳоро оиди татбиқи мақсаду вазифаҳои тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон; коркарди модели татбиқи самтҳои асосии фаъолиятро оид ба тарбияи ҳисси ватандӯстии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, санҷиши истифодабарии онро дар як қатор минтақаҳои мамлакат пешбинӣ менамояд.

Нақши бузург дар ташаккулёбии ватандӯстӣ ба таъминоти кадрӣ мансуб аст, ки он ташкили тайёрии мутахассисонеро, ки қодиранд

самаранок дар сатҳи талаботҳои муосир масъалаҳои тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандонро ҳал намоянд; баландбардории нақш ва имкониятҳои вазорату идораҳо, минтақаҳои мамлакатро дар тайёрии мутахассисон оид ба кори тарбиявӣ бо категорияҳои гуногуни одамон: интихоби пешакии онҳо, азнавтайёркунӣ, баландбардории тахассуснокии онҳоро пешбинӣ менамояд.

Дар Тоҷикистон солҳои охир нақш ва аҳамияти тарбияи молиявӣ – иқтисодӣ хеле васеъ истифода бурда мешавад. Таъминоти молиявӣ – иқтисодии тарбияи ватандӯстӣ маънии расонидани кумаки молиявиро аз ҳисоби маблағҷудокунии воситаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ барои татбиқи барномаҳои тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон дорад, ки дар вазоратҳо, идораҳо, минтақаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии барои ин кор манфиатдор коркард гардидаанд; ҷалби сохторҳои истеҳсолотӣ ва соҳибкорӣ ба ҳалли масъалаҳои баландбардории самаранокии тарбияи ватандӯстӣ; маблағгузории хароҷотҳои мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия, ташкилотҳое, ки чорабиниҳои барномаи давлатиро дар мувофиқа бо гурӯҳбандии идоравии хароҷотҳои буҷети давлатӣ татбиқ менамоянд; маблағгузории чорабиниҳои барномаҳои минтақавӣ аз ҳисоби маблағҳои мувофиқро дорад.

Фароҳамории ин шароитҳо ба рушди фаъолнокии иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон ва мукаммалсозии идораи тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд.

Мазмуни идоракунии системаи тарбияи ҳисси ватандӯстии Тоҷикистон аз таҳлил, баҳогузорӣ, пешгӯӣ ва амсиласозии вазъи раванди тарбияи ватандӯстӣ дар мамлакат бо баҳисобгирии тамоюлоти рушди ҷамъиятӣ; муайянсозӣ ва гузориши вазифаҳои ҷорӣ ва дурнамои фаъолияти тарбиявӣ; банақшагирии илман асосноккардашудаи тарбияи ватандӯстӣ; интихоб, омӯзиш, ҷобаҷогузории кадрҳо; мониторинги вазъ ва амаликунии кори тарбиявӣ ва мунтазам ба мақомотҳои ҳокимияти иҷроия пешниҳод намудани маълумот дар бораи раванди татбиқи

вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ; ислоҳи саривақтии системаи таъсиррасониҳои тарбиявӣ; ташкили илмии меҳнати мураббиён бо воситаи методҳо ва технологияҳои пешқадами кори тарбиявӣ бо тамоми категорияи шаҳрвандон иборат мебошад.

Механизми идоракунӣ аз таркиботи меъёрӣ – қонунгузорӣ ва пурмазмун: санаду ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ; барномаҳои таълимӣ; меъёру қоидаҳои комилан ташаккулёфта, ки дар ҷомеа ва коллектив вуҷуд доранд; шароитҳои зиндагӣ ва меҳнат; ҳавасмандгардониҳои шахсӣ ва коллективӣ – талаботҳо ва манфиатҳо; арзишҳои маънавӣ ва ғайра иборат аст.

Давлат идоракунии системаи тарбияи ватандӯстиро амалӣ намуда, аз институтҳои ҷамъиятӣ низ хеле васеъ истифода менамояд. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи консепсияҳои тарбияи ватандӯстии халқи ҷумҳурӣ, иҷроиши барномаҳои давлатӣ, нақшаҳои тарбияи ватандӯстиро таъмин намуда, дар самти таъмини захираҳои молиявӣ ва моддии субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ чораандешӣ намуда, аз рӯи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ роҳбарӣ намуда, барои ҷоннок намудани системаи тарбияи ватандӯстӣ фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро бо ҳам мутобиқ менамояд.

Мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия иҷроиши қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон, муқарраротҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандонро таъмин менамояд, дар ҳудуди салоҳиятҳои худ барномаҳои (нақшаҳои) идоравии тарбияи ватандӯстиро коркард намуда, иҷроиши онҳоро ташкил менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккулёбии тарбияи ватандӯстӣ чораҳои гуногуни аниқ истифода бурда мешаванд. Мақомоти ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия бо мақсади таъмини иҷроиши муқарраротҳои Консепсия, барномаҳо ва нақшаҳои давлатии тарбияи ватандӯстӣ ҳамкорӣ менамоянд; ба мақомотҳои давлатии ҳокимияти иҷроия пешниҳодҳоро оиди

мукаммалсозии системаи тарбияи ватандӯстӣ ворид менамоянд; барномаҳои (нақшаҳои) дарозмуддати минтақавии тарбияи ҳисси ватандӯстиро коркард намуда, татбиқи онҳоро амалӣ месозанд; дар якҷоягӣ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ чорабиниҳоро оиди ҷалби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ба ҳалли вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ мегузаронанд.

Дар шароитҳои муосир барои идоракунии системаи тарбияи ватандӯстӣ, татбиқи стратегияи умумӣ дар ин соҳаи фаъолият, муттаҳидсозии саъю кӯшишҳои вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ва ҳаракатҳо таъсиси сохторҳои байниидоравӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Таркиб ва ваколатҳои онҳо бо санадҳои мувофиқи ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Дар сатҳи давлатӣ чунин сохтор Комиссияи ҳукуматӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоии ҳарбиён, шаҳрвандон, ки аз ҳизмати ҳарбӣ озод озод гардидаанд ва хешовандони онҳо, дар вазоратҳо ва идораҳо - шӯроҳои ҳамоҳангсозӣ оиди ба тарбияи ватандӯстӣ дар мақомоти ҳокимияти иҷроияи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ - шӯроҳои ҳамоҳангсозии минтақавии байниидоравӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ махсуб меёбанд. Шӯроҳои ҳамоҳангсозӣ ва шӯроҳои байниминтақавии байниидоравӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ бо қарори роҳбарони вазорату идораҳои муайян, сардорони ҳокимияти иҷроияи субъектҳои Тоҷикистон таъсис дода мешаванд.

Комиссияи ҳукуматӣ саъю кӯшишҳоро муттаҳид сохта, ҳамоҳангсозии доимии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро оиди татбиқи вазифаҳои барномаи давлатии тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон дар давраи муайян таъмин менамояд. Коркарди барномаҳои навбатии давлатиро оид ба тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон ташкил намуда, иҷрокунандагони асосии онро муайян месозад.

Комиссия пешниҳодҳои ба Ҳукумати Тоҷикистон ирсолгардидаро оиди баландбардории самаранокии тарбияи ватандӯстӣ баррасӣ намуда, назаротро аз рӯи истифодаи мақсадноки воситаҳои молиявӣ таъмин менамояд. Бо қарори комиссияи ҳукуматӣ мақомоти корӣ, таъсис дода мешавад, ки функсия ва ваколатҳои он аз ҷониби ин комиссия муайян карда мешаванд.

Шӯроҳои ҳамоҳангсозии минтақавии байнидоравии мақомоти ҳокимияти иҷроияи субъектҳои Тоҷикистон барномаҳои минтақавии тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандонро бо воридсозии корҳои аниқ ба он оиди иҷроиши чорабиниҳои барномаи давлатӣ коркард намуда, татбиқи онро амалӣ месозанд. Онҳо ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва диниро оиди дастгирӣ ва иҷроиши чорабиниҳо дар самти тарбияи ватандӯстӣ амалӣ намуда, маблағгузории чорабиниҳои барномаҳои минтақавиро аз ҳисоби маблағҳои субъектҳои Тоҷикистон таъмин месозанд.

Баҳогузории натиҷаи тарбияи ватандӯстӣ дар асоси истифодаи системаи маҳакҳои объективӣ амалӣ мегардад, ки аз мақсаднокии раванди тарбиявӣ ва характери системавии он; асосноксозии илмии методҳо ва истифодаи технологияҳои муосири таъсиррасонии тарбиявӣ; фарохии фарогирии объектҳои тарбия иборат мебошанд. Маҳаки асосии самарабахшӣ сатҳи ватандӯстӣ ҳамчун яке аз тавсифоти асосии шахсияти ҷудогона ва инчунин шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад, ки дар ҷаҳонбинӣ, муқаррарот ва арзишҳо, рафтор ва фаъолияти барои ҷомеа пураҳмият, зоҳир мегардад.

Натиҷаи ниҳоии амаликунии системаи тарбияи ватандӯстӣ бояд пешрафти маънавӣ ва фарҳангӣ, таҳкими давлат ва қобилияти мудофиавии он, ба даст овардани суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бошад. Маънавиёти баланд, мавқеи шаҳрвандӣ, шуури ватандӯстии тоҷикистониён ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз бисёр чиҳат муайян хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, натиҷаи асосии татбиқи Консепсия иҷроиши барномаи давлатии «Тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон» ва коркарди барномаи давлатии тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон барои давраҳои минбаъда, барномаҳои мувофиқ аз ҷониби мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия, мақомоти ҳокимияти иҷроияи субъектҳои Тоҷикистон, ташкил ва иҷроиши онҳо мебошад.

Муқарраротҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки дар Консепсия дарҷ гардидаанд, замина барои ҳалли масъалаҳои муҳимми тарбияи ватандӯстӣ, баландбардории фаъолнокии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди иҷроиши функсияҳои аҳамияти иҷтимоидошта дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошанд.

Консепсияи мазкур ба азнабаҳодиҳии як қатор тасаввуротҳои анъанавӣ дар ҷодаи тарбияи ватандӯстӣ ва фароҳамории шароитҳо барои тамоюлоти инноватсионӣ дар ташкилот, шаклҳо ва методҳои фаъолияти амалии институтҳои мувофиқи давлатӣ оид ба ташаккулёбии шуури ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон мақомоти равона карда шудааст.

Консепсия дорои характери кушода мебошад, ва ба принсипҳои демократӣ такя менамояд. Иштироки тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, минтақаҳои мамлакат, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои илмӣ ва ташкилотҳо дар мукаммалсозӣ ва рушди он пешбинӣ гардидааст.

Аз рӯи рушди рӯзафзуни Тоҷикистон ва татбиқи амалии системаи тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон муқарраротҳои ҷудогонаи Консепсия метавонанд дар мувофиқа бо қонунгузории давлатӣ, санадҳои меъёрии Президенти Тоҷикистон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Паёмҳои Президенти мамлакат муайян ва аниқ карда шаванд.

Консепсия бояд ба фаъолноксозии назарраси барои ҷомеа ва давлат муҳимми самти сиёсати давлатӣ – тарбияи шаҳрвандони Тоҷикистон

ҳамчун ворисони бошуур ва арзандаи таърихи ватанӣ, фарҳанг, арзишҳо ва анъанаҳо  дар ягонагии асосҳои миллии ба худ хос ва умумибашарӣ, инчунин  баландбардории фаъолнокии иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд мусоидат намояд.

Бо дарназардошти таҳлили дар боло овардашудаи ҷойгоҳ ва нақши системаи тарбияи ватандӯстӣ бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботҳои чунин система чорабиниҳои аниқ оиди ташаккулёбии ҳисси ватандӯстии халқҳо гузаронида мешаванд. Бузургии ҷойгоҳ  ва нақши системаи тарбияи ватандӯстӣ аз он иборат аст, ки дар он вазифаҳо ва функсияҳои ҳар як инсон, коллектив, ҳар як мақомоти давлатӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма  дар ташаккулёбии мунтазам ва самараноки ҳисси ватандӯстии халқҳои Тоҷикистони соҳибихтиёр аниқ муайян карда мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло дар бораи раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ ва нақши он дар ҳаёт ва фаъолияти халқи тоҷик барнамеояд, ки тамоми масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ аллакай ҳалли худро ёфтаанд. Баръакс, онҳо боз ҳам маънии нав ба худ касб менамоянд.  Зарурияти баландбардории сатҳи тарбияи ватандӯстӣ бо рушди сохтори ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон ва дӯстии халқҳои мамлакати мо  асоснок карда мешавад. Ба сифати ҷанбаҳои асосии ин зарурият, аз нуқтаи назари мо, баромад менамоянд:

якум, мубориза бо  боқимондаҳои миллатгароӣ вазифаи наздиктарин ва бевоситаи тарбияи ватандӯстӣ боқӣ мемонад;

дуюм, тарбияи мунтазами ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони ҷумҳурии мо барои дарки дуруст ва ҳалли масъалаҳои муносибатҳои демократии миллӣ ва дурнамои рушди онҳо зарур аст;

сеюм, тарбияи ҳисси ватандӯстии одамон бевосита бо вазифаҳои таҳкими дӯстии халқҳо,  муҳаббат ба Ватан, ғамхорӣ оиди тараққиёт ва иқтидори он, бо корномаҳои оммавӣ  барои ҳифзи Ватан;

чорум, болоравии нақш ва аҳамияти тарбияи ҳисси ватандӯстии одамон бо хусусиятҳои муборизаи идеологӣ шартнок карда шудааст.

Самти асосии ғоявӣ – сиёсии ташаккулёбии ватандӯстӣ, интернатсионализм, инсондӯстӣ ва ҷаҳонбинии одамон аз он иборат аст, ки ба масъалаҳои рӯзмарраи мураккаб ва мушкили ҷомеаи демократӣ дуруст сарфаҳм равем.

Симои нави Тоҷикистони соҳибистиқлолро тавсиф намуда, Президенти Мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд, ки: «Бо вуҷуди ин, дар шароитҳои хеле мураккаб солҳои охир корҳои зиёд барои таъсиси истиқлолияти нави давлатии Тоҷикистон, ба давлат баргардондани ҳуқуқу имкониятҳояш, суботи вазъияти ҷамъиятӣ – сиёсӣ – нишондиҳандаи муҳимми ҷомеа корҳои бисёр анҷом дода шудааст».[1]

Ҳамаи ин дастовардҳо заминаҳои муҳимми ташаккулёбии самараноки идеалҳои ватандӯстӣ ва таҳкими дӯстии халқҳои Тоҷикистон гардиданд.

Дар таҳкими ҳисси ватандӯстии халқи тоҷик нақши муҳимро «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» мебозад. Дар Мурочиатномаи маҷлиси муассисони «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» аз 20 июни соли 1997 гуфта мешавад, ки: «Мо, намояндагони интихобгардидаи халқ аз шаҳрҳо ва деҳоти Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дар ҷаласаи муассисони «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» бо мақсади мусоидат ба барқароршавии сулҳ ва таҳкими ягонагии Ватани азиз, барои пойдорӣ ва ягонагии халқҳои Ҷумҳурӣ, эҳёи озодӣ ва истиқлолияти Тоҷикистони соҳибистиқлол, таъсиси давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ва муттаҳид гардидан ба иқтидори офарандаи тамоми ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ташкилотҳои гуногуни сиёсӣ, касбӣ, эҷодӣ, динӣ ва шахсиятҳои ҷудогона барои маҷрои ягонаи азнавсозии мамлакат ҷамъ

[1] Рахмонов Э.Ш. -Таджикистан на пороге будущего. Душанбе «Шарки озод» 1997 С. 15.

омадем»[1]. Бо дастгирии «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» дар ҷумҳурӣ шӯроҳо, ташкилотҳои ибтидоӣ ва кумитаҳо дар аксарияти деҳаҳо, ноҳияҳо, дар марказҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ таъсис дода шуда ва амал мекунанд, ки дар онҳо ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, зиёиён, рӯҳониён, коргарону деҳқонон, донишҷӯёну собиқадорони ҷангу меҳнат, мактаббачагон бо мақсади таҳкими соҳибихтиёрии миллӣ ва истиқлолияти Тоҷикистон муттаҳид карда шудаанд. Вазифаи асосии ҳаракат – муттаҳидсозии саъю кӯшишҳои табақаҳо ва қувваҳои гуногуни Тоҷикистон доир ба тасдиқи сулҳи шаҳрвандӣ ин боварии дуҷониба ва ризоият оиди баровардани ҷомеа аз бӯҳрон, таҳкими ягонагии давлат ва ҳамгирой ба иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ, таҳким ва васеъсозии демократия, риояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Таҷрибаи амалии «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» нишон медиҳад, ки дар тӯли мавҷудияти худ байни аҳолии ҷумҳурӣ чорабиниҳои гуногун оиди ташаккулёбии тарбияи ватандӯстӣ гузаронида мешуданд. Барои ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолӣ зарур аст, ки тамоми фишангҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ истифода бурда мешаванд. Кори идеологии ғоявӣ – тарбиявӣ аҳамияти калон дорад ва имконият фароҳам меорад, ки бевосита ба шуур ва ҳиссиёти инсон таъсир расонда, дар бартарафсозии босуръат ва мақсадноки камбудиҳо кумак намуда, шуур ва иродаро ба азхудкунии арзишҳои умумиинсонӣ, тамоми донишу дастовардҳои фарҳанг равона месозад, ки онҳоро инсоният дар тӯли таърихи бисёрасрааш коркард намудааст.[2]

Имрӯз вазъияти иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ дар Тоҷикистон баландбардории сатҳи шуурнокӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқро талаб менамояд. Дар алоқа бо ин зарурияти масъалаҳои

[1] Движение национального единства и возрождения Таджикистана -. – Душанбе «Шарки озод», 1997. С.35

[2] Движения национального единства и возрождения Таджикистана. - Душанбе «Шарки озод» 1997. С. 37.

ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолӣ ба миён меояд. Солҳои охир як қатор чораҳои муайян қабул гардиданд.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки дар даврони шӯравӣ дар Тоҷикистон муассисаҳои бузурги илмӣ – таҳқиқотӣ таъсис дода шуда, шабаки муассисаҳои фарҳангӣ – маърифатӣ васеъ гардида, фарҳанги миллӣ рушд ёфтааст, кадрҳои миллӣ ташаккул дода шуда, шароитҳои фарҳангӣ – маишии халқи тоҷик беҳтар гардонида шудаанд. Ин тағйиротҳо ба ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон мусоидат намуданд. Имрӯз дар Тоҷикистон зиёда аз 1500 китобхона, 1270 муассисаҳои клубӣ, 1134 асбоби филмнишондиҳӣ мавҷуд аст, 11 театри касбӣ ва 13 театри халқӣ, 45 боғи фарҳанг ва истироҳат, 32 осорхона фаъолият менамояд. [1]

Яке аз воситаҳои муҳимми ташаккулёбии идеалҳои ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон нақш ва аҳамияти илм мебошад. Бояд қайд намуд, ки барои озодшавии халқи тоҷик аз ғуломӣ ва торикии чандинасраи маънавӣ, илм нақши бевосита дорад. То ғалабаи Инқилоби Октябр дар Тоҷикистон ягон муассисаи илмӣ ва ягон корманди илмӣ вуҷуд надошт; дар тӯли мавҷудияти ҳафтодсолаи ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистон муассисаҳои сершумори илмӣ – таҳқиқотӣ таъсис дода шуданд. Имрӯз ҳам дар Ҷумҳурӣ қариб 2500 корманди илмӣ фаъолият менамояд, ки байни онҳо зиёда аз 300 докторони илм ва 2200 номзади илм мебошанд. Дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 институтҳои илмӣ – таҳқиқотӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 1500 корманди илмӣ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 80 доктор ва зиёда аз 1200 номзади илм мебошанд.[2] Имрӯз Тоҷикистон моҳиятан ҷумҳурии сар то сар саводнок мебошад. Кишваре, ки дар он то Инқилоби Октябр аҳолиаш қариб ки пурра бесавод буд, имрӯз бошад ба яке аз

[1] Текущий архив Министерства Культуры Республики Таджикистан за 2007года
[2] Текущий архив Академии Наук Республики Таджикистан за 2007 год.

мамлакатҳои маданӣ табдил ёфтааст ва ба қуллаҳои баланди илму маориф расидааст.[1]

Имрӯз диалектикаи рушд ва таҳкими Тоҷикистони соҳибистиқлол талаб менамояд, ки идеалҳои ватандӯстӣ ба эътиқоди идеалии шахсии ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ табдил гарданд. «Эътиқодро» метавон ҳамчун раҳнамои аз ҷиҳати зеҳнӣ асоснок кардашуда, эҳсосоти аз сар гузаронидашуда, аз ҷиҳати маънавӣ нисбати воқеият даркгардида муайян кард, ки заминаи ботинии рафтори инсон, роҳнамои амалҳо гардидааст. Дар асоси эътиқод боварӣ ба ҳақиқӣ будани донишҳо, ғояҳо, муҳокимаҳо, идеалҳо нуҳуфтааст: онҳо ҳамеша бо системаи ҷамъбастии ақидаҳои инсон нисбати ҷаҳон, алоқаи мутақобилаи ашёҳо ва падидаҳо сидқан омехта гардидаанд. Намудҳои гуногуни эътиқод бо он тавсиф мешаванд, ки онҳо метавонанд барандаи асоси илмӣ бошанд, лекин метавонанд бардурӯғ низ бошанд ва ба гузашта, имрӯза таалуқ дошта, ва ё пешгӯикунанда бошанд. Эътьиқодҳо дорои тавсифоти сифатнок низ мебошанд.  Нақш ва аҳамияти эътиқодҳоро дар ҳаёти ҷомеа баҳогузорӣ намуда, Г.Е. Глезерман навишта буд, ки: «Донишҳои фарди алоҳида ҳамеша маҳдуданд,  ҳатто агар дорои методикаи ғанигардонӣ бошанд» Агар дар ӯ азхудкунии амиқи ихтисоси худ бо дараҷаи донишии васеи илмӣ ва ҷамъиятӣ – сиёсӣ мувофиқат намояд, онгоҳ ӯ бо боварӣ ҳамқадами замон шуда метавонад. Аз донишҳо то эътиқод, аз эътиқод ба амал. Танҳо ҳамин тавр эътиқоди ғоявӣ ташаккул меёбад. Хамчун заминаи  эътиқоди ғоявӣ на танҳо донишҳои канда-канда, балки донишҳое хизмат менамоянд, ки далелҳо ва қонунҳои ҷудогонаро фаро мегиранд, ки ба низом дароварда шудаанд ва тасаввуроти ягонаро дар бораи ҷаҳон ва мавқеи инсон дар ин ҷаҳон меофаранд»[2]

---

[1] Раджабов С. -Независимость священна. - Душанбе, 1997, - С. 98.

[2] Глезерман Г.Е. -Рождения нового человека. Проблемы формирования личности при социализме.
Москва 1982, - С.110.

Бо таҷрибаи таърихӣ исбот карда шудааст, ки на ҳамаи донишҳо ба эътиқод табдил мегарданд. Танҳо донише чунин шуда метавонад, ки барои инсон аҳамияти ҳаётӣ дорад ва ба ӯ маънии ҳаётро ошкор месозад, нишон медиҳад, ки ба сӯи чӣ ҷидду ҷаҳд намуда, саъю кӯшиши худро ба куҷо равона созад. Дар натиҷа дар ин инсон эътиқоди мустаҳками ғоявӣ ташаккул меёбад. Дар алоқа бо ин тасдиқ кардан мумкин аст, ки ватандӯстӣ ва эътиқоди ғоявӣ дорои алоқаи зич буда, аз якдигар вобастагӣ доранд.

Таҳлили таҷрибаи амалии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароитҳои муосир вазифаи муҳимтар аз ташаккулёбии ватандӯстӣ вуҷуд надорад. Дар баробари ин вазифаи аз ин мураккаб ҳам вуҷуд надорад. Чунки муҳаббат ба Ватан – ҳисси аз бисёр ҷиҳат, чи хеле ки файласуфи рус Иван Ильин гуфта буд, беихтиёрона (инстинктивӣ) аст. Бинобар ин, бояд дар ботини ҷавонон ҳисси ватандӯстии бахобрафтаро бояд бедор кард. Маҳз бояд бедор кард, на ба зӯрӣ бор кард. Дилхунук шудан аз Ватан номумкин аст. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки дарки ватандӯстӣ аз ҷониби одамон гуногун аст: яке бо воситаи табиат ва ё санъати диёраш, дигаре – бо воситаи таърихи он, сеюмин – бо воситаи боварҳои динӣ, инчунин баъзеҳо бо воситаи хизмати ҳарбӣ онро дӯст медоранд. Бешубҳа, чи қадаре ки одамон ҳастанд, ҳамон қадар роҳҳо низ вуҷуд доранд.

Академик Д.С. Лихачев навишта буд, ки: «Ватандӯстӣ – ин ҳиссиёти хеле бошарафона мебошад. Ин ҳатто ҳиссиёт не – ин паҳлӯи муҳимми фарҳанги шахсӣ, ва фарҳанги ҷамъиятӣ, рӯҳ… мебошад». Яъне, байни фарҳанг ва ватандӯстӣ алоқаи мутақобила вуҷуд дорад: ватандӯстро ташаккул дода, мо инсони бофарҳангро ташаккул медиҳем. Чи хеле ки гуфта шуд, тарбияи ватандӯстӣ – ин кори амиқи шахсӣ ва маъсулиятноки давлатӣ мебошад. Дар алоқа бо ин файласуф И.А. Ильин тавсия медиҳад, ки омилҳои зерин: забон, сиёсат, зиндагиномаи қисасулавлиёҳо,

қаҳрамонон, назм, таърих, артиш, ҳудуд, хоҷагӣ, оила, коллектив, муҳити иҷтимоӣ истифода бурда шаванд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, бояд қайд намуд, ки тарбияи ватандӯстӣ дар замони ҳозира ва оянда ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад. Роҳҳои ташаккулёбии он, ғайр аз гуфтаҳои боло, хеле зиёд аст. Сарчашмаҳои бепоёни маънавиёти халқи тоҷик: адабиёти классикӣ, мусиқӣ, наққошӣ, хайкалтарошӣ, фолклор мебошад, ки онҳоро бояд васеъ истифода намуд. Арзиши воло ва миллии мо сарчашмаҳои «Авасто», «Шоҳнома» ва «Сиёсатнома» мебошанд, ки таърихи зиёда аз 1000 доранд ва имрӯз ҳам хеле мубрам арзёбӣ мегарданд. Ташаккулёбии ватандӯстӣ бо воситаи эҳтиром ба мукофотҳо, сарулибоси афсарӣ, бо воситаи риояи расмиёти ҳарбӣ, бо воситаи кодекси шарафу номуси афсарон амалӣ карда мешуд.

Тамоми ин дар Артиши подшоҳӣ ва шӯравӣ то дирӯз амал мекард. Имрӯз бошад ин самтҳо хеле заиф гардидаанд. Шарафу номуси сару либоси ҳарбӣ бошад – ин тартибот, далерӣ, вафодорӣ ба қарзи ватандорӣ аст.

Тартибяи ватандӯстӣ - ин фаъолияти мунтазам ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ оиди ташаккулёбии шуури баланди ватандӯстӣ, ҳисси садоқат ба Ватани худ, тайёрӣ ба иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва уҳдадориҳои конститутсионнӣ оиди ҳифзи манфиатҳои Ватан мебошад.

Ватандӯстии давлатӣ – ин ватандӯстии сиёсӣ аст, ки дорои се шакл аст: шахсиятӣ, халқӣ ва миллӣ. Шакли шахсиятӣ ба одамон хос аст, ки барои онҳо манфиати шахсӣ дар ҷойи аввал меистад. Шакли халқӣ – манфиатҳои халқро инъикос менамояд, ки уҳдадориҳои афзалиятноки ҷамъиятии шахсиятро инъикос менамоянд. Шакли миллӣ – манфиатҳои миллиро инъикос менамояд. Ватандӯстии тоҷикона дорои хусусиятҳои худ мебошад, ки ин бо ҷаҳони эҳсосотии Инсон маънидод карда мешавад.

Ватандӯстӣ бо се сатҳ муайян карда мешавад:

Ба сатҳи якум сатҳи беихтиёрона нисбат дода мешавад, ки дар намуди образҳо ва тасаввуротҳои архетипӣ дар бораи ватан – модар пешниҳод мегардад.

Сатҳи дуюм – ин сатҳи фаъоли иродавӣ мебошад, ки аз ҳиссиёте, ки шахсиятро ба фаъолияти ватандӯстона водор месозад асос ёфтааст.

Сатҳи сеюм – сатҳи олии шуур – сатҳи идеологӣ мебошад. Бо воситаи азхудкунии таҷрибаи ватандӯстӣ, ки дар меъёрҳои маънавӣ, урфу одатҳо, анъанаҳо, арзишҳо устувор карда шудааст, барномаҳои фардӣ ва гурӯҳии рафторӣ аз худ карда мешаванд.

Тамоми ҳаракатҳо ва ҳизбҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ватандӯстии конститутсиониро дастгирӣ менамоянд, ки ин маънии тайёрии шаҳрванд ва инсонро ба риояи қонунҳои конститутсионӣ ва тарафдории сиёсати давлатиро дорад..

Тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккул ва рушди шахсият равона карда шудааст, ки дорои сифатҳои шаҳрванд – ватандӯсти Ватани худ мебошад, ки қодир аст уҳдадориҳои шаҳрвандии худро дар замони ҳам осоишта ва ҳам замони ҳарбӣ бомуваффақона иҷро намояд. Унсури таркибии тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ тарбияи шаҳрвандон дар мувофиқа бо қонуни давлатӣ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» мебошад.

Рӯйдодҳои солҳои охир тасдиқ менамоянд, ки парокандашавандагии иқтисодӣ, тафриқаи иҷтимоии ҷомеа, беқурбшавии арзишҳои маънавӣ ба шуури ҷамъиятии гурӯҳҳои зиёди иҷтимоӣ ва синнусолии мамлакат таъсири манфӣ расонида, таъсири тарбиявии фарҳанги тоҷик, санъат ва маорифро ҳамчун омилҳои муҳимми ташаккулёбии ватандӯстӣ якбора паст карданд. Аздастдиҳии ботадриҷи шуури ватандӯстии анъанавии тоҷикӣ ба назар мерасад. Равандҳои объективӣ ва субъективӣ моҳиятан масъалаи миллиро тезутунд намуданд. Ватандӯстӣ дар баъзе ҷойҳо ба миллатгароӣ мубаддал гашт. Аз бисёр ҷиҳат таъинот ва дарки аслии

интернатсионализм  аз даст рафт. Дар шуури ҷамъиятӣ фориғболӣ, худпарастӣ, фардият, беномусӣ, хушунати беасос, муносибати беэҳтиромона ба ватан ва институтҳои иҷтимоӣ хеле васеъ паҳн гардид. Тамоюлоти устувори пастравии нуфузи хизмати ҳарбӣ ва давлатӣ намудор мегардад.

Дар ин шароитҳо ҳалли бечунучарои масъалаҳои тезу тунди системаи тарбияи ватандӯстӣ  дар сатҳи давлатӣ ҳамчун асоси муттаҳидсозии ҷомеа ва таҳкими давлатдорӣ ба миён меояд.

То ки саъю кӯшишҳои мақомотҳои давлатии ҳокимияти иҷроия, мақомоти ҳокимияти иҷроияи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид карда шаванд, сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон ва системаи давлатии тарбияи ҳисси ватандӯстонии аҳолӣ, ки ба ин сиёсат мувофиқат менамояд, зарур аст.  Он бояд аз сохторҳои мувофиқи давлатӣ, базаи меъёрӣ – ҳуқуқии фаъолияти тарбиявӣ дар тамоми сатҳҳо, аз коллективи ибтидоӣ оғоз намуда, то мақомотҳои олии ҳокимияти давлатӣ иборат буда, инчунин маҷмӯи чорабиниҳоро оиди ташаккулёбии ватандӯстӣ  ва шуури халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар гирад.

Рӯйдодҳои қаҳрамононаи таърихи ватанӣ, дастовардҳои бузурги мамлакат дар соҳаи сиёсат, иқтисод, илм, фарҳанг ва варзиш боз ҳам сифатҳои идеалҳои маънавиро нигоҳ доштаанд, ки ин заминаҳои воқеиро барои коркарди маҷмӯи чорабиниҳо оиди тарбияи ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон бо баҳисобгирии тамоюлотҳои то имрӯз ташаккулёфта ба миён меорад, ки бо муттаҳсидсозии ҷомеа ва баландбардории ватандӯстӣ, равонасозии саъю кӯшишҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ  ба минтақаҳо алоқаманд аст, ки ҷомеаи онҳо муносибати манфиро ба сепаратизм нишон дода, ба зарурияти иштироки фаъолонаи марказ  дар чорабиниҳои самти ватандӯстидошта, ки дар маҳалҳо гузаронида мешаванд, ишорат менамоянд.

Системаи тарбияи ватандӯстӣ ташаккул ва рушди арзишҳои барои ҷомеа арзишнок, шаҳрвандият ва ватандӯстиро дар раванди тарбияи ва таълим дар муассисаҳои таълимии тамоми навъҳо ва сатҳҳо; кори оммавии ватандӯстона, ки аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳо ташкил ва амалӣ карда мешаванд; фаъолияти ахбори омма, ташкилотҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо, иттифоқҳои эҷодӣ, ки ба баррасӣ ва равшанӣ андохтан ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ, ташаккул ва рушди шахсияти шаҳрванд ва муҳофизатгари Ватан равона карда шудаанд, пешбинӣ менамояд.

Институти асосие, ки ташкил ва амаликунии тамоми системаи тарбияи ҳисси ватандӯстиро таъмин менамояд, давлат мебошад.

Сохтани чунин система муттаҳидсозии фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, ташкилотҳои собиқадорон, ҷавонон,а дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, иттифоқҳои эҷодиро доир ба ҳалли маҷмӯи васеи масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар асоси методҳои барномавӣ ва сиёсати ягонаи давлатӣ дар мувофиқа бо Консепсияи амнияти миллиии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

Муаллифони ин нашрияҳо омилҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ташаккулёбии ҳисси ватандӯстиро баррасӣ намуда, мураккабият ва душвории онҳоро нишон додаанд. Онҳо дар асоси омӯзиши таҷрибаи амалии ҷомеаи демократӣ роҳҳо ва воситаҳои асосии ташаккулёбии ватандӯстӣ ва тарбияи амалии одамонро ҳам дар мамлакатҳои муштаракулманофеъ, ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок кардаанд. Чи хеле ки маълум аст, масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстӣ дар шароитҳои истиқлолияти Тоҷикистон масъалаи муҳим ва асосӣ дар таъмини рушди иҷтимоӣ – сиёсӣ ва амнияти миллиии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстӣ яке аз соҳаҳои арзишманд ва мураккаби тарбия мебошад, чунки дар он на танҳо тамоюлоти мувофиқи ҷаҳонбинӣ,

идеалҳо ва принсипҳо, инчунин барқароршавии хислатҳои зарурии шахсиятӣ ба амал меоянд, ки фаъолияти ҳаётии шаҳрванди ҷавонро дар шароитҳои ҷомеаи муосири демократии тоҷик таъмин менамояд.

Тарбияи ватандӯстӣ – ин фаъолияти мунтазам ва мақсаднок оид ба ташаккулёбии шуури олии ватандӯстӣ, ҳисси садоқат ба Ватан, тайёрӣ ба иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва уҳдадориҳои конститутсионӣ оиди ҳифзи манфиатҳои Ватан дар шаҳрвандони ҷавон мебошад. Дар баробари ин, тарбияи шаҳрвандият ташаккулёбии мавқеи фаъоли шаҳрвандии шахсият, худмуайянкунии шаҳрвандӣ, дарки озодии ботинӣ ва масъулиятро барои интихоби шахсии сиёсӣ ва маънавӣ тақозо менамояд. Ҳамаи ин бартарияти хусусиятҳои махсуси маънавӣ – психологиро ба монанди: ҷасорати шаҳрвандӣ, нотарсӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ, инчунин эътиқодмандӣ ва маҳорати исрор кардани нуқтаи назари худро тақозо менамояд. Дар баробари ин, дар шароитҳои демократикунонии ҷомеаи тоҷик чунин хусусиятҳои шахсият ба монанди пуртоқатӣ ва эҳтироми ақоиди шахсони дигар, маҳорати боварӣ ҳосил кунондан ва ё қабули нуқтаи назари шахси дигар аҳамияти калон дорад.

Тамоюлоти устувори пастшавии эътибори хизмати ҳарбӣ ва давлатӣ ба миён меояд. Масалан, кафедраҳои ҳарбии макотибҳои олии ҷумҳурӣ, ки бевосита дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон ширкат меварзанд, баста мешаванд ва дар ин шароитҳо зарурияти офариниши системаи ташаккулёбии шаҳрвандият ва ватандӯстӣ дар макотибҳои олӣ ба миён меояд. Ин низом бояд аз базаи мувофиқи методии фаъолияти тарбиявӣ ва маҷмӯи чорабиниҳо оиди ташаккулёбии ватандӯстӣ ва шуурнокии шаҳрвандони ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат бошад.

Системаи тарбияи ватандӯстӣ ташаккул ва рушди арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ арзишнок, шаҳрвандият ва ватандӯстиро дар раванди таълим ва берун аз он; кори оммавии кафедраҳо ва шӯъбаҳои институтҳоро, ки ба баррасӣ ва равшанӣ андохтан ба масъалаҳои

тарбияи ватандӯстӣ ва таъсири онҳо ба ташаккул ва рушди шахсияти шаҳрванд ва муҳофизи Ватан равона карда шудаанд, тақозо менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, аз нуқтаи назари мо, барои ташаккулёбии ҳисси ватандӯстии ҷавонони донишҷӯй маъалаҳои зерин бояд ҳалли худро ёбанд:

- баландбардории мавқеи иҷтимоии тарбияи ватандӯстии ҷавонони донишҷӯй;

- гузаронидани сиёсати илман асосноккардашудаи ташкилӣ оиди тарбияи ватандӯстӣ ;

- баландбардории сатҳи мазмун, методҳо ва технологияҳои тарбияи ватандӯстӣ дар макотиби олӣ дар асоси амаликунии мутақобилаи сохторҳои таълимӣ – тарбиявӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии макотиби олӣ, ташкилотҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ;

- ташаккулёбии шаҳрвандияти баланди шахсият, эҳтиром нисбати қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фарҳанги шаҳрвандӣ – ҳуқуқии ҷавонони донишҷӯй;

- тарбияи шаҳрвандият ва ташаккулёбии мавқеи фаъоли шаҳрвандии шахсият, худмуайякуни шаҳрвандӣ, дарки озодии ботинӣ ва масъулият барои интихоби сиёсӣ ва маънавӣ;

- ташкили шуурнокии миллии тоҷикӣ, ҳиссиёт ва кайфияти ватандӯстии ҷавонон ҳамчун ангезаи фаъолият. Баҳогузории натиҷабахшии Барномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси истифодабарии системаи маҳакҳои объективӣ амалӣ карда мешавад ,ки онҳо ба сифати нишондиҳандаҳои ҷамъбастии арзишӣ баромад менамоянд. Онҳо бо ченакҳои маънавӣ – ахлоқӣ ва миқдорӣ пешниҳод гардидаанд. Дар ин ҷо ченакҳои ахлоқӣ – маънавӣ аҳамияти муҳим доранд:

- баландбардории тҳаммулпазирӣ, камкунии дараҷаи зиддиятҳои идеологӣ дар доираи донишҷӯён;

- таъминоти шавқмандии донишҷӯён дар рушди иқтисоди миллӣ, пасткунии шиддатнокии иҷтимоӣ дар ҷомеа;

- зуҳуроти муқарраротҳои ҷаҳонбинӣ ба тайёрии ҷавонон барои ҳифзи Ватан;

- баландбардории псатҳи татбиқи иқтидори эҷодии донишҷӯён дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ ;

- гузаронидани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ оиди масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ;

- ҳавасмандгардонии донишҷӯёне, ки мунтазам дар кори иттиҳодияҳои ватандӯстӣ, клубҳо, марказҳо ширкат меварзанд;

- гузаронидани намоишгоҳҳои дорои самти ватандӯстӣ;

- гузаронидани озмунҳо, фестивалҳои дорои мавзӯоти ватандӯстӣ;

- гузаронидани бозиҳои ҳарбӣ - варзишӣ;

- мукофотонии донишҷӯёне, ки дар татбиқи чорабиниҳои барномаи давлатии ташаккулёбии ватандӯстӣ ширкат меварзанд.

Ҳамин тариқ, имрӯз бештари саҳифаҳои таърихи халқи мо мавриди азнавбаҳодиҳӣ қарор дода шудаанд. Давраи муосир талаб менамояд, ки ба ақоиду эътиқодҳои пештар шикастнопазир имрӯз бо таври дигар назар андозем. Лекин эҳтиром ба гузаштаи мамлакати худ устувору қавӣ боқӣ мемонад. Аз нуқтаи назари мо, ватандӯстӣ – ин мавқеи асосии ҳаётии шаҳрванди мамлакат мебошад.

Бо вуҷуди ин, тарбияи ватандӯстӣ – кори якрӯза нест. Онро мумкин аст ва бояд доимо тарбия кард. Махсусан дар ин рӯзҳои душвор, вақте ки дар ҷаҳон терроризми байналмилалӣ ҳукмрон аст, экспансияи ШМА меафзояд, ва инчунин вазъияти дохилии ҷумҳуриро ҳам пурра ором арзёбӣ кардан мумкин нест. Ҳамаи ин дар назди ҳар як инсон, давлат ва ҷомеа вазифаҳои аниқи ташаккулёбии ватандӯстии устувор, шуурноки баланд, фарҳанг ва ҷаҳонибинии одамонро мегузорад.

Замини тоҷикон – диёри дорои табиати бою ғанӣ, анъаноти устувор ва аз ҷиҳати рӯйдодҳои таърихӣ бою ғанӣ мебошадю Боз ҳам амиқтар ба

умқи таърих рӯйдоҳои қаҳрамонона ва фоҷиабори Ҷанги Бузурги Ватанӣ мераванд ,лекин дар хотираҳои мо номҳои он нафароне, ки бо баҳои ҷони худ шарафу номус ва истиқлолияти Ватани моро нигоҳ доштаандҳамеша дар лавҳаи хотираамон нақш мебандад. Бинобар ин, Ватан аз писарону духтарони худ талаб менамояд, ки ҳар яки он маъсулияти бузургро барои тақдири давлат эҳсос намуда, аниқ дарк намояд, ки некӯаҳволии миллат аз худи мо, аз фидокорӣ, муташаккилӣ, тайёрӣ ба меҳнат, қобилияти баланди меҳнатии мо вобастагӣ дорад.

Аз нуқтаи назари мо, барои самаранокии ташаккулёбии ватандӯстӣ бояд масъалаҳои зерин ҳалли худро ёбад:

1. Омӯзиш ва тапҳлили асосҳои назариявии тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон;

2. Ташкили кор оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ бо мактаббачагони звенаҳои миёна ва болоӣ;

3. Коркарди тавсияҳо оиди мукаммалсозии системаи тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ дар мактаб.
